**АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН,
ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ
БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВ**

**Бо ҳуқуқи дастнавис**

**ВБД: 34.01+340 (576.3)
ТКБ: 67.6 ( 2 тоҷик)
Қ– 76**

**ҚОДИРЗОДА ТОҲИР ҚАМАР**

# ПРОБЛЕМАҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАШАККУЛИ ШУУРИ ҲУҚУҚИИ СУДЯҲО ДАР ПАРТАВИ ИСЛОҲОТИ СУДӢ-ҲУҚУҚӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Афтореферати
диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори
илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 –
Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот
дар бораи ҳуқуқ ва давлат**

**ДУШАНБЕ – 2024**

Диссертатсия дар шуъбаи масоили назариявии давлат ва ҳуқуқи муосири Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон анҷом дода шудааст

**Мушовири илмӣ:** **Бобоҷонзода Исрофил Ҳусейн,** доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент мудири шуъбаи масоили назариявии давлат ва ҳуқуқи муосири Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

**Муқарризони расмӣ:** **Ғафурзода Абдухалил Давлаталӣ** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, Муовини котиби генералии Ассамблеяи байнипарлумонии ИДМ-намояндаи комилҳуқуқи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ассамблеяи байнипарлумонии ИДМ;

**Диноршоҳ Азиз Мусо**, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, муовини якум, муовини директори иҷроия оид ба илм, инноватсия ва ҳамкории байналмилалии филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе;

**Элназаров Давлатшо Ходжаевич** – мудири кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор

**Муассисаи пешбар:** **Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон** (ш.Душанбе)

Ҳимояи диссертатсия 17 сентябри соли 2024, соати 10:00 дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-018-и назди ДМТ (734025, ш. Душанбе, кӯч. Буни Ҳисорак, бинои 11, толори Шурои диссертатсионии факултети хуқуқшиносӣ) баргузор мегардад.

Бо мухтавои диссертатсия тавассути сомонаи www.tnu.tj ва дар китобхонаи марказии ДМТ (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17) шинос шудан мумкин аст.

Автореферат «____» ____________ соли 2024 тавзеъ шудааст.

**Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент** **Назаров А.Қ**

# МУҚАДДИМА

**Мубрамияти мавзуи таҳқиқотӣ.** Дар шароити муосири дигаргуниҳои куллии иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва ислоҳотҳои ҳуқуқӣ, дар шароити ҷаҳонишавии тамаддунҳо ва тағйиротҳои дигари ҷамъиятӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ташаккули ҷомеаи мутамаддини шаҳрвандӣ ва давлати ҳуқуқбунёд нақши ҳокимияти судӣ, огоҳии шуури ҳуқуқии судӣ ва татбиқи ҳуқуқ махсусан меафзояд.

Вобаста ба ин дар мамалакат як силсила ислоҳотҳои судӣ-ҳуқуқие гузаронида шудаанд, ки онҳо ба ҳамаи ҷанбаҳои ҳаёти ҳуқуқии ҷомеа ва пеш аз ҳама, ба ташаккул ва таҳкими мақомоти судӣ таъсири мусбӣ расониданд. Бинобар ин барои такмил додани қонунгузории ҶТ дар ин самт гузаронидани таҳқиқотҳои назариявӣ-илмие заруранд, ки барои таъмини мустақилияти судяҳо ва баланд бардоштани шуури ҳуқуқии судяҳо мусоидат намояд. Аз ин рӯ, коркарди проблемаи шуури ҳуқуқии касбии судяхо аз ҷиҳати назария ва амалияи илми ҳуқуқшиносӣ зарур ба шумор меравад.

Возеҳу равшан аст, ки проблемаи шуури ҳуқуқӣ ва татбиқи ҳуқуқ кайҳо боз таваҷҷӯҳи олимони ҳуқуқшиносро ба худ ҷалб кардааст. Он дар асарҳои ҳам мутахассисон оид ба назарияи умумии давлат ва ҳуқуқ ва ҳам фанҳои ҳуқуқии соҳавӣ мавриди тарҳрезӣ қарор дода шудааст. Аммо қисми асосии таҳқиқотҳо оид ба масъалаҳои бамиёномада, даҳсолаҳо пеш аз ин интишор ёфтаанд ва мафҳуми онҳо асосан дарки назариявии проблемаи шуури ҳуқуқӣ ва татбиқи ҳуқуқро дар бар мегиранд. Ҷиҳати шуури ҳуқуқии судя ва ҳуқуқтатбиқкунӣ дар баррасии парвандаҳои судӣ бошад, дар адабиётҳои соҳавӣ ва маводи илмӣ, ба шакли масъалаҳои умумии татбиқи ҳуқуқ мавриди баррасӣ қарор ёфтаанд.

Тавре Президенти ҶТ Эмомалӣ Раҳмон дар паёми навбатӣ қайд намуданд: «Механизми муҳими ҳифзи ҳуқуқи инсон ва таъмини волоияти қонун мақомоти ҳокимияти судӣ мебошад»[1]. Президенти ҶТ Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо кормандони мақомоти судӣ ба интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳо диққати махсус дода, таъкид намуданд, ки ҳангоми пешниҳоди номзадҳо ба вазифаи судя донишу маҳорат ва сифатҳои ахлоқии онҳо мавриди омӯзишу санҷиш қарор дода шавад[2].

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар паёми навбатӣ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2024-ро ба ифтихори санаи бисёр муҳимми таърихӣ, 30 солагии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон намуданд.

---

[1] Ниг.: Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 апрели соли 2009 – [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: www.prezident.tj (санаи муроҷиат: 07.06.2023).

[2] Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо кормандони мақомоти судӣ, ш. Душанбе, 21.11.2019 – [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: www.prezident.tj (санаи муроҷиат: 07.06.2023).

Дар паём, Президенти ҶТ, қайд карданд, ки «Конститутсияи Тоҷикистони соҳибистиқлол, ки заминаи эъмори давлати мустақили миллӣ ва пешравии тамоми ҷанбаҳои ҳаёти мардуми кишварро фароҳам овардааст, яке аз дастовардҳои муҳимтарини мо мебошад. Амалӣ намудани меъёрҳои Конститутсия ба мо имкон дод, ки пояҳои устувори ҷомеа ва давлатро созмон диҳем, сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллиро таҳким бахшем, рушди устувори иқтисодии кишварамонро таъмин намоем, барои ҳар як шаҳрванди мамлакат шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро муҳайё созем»[3].

Дар Тоҷикистон сиёсати давлатӣ дар самти баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ ва таълиму тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон дар асоси як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба амал бароварда мешаванд[4]. Ҳуҷҷатҳои барномавии зикргардида дар баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқӣ ва тарғиби ҳуқуқӣ шароит фароҳам меоранд, ки шаҳрвандон аз ҳуқуқҳои худ истифода баранд, масъулият дошта бошанд, инчунин дар баланд бардоштани сатҳи шуури ҳуқуқии онҳо мусоидат менамоянд.

Новобаста аз тарҳрезии проблемаҳои шуури ҳуқуқӣ баъзе масъалаҳо, ба монанди шуури ҳуқуқии касбии судяҳо ҳоло ҳам мушкилотҳо, таҳқиқотҳои нокифояи ҷанбаҳои алоҳидаи ин проблема ҷой доранд. Пурсишҳои сотсиологии дар байни судяҳои судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронидашуда аз он шаҳодат медиҳанд, ки чораҳои андешидашуда ҳам дар қисми қонунгузорӣ ва ҳам сатҳи ташкилию ҳуқуқӣ ва сифату самаранокии қабули санадҳои судӣ ба пуррагӣ кифоя намекунанд. Махсусан кафолатҳои қонунии мустақилияти судяҳо, масъалаҳои ташкилию ҳуқуқӣ ва иҷрои санадҳои судӣ чӣ дар қонунгузорӣ ва чӣ дар амалия беҳбудиро талаб мекунад, ки ҳамаи ин дар натиҷа ба шуури ҳуқуқии судяҳо таъсири худро мерасонад.

Яке аз омили дигари онҳо масоили тарҳрезии илмии таносуби назарияи шуури ҳуқуқии касбии судяҳо мебошад. Муаллиф дар фаъолияти амалии зиёда аз сисолаи худ ба ҳайси судя оид ба зарурати алоқамандии назарияи ҳуқуқӣ ва амалия боварии комил зоҳир намуда, қайд мекунад, ки ҳаёти ҳуқуқӣ аксар вақт ҳолатҳои мухталифро ба вуҷуд оварда, бидуни таҳлил ва

---

[3] Ниг.: Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ». – Душанбе., Ҳафтаномаи «Мароми пойтахт». – №1 (779) аз 3.01.2024. – С. 7.

[4] Ниг.: фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 апрели соли 1997, № 691 "Дар бораи сиёсати ҳуқуқӣ ва таъмини тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон", қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 августи соли 1997, №383 "Дар бораи баъзе чораҳои беҳтар намудани тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон ва кори ҳуқуқӣ дар ҷумҳурӣ", қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2006, № 94 "Дар бораи тасдиқи Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон", «Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020–2030», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 ноябри соли 2019, № 599 тасдиқ карда шудаанд ва фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 феврали соли 2018, №1005 "Дар бораи Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018–2028" [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.adlia.tj (санаи муроҷиат 21.01.2020).

фаҳмиши назариявии онҳо ҳалли он душвориро ба миён меорад ва адабиёти махсус дар бораи шуури ҳуқуқии касбии судяҳо, ки роҳнамои ҳалли ин масъалаҳо бошад, кам аст. Аз ин лиҳоз, муаллиф аз таҷрибаи касбии бисёрсолаи худ ба хулоса омадааст, ки оид ба таҳкими ҳокимияти судӣ ва баланд бардоштани шуури ҳуқуқии касбии судяҳо, як зумра пешниҳодҳои назариявӣ-амалӣ коркард шавад. Дар ин замина, қайд мекунад, ки судяҳо бояд ҳангоми ба амал баровардани адолати судӣ, бо истифода аз арзишҳои ҳуқуқӣ, одату анъанаҳои ҳуқуқӣ, мероси фарҳанги ҳуқуқии миллӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, иттилоотонии раванди ҳуқуқтатбиқкунӣ, бозомӯзӣ, дарки падидаҳои ҳаёти ҳуқуқиро ба роҳбарӣ гирифта, фаъолияти касбии худро сифатан баланд бардоранд. Ҳамзамон, имконпазирии гузаронидани ислоҳоти судӣ-ҳуқуқиро дар доираи дигаргунсозиҳои иҷтимоию иқтисодии тамоми ҷомеа ба мақсад мувофиқ меҳисобад.

Бинобар ин, таҳқиқоти илмии масъалаҳои назариявии шуури ҳуқуқии касбии судяҳо дар алоқамандӣ бо таҷрибаи судӣ дар замони муосир зарурат-ро металабад ва интихоби мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии мазкур, маҳз бо дар назар доштани ҳамин гуфтаҳо асос ёфтааст.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ самараи тафаккури чандинсолаи муаллифро оид ба проблемаҳои ҳуқуқ ва татбиқи он дар алоқамандии зич бо проблемаҳои ислоҳоти судӣ дар кишвари мо ифода мекунад. Дар робита бо ин, таҳқиқоти диссертатсионии мазкур, бо рисолаи номзадии дар соли 2018 дифоъкардаи муаллиф дар мавзуи: «Проблемаҳои суиистифода аз ҳуқуқҳои субъективии гражданӣ», самти таҳқиқоти илмии интихобшуда ва дар он оғозшударо идома ва инкишоф медиҳад, ки ин як марҳила дар таҳқиқоти муаллиф оид ба масъалаи мутаносибии ҳақиқат ва шуури ҳуқуқии касбии судяҳо аст.

Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ муаллиф кушиш намудааст, ки нуқтаи назари худро баён намояд, лаҳзаҳои баҳснокро ҷудо намуда, таваҷҷӯҳро ба ақидаҳои нав ҷалб карда, фаҳмиши худро дар бораи масъалаҳои ҳуқуқӣ, ки дар ин самт ба миён меоянд, пешкаш намояд.

Ҳамзамон, мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ ин таҳлил ва омӯхтани омилҳое мебошанд, ки ба ҷараёни дар ҳаёт татбиқ намудани ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ душвориҳоро ба миён меоранд. Муаллиф аз нигоҳи назарияи илми ҳуқуқшиносӣ таваҷҷӯҳ зоҳир намудааст, ки роҳҳои ташаккули шуури ҳуқуқии касбии судяҳои замони муосир ва тағйир додани тафаккури фаҳмиши ҳуқуқ аз ҷониби судяҳо ва тамоми шахсоне, ки бо ин ё он тарз дар татбиқи ҳуқуқ ва дар баамалбарории адолати судӣ саҳм доранд, коркард намуда, ақидаҳои назариявӣ ва таклифҳои амалӣ пешниҳод намояд.

Ҳамин тавр, дарки назариявии проблемаҳои шуури ҳуқуқии судӣ дар сатҳи дастрасии бевоситаи онҳо дар таҷрибаи судӣ ва тавассути масъалаҳое, ки худи амалияи судӣ ба миён мегузорад, аҳаммияти мавзуи интихобшудаи таҳқиқоти рисолаи илмиро махсусан таъкид мекунад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Доир ба назарияи ҳуқуқ монография ва рисолаҳои илмие, ки махсус ба омӯзиши шуури ҳуқуқии судяҳо ва татбиқи

ҳуқуқ бо назардошти дастовардҳои афкори муосири илмӣ-ҳуқуқӣ ва ҷамъбасти таҷрибаи ҳуқуқии судӣ кам буда, оид ба баъзе паҳлуҳо ва ҷанбаҳои ин масъала аз ҷониби олимони Россия, ба монанди Сальников В.П.[5], Аверин А.В.[6], Байниязов Р.С.[7], Белканов Е.А.[8], Вопленко Н.Н.[9], Касаткин С.Н.[10], Малюткин А.В.[11], Ильин И.А.[12], Байтин М.И.[13] ва дигарон таҳқиқотҳо гузаронида шудааст.

Илова бар ин, оид ба масъалаҳои хусусият ва сарчашмаҳои ташаккулёбӣ ва рушди мақомоти ҳокимияти судӣ дар Тоҷикистон, ки бевосита ба болоравии шуури ҳуқуқии касбии судяҳо таъсирбахш аст, аз ҷониби Абдуллозода Ф.Н.[14], асосҳои ҳуқуқии ташкил ва фаъолияти Суди Олӣ, аз ҷониби Муродзода А.А.[15], ҳуқуқи инсон ва механизмҳои амалишавии он дар мурофиаҳои судӣ, аз ҷониби Искандаров З.Ҳ.[16], масъалаҳои назариявӣ ва конститутсионӣ-ҳуқуқии низоми ҳокимияти судӣ, мақоми судя аз нигоҳи талаботи конститутсионӣ аз ҷониби Мирзамонзода Х.М.[17], табиати ҳуқуқии

---

[5]Ниг.: Сальников, В.П. Правовая культура // Общая теория права. Курс лекций / Под общ. ред.: Бабаев В.К. – Нижний Новгород: Изд–во Нижегор. ВШ МВД РФ, 1993. – 544 с. – С. 500.

[6]Ниг.: Аверин, А.В. Судебное правоприменение и формирование научно–правового сознания судей (проблемы теории и практики) [Текст]. дисс… док. юрид. наук. 12.00.01 / А.В. Аверин. – Саратов 2004. –381с.

[7]Ниг.: Байниязов Р.С. Правосознание и правовой менталитет в России[Текст]: дисс… док. юрид. наук. / Р.С. Байниязов. – Саратов, 2006. – 349с.

[8]Ниг.: Белканов, Е.А. Структура и функции правосознания[Текст]: автореф. дис. ... канд. юрид. наук: – Екатеринбург, 1996. – 25с.

[9]Ниг.: Вопленко Н, Н, Правосознание и правовая культура: Учебное пособие. – Волгоград: Изд–во ВолГУ, 2000. – 52с.

[10]Ниг.: Касаткин С.Н. Правосознание как категория правоведения (теоретико–методологический аспект) [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук. Казань, 2003. – 170с.

[11]Ниг.: Малюткин А.В. Учение о правосознании в юридической мысли России: анализ основных теоретических концепций. Чебоксары, 2004. – 278 с.

[12]Ниг.: Ильин, И. А. О сущности правосознания / И. А. Ильин. – Собрание сочинений. – Т. 4. – М., 1994. – 237с.

[13]Ниг.: Байтин М.И. Сущность права (Современное нормативное правопонимание на грани двух веков). – М., 2005. – 544с.

[14]Ниг.: Абдуллозода Ф.Н. Хусусиятҳои ташаккул ва рушди Суди Олӣ дар Тоҷикистон ва Россия: давраи шуравӣ ва пасошуравӣ (таҳлили муқоисавии таърихӣ–ҳуқуқӣ) [Текст]: дис. … ном. илм. ҳуқуқ. – Душанбе, 2019. – 223 с.

[15]Ниг.: Мурадов А.А. Правовые основы организации и деятельности Верховного Суда Республики Таджикистан[Текст]: дис. … канд. юрид. наук. – М., 2014. – 190 с.

[16]Ниг.: Искандаров З.Х., Тураханова Д.Т., Каримова Т.Ф. Международные стандарты справедливого судопроизводства: Учебное пособие для студентов юридических факультетов / под ред. д. ю. н., проф. Искандарова З.Х. – Душанбе: Нашр, 2012. – 244 с.; Искандаров З.Ҳ. Ҳуқуқи инсон ва механизмҳои миллии ҳимояи он. – Душанбе: Эҷод, 2007. – 136 с.

[17]Ниг.: Мирзамонзода Х.М. Конституционно–правовые основы судебной власти в Республике Таджикистан / под общ. ред. д.ю.н. Диноршоева А.М. – Душанбе, 2021. – 168 с.; Мирзамонзода Х.М. Анализ реализации судебно–правовой реформы в Таджикистане и необходимость разработки концепции судебно–правой политики // Правовая жизнь. – Душанбе, 2020. – № 2 (30). – С. 133– 146.; Гафуров Х.М. Перспективы развития судов общей юрисдикции в условиях судебноправовой реформы в Таджикистане // Ислоҳоти судӣ дар Тоҷикистон:

санадҳои Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Раҳмон Д.С. [18], таърихи пайдоиш ва ташаккули ҳокимияти судӣ дар Тоҷикистон аз ҷониби Шоназаров С.А. [19] мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор дода шудаанд. Инчунин, масъалаҳои таърихии ташаккули ҳокимияти судӣ, низоми судӣ, ҷой ва нақши ҳокимияти судӣ дар низоми ҳокимияти давлатӣ, ахлоқ ва шуури ҳуқуқӣ ва дар умум фаъолияти ҳокимияти судӣ, дар асарҳои олимони ватанӣ, ба мисли Усмонов О.У.[20], Ойгензихт В.А.[21], Менглиев Ш.М.[22], Имомов А.И.[23], Иброҳимзода С.И.[24], Тағойназаров Ш.Т.[25], Бобоҷонзода И.Ҳ.[26],

---

мушкилот ва роҳҳои ҳали он (маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ–назариявӣ бахшида ба 40–солагии таъсисёбии кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ) / зери таҳрири ном. илм. ҳуқуқ, дотсент Маҳмудов И.Т. – Душанбе: Сино, 2014. – С. 121–138.

[18]Ниг.: Рахмон Д.С. Правовая природа актов Конституционного суда Республики Таджикистан[Текст]: дис. ... канд. юрид. наук. – Душанбе, 2019. – 177 с.

[19]Ниг.: Шоназаров С.А. Таърихи пайдоиш ва ташаккули ҳокимияти судӣ дар Тоҷикистон. – Нашри дуюм. – Душанбе: ЭР–граф, 2015. – 252 с.

[20]Ниг.: Усмонов, О.У. Гражданское право дореволюционного Таджикистана. // Труды юридического факультета. Вып.1. (Вопросы гражданского права и процесса) – Душанбе, 1972. – 132 с.; Усмонов, О.У. Становление советского гражданского права в Таджикистане. – Душанбе: Ирфон, 1973. – 159 с.

[21]Ниг.: Ойгензихт В.А. Избранные труды. – Душанбе: "Типография ТНУ", 2019. – 740 с.

[22]Ниг.: Менглиев Ш.М. Арбитражное рассмотрение внешнеэкономических споров. – Душанбе: "Эҷод", 2009. – 412с.; Менглиев Ш.М. Возмещение морального вреда. – Душанбе, 1998. – 132с.

[23]Ниг.: Имомов А.И. Укрепление государственности и создание гражданского общества в Таджикистане. – Душанбе, 2003. – 135 с.; Имомов А.И. Ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2017. – 768 с.

[24]Ниг.: Иброҳимзода С.И. Инкишофи падидаи конститутсионии адлияи маъмурӣ дар Тоҷикистон. Конститутсияҳои Тоҷикистон ва падидаҳои ҳуқуқи давлатӣ дар инкишофи давлатдории миллӣ. Зери назари Президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, академик Фарҳод Раҳимӣ ва номзади илмҳои фалсафа дотсент Назар М.А. – Душанбе, “Дониш”, 2019. – 620с. – С. 441–509.

[25] Ниг.: Тагайназаров Ш.Т., Бабаджанов. И.Х, Бадалов Ш.К., Бабаджанов Дж.Б. Жизнь и здоровье человека: современные проблемы правовой ответственности. – Душанбе: «ЭР–граф», 2010. – 452 с.

[26]См.: Бобоҷонов И.Ҳ., Давлатов С.А., Бадалов Ш.К. Мурофиаи гражданӣ: Намунаи ҳуҷҷатҳои судӣ. (васоити таълимӣ). Нашри дуюм. – Душанбе: «ЭР–граф», 2013. – 504 с.; Бобоҷонов И.Ҳ. Ҳимояи ҳуқуқҳои меросӣ дар суд. (васоититилмӣ–амалӣ). – Душанбе: «ЭР–граф», 2011. – 288 с.; Бобоҷонов И.Ҳ., Бадалов Ш.К., Кодиров Т.К., Уҳдадориҳои алиментдиҳӣ (дар назария ва амалия). – Душанбе: «ЭР–граф», 2012. – 272 с.; Бабаджанов И.Х., Сальников В.П. Материальный и духовный мир человека и общества как объект охранительных правоотношений: ценностный подход // Мир политики и социологии. Федеральный научно–практический журнал. – 2012. – №2. – С. 57–62; Бабаджанов И.Х. Сальников В.П. Правоохранительная деятельность как социальная ценность: некоторые вопросы правовой защиты человека, общества и государства // Мир политики и социологии. Федеральный научно–практический журнал. – 2012. – №7. – С. 57–64; Бабаджанов И.Х. Трансформация обычаев в праве на постсоветском пространстве. Мир политики и социологии. – Санкт–Петербург. – 2016. – №1. –С.180–198; Бабаджанов И.Х. Принцип состязательности и равноправия сторон в уголовном судопроизводстве. Материалы международной научно–практической конференции (Душанбе, 03 ноября 2016). – Душанбе: Ирфон, 2016. – С.53–57; Бабаджанов И.Х., Додозода А.М. Проблемы понимания вины в кон-

тексте эволюции научных исследований в сфере цивилистики. Юридическая наука: история и современность. – Санкт–Петербург. – 2017. – №5. – С. 87–95; Бабаджанов И.Х., Додозода А.М. Понятие вины применительно к юридическим и физическим лицам. Юридическая наука: история и современность. – Санкт–Петербург. – 2017. – №6. – С. 94–109; Бобоҷонзода И.Ҳ., Қодирзода Т.Қ. Хусусиятҳои хос ва таҷрибаи баррасии парвандаҳои оид ба бекор кардани ақди никоҳ (таҳлили муқоисавӣ). // Нашрияи Суди Олии Ҷумҳрии Тоҷикистон, №4, октябр–декабр 2018. – С. 70–77.; Бобоҷонзода И.Ҳ., Ҷавобгарии ҷинояти барои ҷиноятҳои хусусияти ифротгароӣ (экстремистӣ) ва террористидошта: дар назария ва амалия. // Қонунгузорӣ. – 2018. – № 3 (31). – С 80–87.; Бобоҷонзода И.Ҳ. Ҳуқуқи моликии занон дар замони Зардуштия. Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). // Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ. – Душанбе: "Сино" – №6. – 2018. – С. 223–228.; Бобоҷонзода И.Ҳ. Оқибатҳои ҳуқуқии талоқи маст ва бемор тибқи мактаби ҳуқуқии ҳанафӣ. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ. №7. Душанбе: "Сино" 2018. – С. 215–220.; Furthermore Бободжонзода, И.Х. Гаюров, Ш.К. Добросовестность в гражданском праве: некоторые проблемы теории и практики. // Правовая жизнь. – 2019. – №1 (25). январь–март – С. 88–103.; Бободжонзода И.Х. Возникновение и развитие новых институтов в гражданском процессуальном праве Таджикистана: Проблемы и перспективы. // Академичекий журнал. – 2019. – №2 (30). – С. 106–115.; Бободжонзода, И.Х. (Бабаджанов И.Х.)., Анушервонни Исрофил. Правовая система Республики Таджикистан в годы государственной независимости. // Правовая жизнь. 2019. – №3 (27). июль–сентябрь – С. 21–39; Бободжонзода И.Х., Кодирзода Т.К. Процессуальные препятствия и особенности механизма судебной защиты субъективных гражданских прав в гражданском процессе. // Законодательства. – 2019. – №3 (35). июль–сентябрь. – С. 87–98.; Бободжонзода И.Х., Кодирзода Т.К. Доступ к правосудию и особенности механизма судебной защиты субъективных гражданских прав в гражданском процессе. // Академический журнал. – 2019. – №3 (31). – С. 45–54.; Бободжонзода, И.Х., Кодирзода, Т.К. Гносеологические аспекты судебного правоприменения и его влияние на устойчивость судебных решений и независимость судей. // Законодательство. – 2020. – №1 (37). январь–март – С. 49–56.; Бободжонзода, Исрофил Хусейн (Бабаджанов Исрофил Хусейнович), Пулоди, Мавджуда Комил. Правовые основания на компенсацию морального вреда. [Текст] / И.Х. Бободжонзода, М.К. Пулоди Мир политики и социологии. Санкт–Петербург. 2019, №6. – С. 87–92.; Бободжонзода, И.Х. (Бабаджанов И.Х.), Кудратов М.А. О некоторых спорных институтах проекта Уголовного кодекса Республики Таджикистан: теория, законодательства и практика. Правовая жизнь. – 2020. – №4 (32). октябрь–декабрь – С. 6–18.; Бободжонзода, И.Х. Общетеоретические проблемы становления, развития и перспективы правового государства в Республики Таджикистан. // Сборник материалов международной научно–практической конференции (г. Уфа, 18 мая 2021 года). – Уфа: БашГУ, 2021. – 395 с. – С. 35–73.; Бободжонзода И.Х. Правоприменительная практика и механизмы судебной защиты субъективных гражданских прав // Правосознание и правовая культура как условие эффективности реализации права: проблемы теории, методологии и практики (монографическое исследование):/И.Х. Бободжонзода, А.Р. Нематов и др. – Душанбе, 2022. – С. 119–141; Бобоҷонзода И.Х., Кодирзода Т.К. Понятие правосознание и ее структурные элементы // Правосознание и правовая культура как условие эффективности реализации права: проблемы теории, методологии и практики (монографическое исследование):/И.Х. Бободжонзода, А.Р. Нематов и др. – Душанбе, 2022. – С. 15–26; Бобоҷонзода И.Х., Кодирзода Т.К. Проблемы правосознания и правовой культуры судей в процессе судебного правоприменения // Правосознание и правовая культура как условие эффективности реализации права: проблемы теории, методологии и практики (монографическое исследование):/И.Х. Бободжонзода, А.Р. Нематов и др. – Душанбе, 2022. – С. 106–118; Бобоҷонзода И.Ҳ. Ҳуқуқ ҳамчун арзиш ва арзишҳо дар ҳуқуқ: ҷанбаи назарӣ ва ҳуқуқӣ. Маводҳои I–умин Конференсияи илмӣ–амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Илми ҳуқуқшиносӣ ва амалияи он» бахшида ба Рӯзи илми тоҷик дар Академияи ВКД ҶТ (ш. Душанбе, 29 апрели соли 2022). Душанбе, 2022. – С. 72–80.

Шарофзода Р.Ш.[27], Холиқзода А.Ғ.[28], Диноршоев А.М.[29], Ализода З.[30], Шодиев И.Р.[31], Маҳмудов И.Т.[32], Холиков К.Н.[33], Маҳмудзода М.А.[34], Раҳимзода

---

[27]Ниг.: Шарофзода Р.Ш. Методологияи таҳқиқи мафҳуми «татбиқи ҳуқуқ» дар робита бо падидаҳо ва равандҳои нави ҳаёти ҳуқуқӣ. «Маҷалаи Академиявии ҳуқуқ», 2022. – №3 (43), – С. 23–31; Шарофзода Р.Ш., Шокиров Ғ.А. Иттилоотонии фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ: таҷрибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва давлатҳои дигари аъзои ИДМ // Ахбори ДДҲБСТ. – 2021. – № 4 (89). – С. 130–141; Шарофзода Р.Ш. – Деятельность современного государства в условиях усиления информационных вызовов и угроз // Юридическая наука: история и современность. – Санкт–Петербург, 2021. – № 10. – С. 175–188; Шарофзода Р.Ш., Қодирзода Т.Қ. Инкишофи заминаҳои илмӣ–методологии мафҳуми шуури ҳуқуқӣ. Маҷаллаи Академияи ҳуқуқ. – 2022. – №1 (41). – С. 44–53; Шарофзода Р.Ш. Ҳифзи амнияти иттилоотӣ – вазифаи мубрами давлати Тоҷикистон // Асосҳои таҳкими истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити таҳдидҳо ва хатарҳои иттилоотӣ. Маводи конференсияи илмӣ–амалии ҷумҳуриявӣ. Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 9–уми мари соли 2022. – Душанбе, 2022. – С. 5–18; Шарофзода Р.Ш. Актуальные задачи теории государства и права в переломные периоды исторического развития // Маводи якумин коференсияи идмӣ–амалии байналхалқӣ дар мавзӯи: «Илм ва амалияи ҳуқуқшиносӣ» бахшида ба рӯзи илми тоҷик. Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 30–юми апрели соли 2022. – Душанбе, 2022. –371с. – С. 342–349; Шарофзода Р.Ш. Правовое воспитание как условие формирования правовой культуры // Правосознание и правовая культура как условие эффективности реализации права: проблемы теории, методологии и практики (монографическое исследование): / Р.Ш. Шарофзода, И.Х. Боboджонзода, А.Р. Нематов и др. – Душанбе, 2022. – С. 27–38; Шарофзода Р.Ш. Правосознание населения как объект воздействия глобализационных процессов // Правосознание и правовая культура как условие эффективности реализации права: проблемы теории, методологии и практики (монографическое исследование): / Р.Ш. Шарофзода, И.Х. Бободжонзода, А.Р. Нематов и др. – Душанбе, 2022. – С. 38–46; Шарофзода Р.Ш. Правосознание как фактор эффективности правовой политики в Республике Таджикистан // Правосознание и правовая культура как условие эффективности реализации права: проблемы теории, методологии и практики (монографическое исследование): / Р.Ш. Шарофзода, И.Х. Бободжонзода, А.Р. Нематов и др. – Душанбе, 2022. – С. 46–60; Шарофзода Р.Ш., Раҷабзода Р.М. Фарҳанги ҳуқуқии касбии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ: мафҳум ва хусусиятҳои он // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ–иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе, ДМТ, 2022. – № 1. – С. 153–158; Шарофзода Р.Ш., Алимзода Ш.А. Шартномаи коллективӣ ҳамчун намуди шартномаи меъёрӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2022. – №4 – С.241–248; Шарофзода Р.Ш. Морально–нравственные императивы профессиональной деятельности сотрудников органов внутренних дел // Труды Академии МВД РТ. – 2022. –№ 1(53). – С. 76–85; Шарофзода Р.Ш. Истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар фаъолияти ҳуқуқтатбиқсозӣ // Самаранокии татбиқи ҳуқуқ ҳамчун омили таҳкими қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ. Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ (Душанбе, 14 июни соли 2022). – Душанбе, 2022. – С. 58–72; Шарофзода Р.Ш. Риски профессиональной правоохранительной деятельности в контексте интеграции правовых и моральных норм и ценностей // Труды Академии МВД РТ. – 2022. – № 2 (54) . – С. 46–54; Шарофзода Р.Ш. Ҳуқуқҳои инсон чун нишондиҳандаи моҳияти гуманитарии қонунгузорӣ // Маҷаллаи академии ҳуқуқ. – 2022. – № 2 (42). – С. 68–74.

[28]Ниг.: Холиқзода А.Ғ., Шосаидзода Ш.Ш. Бардоштҳои маънавӣ–ҳуқуқӣ аз Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шоҳроҳи бунёди давлати миллӣ. «Маҷаллаи Академиявии ҳуқуқ». – 2022. – №2 (42). – С. 26–37; Холиқзода А.Ғ. Қонуни миллӣ. Паёмии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ – иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2022. – №1. – С. 211–22; Холиқзода А.Ғ., Шосаидзода Ш.Ш. Таҳоҷуми иттилоотӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ ва роҳҳои ҳуқуқии ҳимоя аз он // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон

М.З.[35], Абдуллоев Н.[36], Азиззода У.А.[37], Нематов А.Р.[38], Буризода Э.Б.[39], Назаров А.К.[40], Абдулхонов Ф.М.[41], Тоҳиров Ф.Т.[42], Ализода Ш.Ш.[43], Шоҳиён

(маҷаллаи илмӣ–амалӣ). Нашрияи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ. – Душанбе, 2021. – № 3 (23). – С. 7–18; Холиқзода А.Ғ. Президент поягузориислоҳоти ҳуқуқию маънавии ҷомеа. Пешвои миллат ва рушди Тоҷикистони соҳибистиқлол // Маводи конференсияи илмӣ–амалии ҷумҳуриявии "Президент – кафили рушди устувори иқтисодӣ ва зиндагии шоистаи мардум". – Хуҷанд: Ношир, 2022. – С. 43–54; Холиқзода А.Ғ. Баъзе мулоҳизаҳо оид ба роҳҳои рушди мафкураи солими миллӣ ва муқовимат бо сиёсисозии дин дар партави Паёми Пешвои миллат // Муқовимат бо ифротгароии хушунатомез дар ҷомеа ва фазои иттилоотӣ: маҷмӯаи Муассисаи давлатии «Маркази исломшиносӣ» дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон // Зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Холиқзода А.Ғ. – Душанбе: ЭР–граф, 2022. – С. 7–21; Холиқзода А.Ғ. Правопонимание и права человека: состояние, проблемы и преспективы // Самаранокии татбиқи ҳуқуқ ҳамчун омили таҳкими қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ: маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ (ш. Душанбе, 14 июни соли 2022) // зери таҳрири академик Фарҳод Раҳимӣ, Президенти Академияи миллии илмҳои ТОҷикистон – Душанбе: Дониш, 2022. – 342с. – С. 73–103. 37; Холиқзода А.Ғ. Қонуни миллӣ – таносуб бо ҳуқуқи инсон // Маҷмӯи мақолаҳои Мизи мудаввар дар «15 соли Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «дар бори танзимаи анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» 6 дастовардҳо, мушкилот ва дурнамо» (ш. Душанбе, 8 июни соли 2022) – Душанбе: «Балоғат», 2022. – С. 41–72; Холиқзода А.Ғ. Эҳёи арзишҳои миллӣ дар раванди давлатсозии Пешвои Миллат // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. Бахши илмҳои гуманитарӣ. – №2 (41) – Душанбе, 2022. –С. 397–403.

[29] Ниг.: Диноршоев А.М. Конституционная регламентация и реализация прав и свобод человека и гражданина. – Душанбе, 2015. – 225 с.; Диноршоев А.М. Судебная власть в системе разделения властей в Республике Таджикистан // Судебная правовая политика в России и зарубежных странах: коллективная монография / под ред. А.А. Дорской. – СПб.: Астерина, 2019. – С. 439–450.

[30] Ниг.: Ализода З. Эволюция института парламента в Республике Таджикистан. – Душанбе: ТНУ, 2013. – 206 с.

[31] Ниг.: Шодиев И.Р. Развитие судебной системы в Таджикистане (вторая половина XIX – нач. XXI вв.): дис. … канд. юрид. наук. – Душанбе, 2010. – 176 с.

[32] Ниг.: Маҳмудов И.Т. Ислоҳоти судӣ–ҳуқуқӣ дар Тоҷикистон – тақозои замон // Такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳуқуқи инсон (маводҳои конфронси илмӣ–назариявӣ бахшида ба муносибати 30–юмин солгарди қабули Конвенсияи СММ оид ба зидди шиканҷа ва дигар муносибатҳои ғайриинсонӣ) / зери таҳрири н.и.ҳ., Сафаров Б.А. ва н.и.ҳ. Диноршоев А.М. – Душанбе, 2015. – С. 10–16.; Маҳмудов, И.Т. Нақши истиқлолияти давлатӣ дар таҳкими ҳокимияти судӣ // Минбари ҳуқуқшинос. –Душанбе, 2016. – 7 сентябр. – № 13–14 (46–47). – С. 4–5.; Маҳмудов, И.Т., Абдуллоев, Н.А. Аҳамияти Иҷлосияи тақдирсози Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳкими давлатдории миллӣ ва рушди ҳокимияти судӣ // Маводҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ–амалӣ дар мавзӯи «Аҳамияти Иҷлосияи тақдирсози 16–уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳкими давлатдори миллӣ ва рушди қонунгузорӣ» / зери таҳрири н.и.ҳ., дотсент Раҳмон Д.С. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2017. – С. 57–68.

[33] Ниг.: Холиков К.Н. Конституционное судопроизводство в Республике Таджикистан / отв. ред. С.А. Авакьян. – Душанбе: ЭР–граф, 2010. – 420 с.

[34]Ниг.: Маҳмудов М.А. Устувории низоми судии Тоҷикистон: проблема ва мулоҳиза. – Душанбе: Матбуот, 2002. – 176 с.; Маҳмудзода М.А. Сиёсати ҳуқуқӣ ва давлати демократӣ. – Душанбе: ЭР–граф, 2017. – 632 с.

[35] Ниг.: Раҳимзода М.З. Избранные труды. – Душанбе, «Бухоро», 2014, – 638с.

Ш.[44], Раҳматҷонзода Р. Р.[45], Обидова М. Н.[46], Назар М. А.[47] ва дигарон мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор дода шудаанд.

---

[36] Ниг.: Абдуллоев, Н., Саъдиев, М.Х. Мақомоти судии Тоҷикистон дар масири такомул ва ислоҳот: ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ / Н. Абдуллоев, М.Х. Саъдиев. – Душанбе: ЭР–граф, 2004. – 265 с.

[37] Ниг.: Азизов У.А. Конституционные основы судебно–правовой политики в Республике Таджикистан // Судебная правовая политика в России и зарубежных странах: коллективная монография / под ред. А.А. Дорской. – Спб.: Астерион, 2019. – 608 с.

[38] Ниг.: Нематов А.Р., Ҳоҷибоева Н. Правоприменительные акты Республики Таджикистан и технико–юридические проблемы их составления // Юридическая орбита (Legal orbit). – Нижний Новгород. – 2021.– № 1 (декабр). – С. 65–75. (дар ҳаммуаллифӣ бо Нематов А.Р. Право как культурный феномен в государственно–правовой системе таджикского народа // Правосознание и правовая культура как условие эффективности реализации права: проблемы теории, методологии и практики (монографическое исследование): / Р.Ш. Шарофзода, И.Х. Боботжонзода, А.Р. Нематов и др. – Душанбе, 2022. – С. 9–15; Нематов А.Р. Повышение правовой культуры как фактор эффективности правовприменительной деятельности // Правосознание и правовая культура как условие эффективности реализации права: проблемы теории, методологии и практики (монографическое исследование): / Р.Ш. Шарофзода, И.Х. Боботжонзода, А.Р. Нематов и др. – Душанбе, 2022. – С. 73–89; Нематов А.Р. Стабильность и динамизм законодательства Республики Таджикистан как фактор эффективности правоприменительной деятельности // Правосознание и правовая культура как условие эффективности реализации права: проблемы теории, методологии и практики (монографическое исследование): / Р.Ш. Шарофзода, И.Х. Боботжонзода, А.Р. Нематов и др. – Душанбе, 2022. – С. 141–148; Нематов А.Р. Механизмҳои ҳифзи ҳуқуқи инсон ва фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии давлат: масъалаҳои ҳамгироӣ ва ҳамкорӣ // маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ дар мавзуи «Самаранокии татбиқи ҳуқуқ ҳамчун омили таҳкими қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ». – Душанбе; Дониш, 2022. – С. 103–117; Нематов А.Р. Защита прав человека как правовая ценность в процессе правоприменительной деятельности // Материалы Международной научно–практической конференции «XII Ломоносовские чтения», посвященной Дню таджикской науки и 30–летию установления дипломатических отношений между Республикой Таджикистан и Российской Федерацией (29–30 апреля 2022). Часть II. Общественные и гуманитарные науки. – Душанбе, 2022. – 682 с. – С.575–585.

[39]Ниг.: Буризода Э.Б., Одиназода Р.С. Судебные и казисудебные институты в истории таджикской государственности. – Душанбе: “Ирфон”, 2018. – 336с.

[40]Ниг.: Назаров А.К. Исламское уголовное право и его применение в странах с элементами исламской правовой системы: теоретические и прикладные аспекты (сравнительный уголовно–правовой анализ). дисс… на соиск. уч. ст. док. юрид. наук. – Душанбе, 2021. –404с.

[41]Ниг.: Абдулхонов Ф.М. История судопроизводства досовестского Таджикистана (историкоправовое исследование): дис. ... канд. юрид. наук. – Душанбе, 2011. – 190 с

[42]Ниг.: Тоҳиров Ф. Инкишофи ҳуқуқ дар Тоҷикистон. – Душанбе: Ирфон, 1994. – 256с.

[43]Ниг.: Ализода Ш.Ш. Рушди ҳокимияти судӣ дар Ҷумҳрии Тоҷикистон // Рушди ҳуқуқи судӣ ва фаъолияти ҳуқуқмуҳофизавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (маводҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ–амалӣ, ш. Душанбе, 22 октябри соли 2015) / зери таҳрири ном. илм. ҳуқуқ, дотсент Маҳмудов И.Т., ном. илм. ҳуқук, дотсент Сафарзода А.И. – Душанбе: Империал–Групп, 2015. – С. 41–46

[44]Ниг.: Шоҳиён Ш. Соҳибистиқлолии Тоҷикистон ва таҳкими ҳокимияти судӣ // Мизони қонун (маҷаллаи илмӣ–амалии Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон). – Душанбе. – 2021. – № 2. – С. 12–14.; Шоҳиён Ш. Нақши ҳамкориҳои ҳокимияти судӣ ва мақомоти прокуратура дар таъмини адолати судию иҷтимоӣ ва таъмини волоияти қонун дар ҷомеа // Қонуният. – 2017. – № 1. – С. 14–17.

Дар Тоҷикистон бошад оид ба назарияи илми ҳуқуқ якчанд рисолаҳои номзадӣ, аз ҷумла, рисолаи Нусратов Л.М. соли 2008 дар мавзуи «Проблемаҳои ташаккули шуури ҳуқуқӣ дар Тоҷикистони муосир (ҷанбаҳои назария ва методология)»[48], рисолаи Ғоибов Р.Д. соли 2012 дар мавзуи «Татбиқи ҳуқуқии судӣ дар заминаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Тоҷикистон дар давраи пас аз шӯравӣ: ҷанбаи умумии назариявӣ»[49], рисолаи Насков Д.С. соли 2021 дар мавзуи «Ҷанбаҳои назариявӣ ва омилҳои асосии ташаккули шуури ҳуқуқии ҷавонони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи истиқлолият»[50], Саркорова Ш.С. соли 2023 дар мавзуи «Деформатсияи шуури ҳуқуқӣ: ҷанбаҳои назариявӣ ва амалӣ»[51], рисолаи Завқизода С.А. соли 2023 дар мавзуи «Интихоб, тайёр намудан ва такмили ихтисоси судяҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: масъалаҳои назариявӣ-амалӣ ва ташкилию ҳуқуқӣ»[52] ва соли 2014 рисолаи доктории Насриддинзода Э.С. дар мавзуи «Ташаккули фарҳанги (маданияти) ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити амиқтар шудани фарқиятҳои фарҳангӣ ва тамаддун: мушкилоти назария ва амалия»[53] ва рисолаи доктории Раҷабзода Р.М. дар мавзуи «Фарҳанги ҳуқуқии касбии кормандони мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти назариявӣ-ҳуқуқӣ ва методологӣ»[54] ҳимоя карда шудаанд. Аммо дар корҳои илмии анҷомдодашуда, ҳамаи ҷанбаҳои шуури ҳуқуқии судяҳо, ба таври алоҳида ҳамаҷониба мавриди таҳқиқ ва таҳлил қарор дода нашудааст.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва мавзуҳои илмӣ.** Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ яке аз масъалаҳои камомӯхташуда дар илми

---

[45]Ниг.: Раҳматҷонзода Р. Р. Таълимот оид ба таъқиби ҷиноятӣ дар мурофиаи судии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Автореф. дис... док. илм. ҳуқуқ. – Душанбе, 2023. – 146 с.

[46]Ниг.: Обидова М. Н. Ҳуқуқи шаҳрвандон ба иштирок дар амалӣ гардидани адолати судӣ: таҳқиқоти назариявӣ–ҳуқуқӣ ва конститутсионӣ. Автореф. дис... ном. илм. ҳуқуқ. – Душанбе, 2021. – 65 с.

[47]Ниг.: Назар М. А. Адолати иҷтимоӣ дар назария ва амалияи ҳаёти ҷамъиятӣ. Автореф. дис... док. илм. фалсафа. – Душанбе, 2022. – 110 с.

[48] Ниг.: Нусратов Л. М. Проблемаҳои ташаккули шуури ҳуқуқӣ дар Тоҷикистони муосир (ҷанбаҳои назария ва методология). Дис... ном. илм. ҳуқуқ. – Душанбе, 2008. – 160 с.

[49]Ниг.: Гаибов Р. Д. Судебное правоприменение в условиях судебно–правовой реформы в постсоветском Таджикистане: общетеоретический аспект. Автореф. дис... на соис. уч. степ. кан. юр. наук. – Душанбе, 2023. – 21с.

[50]Ниг.: Насков Д. С. Ҷанбаҳои назариявӣ ва омилҳои асосии ташаккули шуури ҳуқуқии ҷавонони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи истиқлолият. Автореф. дис... ном. илм. ҳуқуқ. – Душанбе, 2021. – 56 с.

[51]Ниг.: Саркорова, Ш.С. Деформатсияи шуури ҳуқуқӣ: ҷанбаҳои назариявӣ ва амалӣ[Матн]. Автореф. дис... ном. илм. ҳуқуқ. 12.00.01. / Ш.С. Саркорова. – Душанбе, 2023. – 26 с.

[52]Ниг.: Завқизода С. Интихоб, тайёр намудан ва такмили ихтисоси судяҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: масъалаҳои назариявӣ–амалӣ ва ташкилию ҳуқуқӣ. Автореф. дис... ном. илм. ҳуқуқ. – Душанбе, 2023. – 41 с.

[53] Ниг.: Насриддинзода Э. С. Правовая культура: монография. –М.: Норма, 2014. – 352с.

[54] Ниг.: Раҷабзода Р. М. дис. докторӣ «Фарҳанги ҳуқуқии касбии кормандони мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти назариявӣ–ҳуқуқӣ ва методологӣ». – Душанбе. –2022. –403с.

ҳуқуқшиносии Тоҷикистон ба шумор рафта, ба амалӣ намудани бандҳои 25-29, 39-42, 54-57-и Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6-уми феврали соли 2018 тасдиқ шудааст, мутобиқат мекунад.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи дурнамои корҳои илмию таҳқиқотии шуъбаи масоили назариявии давлат ва ҳуқуқи муосири Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон – «Проблемаҳои татбиқи ҳуқуқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонбарои солҳои 2019-2023» анҷом дода шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Мақсади кори рисолавӣ аз таҳлили ҳамаҷонибаи хусусиятҳои шуури ҳуқуқии касбии судяҳо дар замони ҳозира, омӯзиши андешаҳои гуногун дар бораи ин падидаи ҳуқуқӣ, ошкор намудани хусусият ва заминаи методологии таҳқиқот, аз муайяннамоии масоили муҳими назариявӣ ва методологии ташаккул ва такмили шуури ҳуқуқии судяҳо, фаҳмиши ҳуқуқ ва ҳуқуқтатбиққунӣ дар ҷараёни ислоҳотҳои судӣ – ҳуқуқӣ ва нақши он дар баланд бардоштани шуури ҳуқуқии касбии судяҳо ҳангоми ба амал баровардани адолати судӣ дар замони муосир, мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Мутобиқи ҳадафҳо вазифаҳои зерини таҳқиқотии ба ҳам алоқаманд муайян карда шуданд:

- муайяннамоии мафҳуми шуури ҳуқукии касбии судяҳо бо таҳлил ва омӯзиши нуктаҳои назариявӣ ва мавқеҳои гуногуни олимон, консепсияҳои пешниҳодгардида ва қонунгузории амалкунанда;
- омӯзиши масоили муҳими назариявӣ ва методологии ташаккул ва такмили шуури ҳуқуқии судяҳо дар ҷараёни ислоҳотҳои судӣ – ҳуқуқӣ ва нақши он дар баланд бардоштани шуури ҳуқуқии касбии судяҳо ҳангоми ба амал баровардани адолати судӣ;
- муайян намудани сохтор ва хусусиятҳои шуури ҳуқуқии касбии судяҳо ва ошкор намудани мазмун ва хусусиятхои фаҳмиши шуури ҳуқуқии касбии судяҳо дар замони муосир;
- таҳлили мавқеъ ва аҳаммияти идеологияи ҳуқуқӣ ва психологияи ҳуқуқӣ вобаста ба консепсияҳои илмии пешниҳодгардида дар ташаккули шуури ҳуқуқии судяҳо дар замони муосир;
- муайян намудани мавқеъ ва нақши шуури ҳуқуқии судяҳо дар фаҳмиш ва тафсири ҳуқуқ ва сатҳи он дар намудҳо ва марҳилаҳои гуногуни фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии судӣ дар раванди ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар ҶТ;
- ошкор намудани имконият ва дурнамои истифодаи усулҳои гуногуни илми ҳуқуқшиносӣ дар омӯзиш ва фаҳмиши шуури ҳуқуқии касбии судяҳо дар замони муосир;
- таҳлили проблемаҳои асосии татбиқи ҳуқуқ дар фаъолияти судяҳо, мафҳуми раванди шинохт ва ҳақиқат дар шуури ҳуқуқии касбии судя, намуд

ва санадҳои татбиқи ҳуқуқии судӣ, шарҳдиҳии қонун дар раванди татбиқи ҳуқуқии судӣ, инчунин мушкилоти баҳодиҳии далелҳо ва исбот дар мурофиаи судӣ;

- дар асоси омӯзиш оид ба такмили қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ошкор намудани муқарраротҳои кuҳнашудаи қонунҳо, норасоиҳои қонунгузорӣ ва такмили фаъолияти амалии судҳо, бо тавсияҳои илмию амалӣ вобаста ба фаъолияти судяҳо ва бо ин васила тавсияхои мушаххас ҷиҳати коркарди тадбирҳо оид ба баланд бардоштани шуури ҳуқуқии касбии судяҳо дар ҳошияи барномаи нави ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ ва сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Объекти таҳқиқот.** Объекти таҳқиқоти диссертатсионӣ – муносибатҳои ҳуқуқии ҷамъиятие мебошанд, ки масоили назариявӣ-метологии шуури ҳуқуқии касбии судяҳоро дар ба амал баровардани адолати судӣ, ҳамчун - соҳаи муҳимтарин ва мушаххаси фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ дар амалияи судӣ муайян менамояд.

**Мавзуи таҳқиқот-** моҳият, мазмун, ташаккул ва фаҳмиши шуури ҳуқуқии касбии судяҳо ва методологияи таҳқиқоти он дар ҳошияи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар ҶТ мебошад.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот (доираи тарихии таҳқиқот)**

Таҳқиқоти диссертатсионӣ марҳилаҳои тасдиқ, омоданамоии диссертатсия, муҳокимаи он дар шуъбаи масоили назариявии давлат ва ҳуқуқи муосири Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳовиддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон барои ҳимоя тавсия карда шудааст. Таҳқиқоти диссертатсионӣ якчанд марҳилаҳои рушдро дар бар мегирад, аз ҷумла: 1) давраи қабули Конститутсияи ҶТ ва тағйиру иловаҳо ба он дар соли 1999, қонунҳои конститутсионии ҶТ “Дар бораи суди конститутсионии ҶТ, Дар бораи судҳои ҶТ”, Кодекси оила, Кодекси манзил, Кодекси ҷиноятӣ ва Кодекси граждании ҶТ, қисмҳои 1 ва 2, (солҳои 1994-2000), Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 апрели соли 1997, № 691 «Дар бораи сиёсати ҳуқуқӣ ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон», қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 августи соли 1997, № 383 «Дар бораи баъзе тадбирҳо оид ба такмили тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон ва кори ҳуқуқӣ дар ҷумҳурӣ»; 2) Конститутсияи ҶТ бо тағйиру иловаҳо дар соли 2003, Кодекси граждании ҶТ қисми 3 (2005), Кодекси мурофиавии граждании ҶТ (2008), Кодекси мурофиавии иқтисодии ҶТ (2008), Кодекси мурофиавии ҷиноятии ҶТ(2009), қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2006, № 94 «Дар бораи тасдиқи Консепсияи миллии маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»; 3) Давраи қабули Барномаҳои ислоҳоти суди-ҳуқуқӣ дар ҶТ солҳои 2011-2013, 2015-2017, 2019-2021, Қонуни конститутсионӣ “Дар бораи судҳои ҶТ”, Кодекси одоби судяхо, инчунин Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 феврали соли 2018, № 1005 «Дар бораи Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028», Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони

Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2030, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз "27" ноябри соли 2019, № 599 тасдиқ карда шудааст ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва ҳуҷҷатҳои стратегию барномавӣ.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Асосҳои назариявии таҳқиқоти диссертатсиониро, таҳқиқотҳои илмию назариявии муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ оид ба паҳлуҳои ҷудогонаи категорияи шуури ҳуқуқӣ ташкил медиҳанд. Ин проблемаҳо дар корҳои олимони ватанию хориҷӣ ба монанди Сальников В.П., Аверин А.В., Байниязов Р.С., Белканов Е.А., Вопленко Н.Н., Касаткин С.Н., Малюткин А.В., Ильин И.А., Байтин М.И., Усмонов О.У., Тоҳиров Ф.Т., Ойгензихт В.А., Менглиев Ш.М., Имомов А.И., Иброҳимзода С.И., Тағойназаров Ш.Т., Бобоҷонзода И.Ҳ., Шарофзода Р.Ш., Холиқзода А.Ғ., Искандаров З.Ҳ., Диноршоев А.М., Ализода З., Насриддинзода Э.С., И.Р. Шодиев, Маҳмудов И.Т., Холиков К.Н, Маҳмудзода М.А., Раҳимзода М.З., Азиззода У.А., Нематов А.Р., Буризода Э.Б., Назаров А.К., Мирзамонзода Х.М., Раҳмон Д.С., Назар М.А., Абдулхонов Ф.М., Ализода Ш.Ш., Раҳматҷонзода Р.Р., Нусратов Л.М., Ғоибов Р.Д., Насков Д.С., Саркорова Ш.С., Обидова М.Н., Абдуллозода Ф.Н., Муродзода А.А. ва дигарон инъикос ёфтаанд.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Асоси методологии таҳқиқот ба равиши низомӣ, ба принсипҳои раванд, таҳлили вазъиятӣ, функсионалӣ, эволютсионӣ ва ҳамгироии онҳо асос ёфтааст. Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз нуқтаи назари принсипи ҳуқуқ гузаронида шудааст, ки ба эҷоди назари ҳамаҷонибаи фаъолияти шуури ҳуқуқӣ дар замони муосир мусоидат мекунад. Бо ёрии усулҳои диалектикӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ ва дигар усулҳо раванди пайдоиш ва таҳаввули ақидаҳо дар бораи шуури ҳуқуқӣ мушоҳида карда мешаванд.

Дар таҳқиқот ҳамчун усулҳои умумии донишҳои илмӣ, усулҳои таҳқиқоти назариявӣ: таҳлил ва синтез, индуксия ва дедуксия истифода шудаанд. Ҳамчун усулҳои махсуси таҳқиқоти ҳуқуқӣ, усулҳои зерин истифода шудаанд: усули расмӣ-мантиқии шарҳи меъёрҳои ҳуқуқ, усули муқоисавии ҳуқуқӣ, инчунин усули моделсозии назариявӣ ва ҳуқуқӣ.

Бо истифода аз усулҳои умумиилмии низомӣ, таркибӣ ва функсионалӣ мафҳуми умумии шуури ҳуқуқии касбии судяҳо, низоми унсурҳои таркибии шуури ҳуқуқӣ, алоқаи дохилинизомӣ ва функсионалии байни унсурҳои шуури ҳуқуқӣ, вазифа ва мақсадҳои шуури ҳуқуқии касбии судяҳо омӯхта мешаванд. Усулҳои зикршуда имкон доданд, ки унсурҳои таркибӣ ва функсияҳои шуури ҳуқуқии касбии судяҳо омӯхта шаванд.

Дар заминаи усулҳои илмии мантиқӣ, таърихӣ, сотсиологӣ робитаи мантиқии байни унсурҳои таркибии шуури ҳуқуқии касбии судяҳо, низоми мантиқии функсияҳои шуури ҳуқуқӣ ва шуури ҳуқуқии касбии судяҳо, таъсири шароити таърихӣ ба мазмун ва шуури ҳуқуқии касбии судяҳо, аз ҷумла, дар замони муосир, алоқамандии шуури ҳуқуқии касбии судяҳо бо падидаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа, омилҳои объективӣ ва субъективӣ муайян ва таҳлил карда мешавад.

Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ бо истифода аз усулҳои махсуси илмии оморӣ ва сотсиологӣ сатҳи шуури ҳуқуқии касбии судяҳо, аз ҷумла, ҳиссаи донишҳои ҳуқуқии назариявӣ ва амалӣ дар фаъолияти касбии онҳо, унсурҳои маънавии фарҳанги ҳуқуқии касбии онҳо муайян карда мешаванд.

Дар ҷараёни таҳқиқоти диссертатсионӣ бо мақсади муайян намудани сатҳи шуури ҳуқуқӣ ва шуури ҳуқуқии касбии судяҳо бо истифода аз усулҳои мушаххаси сотсиологӣ, аз ҷумла, пурсишнома дар байни судяҳо гузаронида шуд. Дар натиҷа зарурат ва аҳаммияти донишҳои назариявӣ дар фаъолияти касбии судяҳо, сатҳи истифодаи донишҳои назариявӣ дар фаъолияти судяҳо, таносуби донишҳои назариявӣ ва амалӣ муайян карда мешавад.

Дар заминаи усулҳои махсуси ҳуқуқии шакли меъёрӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ дар диссертатсия шароити таърихии инкишофи шуури ҳуқуқӣ, унсурҳои идеологӣ ва сиёсии шуури ҳуқуқии касбии судяҳо, таносуби шуури ҳуқуқии касбии ҳуқуқшиносон, шуури ҳуқуқии касбии судяҳо муайян ва таҳқиқ карда мешаванд.

**Заминаҳои эмпирикӣ.** Дар ҷараёни таҳқиқоти диссертатсионӣ Конститутсияи ҶТ, қонунҳои конститутсионӣ, кодексҳо, қонунҳо, фармонҳои Президенти ҶТ, қарорҳои Ҳукумати ҶТ, Паёмҳои Президенти ҶТ ба Маҷлиси Олии ҶТ, Суханрониҳои Президенти ҶТ дар вохурӣ бо судяҳои судҳои ҶТ солҳои 2011 ва 2019, Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҶТ барои солҳои 2018-2028, Барномаҳои ислоҳотҳои судӣ-ҳуқуқӣ барои солҳои 2007-2010, 2011-2013, 2015-2017 ва 2019-2021, қарорҳои Пленуми Суди Олии ҶТ ва Суди Олии иқтисодии ҶТ, ҷамъбастиҳои амалияи судӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои барномавию стратегӣ (Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои солҳои 2022-2026, Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2030, Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 05.08.2023 дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқи инсон барои давраи то соли 2038), Кодекси одоби судяҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ҳуҷҷатҳои барномавӣ - стратегӣ мавриди истифода қарор гирифтаанд. Дар баробари қонунгузории миллӣ, инчунин, конститутсия ва қонунгузории баъзе кишварҳои хориҷӣ оид ба масъалаи таҳқиқшаванда истифода шудаанд.

Асоси эсмпирикии таҳқиқотро маводи аз ҷониби муаллиф мураттабгашта оид ба ҳолати воқеии шуури ҳуқуқии касбии судяҳо, натиҷаи пурсиши сотсиологии судяҳо оид ба сатҳи донишҳои назариявии ҳуқуқии онҳо, таҳсилоти ҳуқуқии касбӣ ва баланд бардоштани сатҳи шуури ҳуқуқии касбӣ, таҷрибаи шахсии фаъолияти касбии муаллиф дар Суди Олии ҶТ ташкил медиҳанд.

**Навоварии илмии таҳқиқот дар он инъикос меёбад, ки он** яке аз аввалин таҳқиқотҳои маҷмуӣ мебошад, ки дар он масоили назариявӣ - методологии консепсияи нави илмии шуури ҳуқуқии касбии судяҳо коркард карда шудааст.

Дар таҳқиқот муаллиф бо омӯзиши нуктаҳои назариявӣ ва мавқеҳои гуногуни олимон, консепсияҳои пешниҳодгардида марбут ба шуури ҳуқуқии касбии судяҳо ва қонунгузории амалкунандаро баррасӣ намуда, масоили муҳими назариявӣ ва методологии ташаккул ва такмили шуури ҳуқуқии касбии судяҳоро дар ҷараёни ислоҳотҳои судӣ – ҳуқуқӣ ва нақши онро дар баланд бардоштани шуури ҳуқуқии касбии судяҳо ҳангоми ба амал баровардани адолати судӣ дар замони муосир мавриди таҳқиқ қарор додааст.

Муаллифи рисола категорияҳои ҳуқуқиеро, ки шуури ҳуқуқии касбии судяҳоро тавсиф мекунанд, мурратаб ва мушаххас намуда, унсурҳои сохтории онро таҳқиқ карда, ҳолатҳои обективӣ ва субъективие, ки ба баланд бардоштани шуурии ҳуқуқии касбии судяҳо ва татбиқи ҳуқуқ зимни ба амал баровардани адолати судӣ дар марҳилаҳои гуногуни фаъолияти касбии судӣ таъсир мерасонанд, муайян кардааст.

Навоварии илмии таҳқиқоти диссертсионӣ, инчунин аз интихоби ҷанбаҳои кам омӯхташудаи ташаккули шуури ҳуқуқӣ, фаҳмиши ҳуқуқӣ, тафсири ҳуқуқӣ, шуури ҳуқуқии касбии судяҳо, аз ҷумла, ангезаи рафтор, менталитет ва аҳаммияти он дар ташаккули шуури ҳуқуқии касбии судяҳо муайян карда шудааст.

Ҳамзамон, дар рисола муаллиф ҷанбаҳои нави фаҳмиши шуури ҳуқуқии касбии судяҳо, омилҳои мушаххасе, ки ба ташаккули унсурҳои алоҳидаи шуури ҳуқуқии касбии судяҳо таъсир мерасонанд ва хусиятҳои онро муқаррар намуда, тадбирҳои баланд бардоштани шуури ҳуқуқии касбии судяҳоро дар ҳошияи барномаи нави ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ ва сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба таҳкими сулҳу суббот, ваҳдати миллӣ, ҳифзи арзишҳои миллӣ ва ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ва эъмори давлати демократию ҳуқуқбунёд равона карда шудааст, муайян намудааст.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда. Ба ҳимоя нуктаҳо, хулоса ва муқарраротҳои илмии назариявии зерин пешниҳод мегарданд:**

1. Шуур - яке аз мафҳумҳои пойдевории фалсафа, психология, ҷомеашиносӣ буда, ҷузъи муҳими низоми равонии инсонро тавсиф мекунад. Фаъолияти шуур ба шахс имконияти таъсис додани дониш дар бораи алоқамандӣ, муносибатҳо, қонунияти олами объективӣ, гузоштани мақсад ва тартиб додани нақшаҳо, ба танзим даровардан ва назорат бурдан аз болои муносибатҳои эҳсосӣ, оқилона ва амалӣ мебошад.

2. Шуури ҳуқуқӣ - маҷмуи ғояҳо ва эҳсосотест, ки муносибати одамонро нисбат ба ҳуқуқ ва падидаҳои ҳуқуқӣ дар ҳаёти ҷамъиятӣ ифода мекунад. Шуури ҳуқуқӣ, як намуди махсуси ҳисси инстинктивии адолат аст, ки дар он шахс маънавиёти худро дарк намуда, маънавиёти одамони дигарро эътироф мекунад. Шуури ҳуқуқӣ, дар шуури шахс зуҳуроти маҷмуии талаботи абадӣ ва тағйирёбандаи ҳуқуқи фитрӣ - дастурҳои идеалии меъёрӣ, принсипҳо, асосҳои адолат, ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, ки ба тамоми моҳияти маънавии инсон дохил мешаванд, мебошад. Шуури ҳуқуқӣ, ин низоми

ақидаҳо, эътиқодҳо, баҳодиҳиҳо дар бораи ҳуқуқ ва қонуният мебошад, ки хоси тамоми ҷомеа, синф, гуруҳи иҷтимоӣ ё фард аст.

3. Муҳаққиқ ду гурӯҳи ақидаҳоро қайд мекунад: ғояҳои маънодор ва низомсоз. Якум табиати шуури ҳуқуқиро ифода намуда, тамоми мазмуни онро мувофиқи мантиқи он возеҳу равшан месозад. Муаллиф муътақид аст, ки ин навъи ғояҳо табиати шуури ҳуқуқиро дар ҳама гуна шаклҳои мушаххаси таърихию фарҳангии он тавсиф мекунанд. У ба ғояҳои маънодор - ғояҳои ҳуқуқ, меъёр, тартибро мансуб медонад. Ин ғояҳоро мавриди омӯзиш қарор дода, метавон табиати ҳуқуқро дар умумияти он фаҳмид.

Ғояҳои низомдор - мазмуни шуури ҳуқуқиро дар шаклҳои фарҳангӣ ва таърихии он ифода намуда, ба тамоми доираи маъноии фарҳанги мушаххаси ҳуқуқӣ хусусияти хос мебахшанд. Бо кумаки омӯзиши онҳо моҳияти ҳуқуқ, дар дақиқии он дарк карда мешавад.

4. Шуури ҳуқуқӣ, дорои якчанд функсияҳо мебошад: идрокӣ; баҳодиҳӣ; танзимкунанда; пешгуӣ; робитавӣ; амсиласозӣ.

5. Шуури ҳуқуқӣ, аз унсурҳои зерин иборат мебошад: психологӣ ва идеологӣ.

6. Намудҳои шуури ҳуқуқиро субъектҳои он, барандагон ва эҷодкунандагони шаклҳои гуногуни дарки ҳақиқати ҳуқуқӣ муайян мекунанд. Аз ин лиҳоз, се намуди асосии шуури ҳуқуқиро қайд намудан мумкин аст: а) ҷамъиятӣ, б) гуруҳӣ ва в) фардӣ. Чунин тақсимот бо аломати дараҷаи гуногуни ҷомеаи иҷтимоӣ асос меёбад.

Шуури ҳуқуқии ҷамъиятӣ - ифодаи абстрактии шуури ҳуқуқӣ дар маҷмуъ мебошад. Ин низоми ғояҳо, ақидаҳо, назарияҳо, эҳсосот, ҳиссиёт, майлу таассуроти ҳуқуқии таърихан дар асоси хусусиятҳои умумии фарҳангӣ ва миллии рушд ташаккулёфта, ба ҷомеа хос мебошад.

Шуури ҳуқуқии гуруҳӣ - бо гурӯҳҳои калон, азим ва хурд, ки сохтори миллӣ, синфӣ, иҷтимоӣ-фарҳангӣ, истеҳсолии ҷамъиятро ташкил медиҳанд, ифода меёбад.

Шуури ҳуқуқии фардӣ - аз як тараф, ифодаи мушаххаси шуури ҳуқуқии ҷамъиятӣ ва гуруҳӣ дар ҷаҳонбинии шахси алоҳида буда, аз тарафи дигар, маҷмуи донишҳои ҳуқуқӣ, ғояҳо ва назарияҳои ба таври инфиродӣ беназир, ки фард аз худ кардааст, инчунин эҳсосот, руҳия ва самтҳои мувофиқи ҳуқуқӣ мебошад, ки муносибати шахси мушаххасро нисбат ба қонун ва ҳақиқати ҳуқуқӣ муайян мекунанд.

7. Шуури касбии ҳуқуқӣ - ақидаҳо, анъанаҳо, эътиқоди кормандоне, ки бевосита бо фаъолияти ҳуқуқӣ машғуланд ва дорои дониши касбии ҳуқуқӣ ва таҷрибаи корӣ мебошанд (судяҳо, прокурорҳо, адвокатҳо, мушовирони ҳуқуқӣ, вакилони мақомотҳои намояндагӣ ва ғайра). Тарҳрезии дастурҳои бошууронаи ҳуқуқӣ ва самтҳои арзишӣ дар ҳуқуқшиносӣ, истифодаи онҳо дар амалияи ҳуқуқӣ, татбиқи ба амал баровардани дастовардҳои афкори назариявӣ, принсипҳо ва арзишҳои ҳуқуқ бештар аз он вобаста аст. Шуури ҳуқуқии касбӣ пеш аз ҳама дар асоси амалияи ҳуқуқӣ ташаккул меёбад, ам-

мо, аз тарафи дигар, воқеан инсонпарварӣ ва сатҳи воқеан касбии чунин амалия аз он вобаста аст.

8. Шуури ҳуқуқии касбии судя - як намуди шуури ҳуқуқии касбӣ мебошад, ки дар робита ва дар ҷараёни ба амал баровардани адолати судӣ ташаккул меёбад.

Омӯзиши шуури ҳуқуқии касбии судяҳо қисми ҷудонашавандаи таҳлили мураттаби ҷараёни ба амал баровардани адолати судӣ мебошад. Таҳқиқи хислатҳои хоси ташаккул ва фаъолияти шуури ҳуқуқии касбии судяҳо имкон медиҳад, ки ба амал баровардани салоҳдиди судӣ ҳангоми қабули санадҳои судӣ фаҳмида шавад.

Татбиқи салоҳияти судя оид ба амал баровардани адолати судӣ аз лаҳзаи ворид гардидани маводи парванда барои баррасӣ то баровардани санади ниҳоии судӣ, бо қонунгузорӣ танзим карда мешавад. Баррасии фаъолияти судӣ танҳо ҳамчун мурофиавӣ метавонад ба тасаввуроти носаҳеҳ, дар бораи нақши шуури ҳуқуқии касбии судя - ҳамчун инъикоси фаъолияти мурофиавӣ оварад.

9. Шуури ҳуқуқии касбии судя - ҳамчун падидаи мураккаб ва гуногунҷанбаи иҷтимоӣ-психологӣ дорои сифатҳои функсионалӣ - сохторӣ буда, дар хислатҳои инфиродии судя зоҳир гардида, моҳияти шуури ҳуқуқии охиринро муайян намуда, табиати падидаи мавриди таҳқиқ қарордоштаро возеҳу равшан мекунанд.

Шуури ҳуқуқии касбии судя - сатҳи олии инъикоси равонии ҳақиқат аз тарафи судя, дар шакли тасвирҳо ва мафҳумҳои умумишуда ба амал баровардани онҳо мебошад. Шуури ҳуқуқии касбии судяро дониши касбӣ, тафаккури касбӣ ташкил медиҳад. Дар ин ҷо ҳолати эҳсосии судя, муносибати уро нисбат ба ҳуқуқ муайян мекунад.

10. Шуури ҳуқуқии касбии судя - аз унсурҳои алоҳидаи сохтории он ки ҳар яке аз онҳо дорои аҳаммият ва ҷузъҳои алоҳидаи таркибии худ мебошанд, иборат аст, аз ҷумла: ҳангоми муайян кардани тамсилаи шуури ҳуқуқии касбии судя, унсури асосии он пайванди мантиқӣ-меъёрӣ мебошад, ки он ҳаҷм ва амиқии донишҳои ҳуқуқӣ, сатҳи тафаккури ҳуқуқиро дар бар мегирад; як қисми шуури касбии ҳуқуқии судя, ки сарчашмаи равонӣ дорад, эҳтироми баланд нисбат ба ҳуқуқ ва эътиқод ба зарурати иҷрои бошууронаи талаботи он, дарки ҳуқуқро ҳамчун арзиши олӣ ташкил медиҳад; самт ба рафтори фаъоли ҳуқуқӣ ва аз ҷиҳати касбӣ аҳаммиятнокро пешбинӣ мекунад: омодагӣ ба иҷрои вазифаи касбӣ, татбиқи дақиқ ва қатъии талаботи меъёрҳои ҳуқуқӣ, талош барои адлу адолат, эътирофи зарурати такмили худ аст.

11. Шуури ҳуқуқӣ ба рафтори татбиққунандаи ҳуқуқ ҳам бевосита ва ҳам бавосита тавассути меъёрҳои ҳуқуқӣ таъсир мерасонад. Равиши мулоҳизаҳои судяе, ки ҳангоми баровардани ҳукми айбдоркунанда намуди ҷазоро интихоб намуда, муҳлат ё андозаи аниқи ҷазоро муайян мекунад, бо дарназардошти иҷозати қонун оид ба татбиқи ҳудуди болоӣ ва поёнии ҷазо,

ба дониши низомии Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, хусусиятҳои хоси ҷиноят ва шахсияти судшаванда, дарк кардани сиёсати ҷиноятии давлат, нақши ҷазо ҳамчун воситаи расидан ба мақсадҳои дар қонун гузошташуда асос меёбад.

12. Фаҳмиши судя - дарки моҳияти падидаи мушаххасси ҳуқуқӣ ҳамчун гуногунии гурӯҳи муайяни чунин падидаҳо мебошад. Судя ин ё он падидаро ба воситаи мафҳум (дуздӣ, сохтакорӣ, суиқасд ба куштор ва ғайра) банду баст намуда, фаъолияти эҷодии равониро ҷамъбаст карда, самтро ба меъёрҳои ҳуқуқии дар қонун муқарраргардида равона мекунад. Аз ин бармеояд, ки фаҳмиши касбии судя аз дониш, маданияти умумӣ ва таҷрибаи касбии ӯ вобаста аст.

13. Фаҳмиш - воситаи зеҳнӣ-идрокӣ буда, бо худ ҷараёнеро ифода медиҳад, ки дар асоси он натиҷаи ҳаммонандкунӣ, дарк, арзёбии объекти фаҳмиш дар доираи ҳолати ба вуқуъомадаро ташкил карда, имкон медиҳад, ки дар он самтро ёфта, қарор қабул карда, дар асоси ин гуногунии донишҳои аллакай мавҷударо оид ба ин объекти фаҳмиш, возеҳу равшан менамояд.

Ба нақши фаҳмиши ҳуқуқ дар ташаккули шуури ҳуқуқии касбии судя таваҷҷуҳ зоҳир намуда, муайян кардан лозим аст, ки дар шакли идрок умуман фаҳмиш баромад карда, самти шахсият дар ҷомеа мебошад. Шуур-тарзи фаҳмиш, тафаккур, инъикоси мақсаднок ва табдили созандаву эҷодии ҳақиқат буда, ҳам ҷанбаҳои маърифатӣ ва ҳам эҳсосиро дарбар мегирад.

14. Фаҳмиш - асоси паҳлуи маърифатии шуури судя буда, судя маълумотро тавассути шуур ва асосан тавассути фаҳмиш қабул ва дарк мекунад. Фаҳмиши ҳуқуқ, дар доираи паҳлуи маърифатии шуури ҳуқуқии судя бо ёрии усулҳои мушаххаси фаҳмиши ҳуқуқ, аз он ҷумла, дарки ҳуқуқ, тавсиф, тавзеҳро дар бар мегирад, амалӣ мегардад. Ҳангоми муайян кардани нақши фаҳмиши ҳуқуқӣ дар ташаккули шуури ҳуқуқии судя метавон шартан ду унсурро дар шуури ҳуқуқӣ ҷудо кард: шуури ҳуқуқӣ ҳамчун ҷараён ва шуури ҳуқуқӣ дар натиҷа.

15. Фаҳмиши ҳуқуқӣ аз якчанд унсурҳо иборат мебошад, аз ҷумла:

1) Унсури якум ин ҷараёни донистани ҳақиқати ҳуқуқӣ мебошад, ки ҷараёни дарк, ҷамъоварӣ, тафсири дониши ҳақиқати ҳуқуқиро дар бар мегирад. Маҳз дар доираи ҳамин унсур, аз ҷумла, ҷараёни дарки ҳуқуқ ё фаҳмиши ҳуқуқ, ки асоси ҷараёни фаҳмиши ҳақиқати ҳуқуқӣ мебошад, ба амал бароварда мешавад. Фаҳмиши ҳуқуқӣ ҳамчун ҷараён бо фаъолияти мақсадноки ақлию зеҳнии судя муайян карда шуда, бо худ ҳаммонандкунӣ, дарк, арзёбии ҳуқуқро ҳамчун падидаи мустақили иҷтимоӣ ва зуҳуроти он, инчунин мазмуни онро ифода мекунад. Моҳияти фаҳмиши ҳуқуқӣ дар ҷараёни дарки ҳақиқати ҳуқуқӣ аз фаҳмидани ҳуқуқ (шакл ва мазмуни он), ҷустуҷуи ҳуқуқ, ёфтани ҷавоб ба савол, ки ҳуқуқ чист, дар чӣ ифода меёбад, чӣ гуна шаклҳо дорад, иборат аст.

2) Унсури дуюм натиҷаи дарки ҳақиқати ҳуқуқӣ мебошад, ки идеологияи ҳуқуқиро дар бар мегирад. Дар чунин низом шуури ҳуқуқӣ ҳамчун натиҷа мавқеи асосиро ишғол намуда, ҳамчун асоси идеологияи ҳуқуқӣ баромад мекунад. Дар ақидаҳои адабиёти ҳуқуқшиносӣ оид ба падидаи шуури ҳуқуқӣ бояд фаҳмише ҷудо карда шавад, ки дар худ ду категорияҳоро: ҳуқуқ ва шуурро дар бар мегирад.

16. Тафсири ҳуқуқӣ, ҳамчун фаъолияти мушаххаси ҳуқуқии субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқӣ мебошад, ки барои фаҳмиши маънои аслии мазмуни ҳуқуқ нигаронида шуда, бо мақсади таъмини танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ равона карда мешавад.

Санадҳои тафсири меъёрӣ ҳангоми ҳуқуқтатбиқкунӣ нақши ташкилӣ ва ёридиҳандаро мебозанд ва ягонагии ҷараёнҳои тавзеҳдиҳӣ ва қонунсозиро таъмин менамоянд. Натиҷаи тафсири ҳуқуқӣ ва натиҷаи татбиқи ҳуқуқ аз руи қувваи ҳуқуқӣ бо ҳам рақобат карда наметавонанд, зеро санади тафсири сабабӣ нисбат ба санади татбиқи ҳуқуқ ёридиҳанда, тобеъ ва хизматкунанда мебошад. Тафсири ҳуқуқ дар мақомоти ҳуқуқтатбиқкунанда бо тафсири маънои меъёрҳои ҳуқуқӣ алоқаманд аст, ки бевосита дар ҷараёни иҷрои қонун дар ҳолати мушаххас ва ё бо мақсади хизматрасонӣ ба раванди иҷрои ҳуқуқ амалӣ карда мешавад.

17. Нақши баланд бардоштани шуури касбии ҳуқуқии судяҳо дар раванди ба амал баровардани адолати судӣ, татбиқи самаранокии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва қабули санадҳои босифати судӣ аҳаммияти ҳалкунанда дорад. Бешубҳа, амали намудани адолати судӣ аз ҷониби судя бояд ҳатман уҳдадории судяро оид ба андешидани тадбирҳо оид ба тайёрии касбӣ ва такмили ихтисос дарбар гирад. Дар бораи зарурати баланд бардоштани тахассуси судя барои таъмини бомувафаққонаи иҷрои вазифаҳои мансабии судяҳо, муқарраротҳои дар қонунгузорӣ ҷойдошта, нокифоя буда, такмили қонунгузориро тақозо менамояд. Андешидани чунин чораҳо имкон медиҳад, ки барои баланд бардоштани тахассуси касбии судяҳо аз ҷониби давлат шароити мусоид фароҳам оварда шуда, дар навбати худ судяҳо уҳдадории худро дар назди давлат бобати ба амал баровардани адолати судӣ дар асоси қонун чораҳои мутақобила андешанд. Дастгирӣ ва баланд бардоштани такмили тахассусӣ дар фаъолияти судяҳо ҳамчун омили ҳавасмандии судяҳо бояд бо имконияти болоравии мансаби онҳо алоқаманд бошад.

Зимни анҷом додани таҳқиқоти илмӣ аз ҷониби муаллиф як қатор тавсияҳои назариявӣ ва амалӣ пешниҳод шудаанд.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** дар он аст, ки натиҷаҳои илмии бадастомада барои дарки илмии равандҳои ташаккули шуури ҳуқуқии касбии судяҳо нигаронида шудаанд. Муқаррарот, хулосаҳо ва тавсияҳои илмӣ, ки дар таҳқиқот оварда шудаанд, имкон медиҳанд, ки нақши шуури касбии ҳуқуқии судяҳо дар механизми татбиқи ҳуқуқ, мушкилоти вазъи ку-

нунии шуури ҳуқуқӣ дар Тоҷикистон, нақши давлат дар ташаккули шуури ҳуқуқӣ амиқтар сурат гирад.

Дар таҳқиқот кушиш карда мешавад, ки муносибати ҷаҳонбинии нав нисбат ба масъалаи баррасишаванда ташаккул дода шавад. Таҳқиқотҳои гузаронидашуда на танҳо ба олимон, балки ба кормандони таҷрибаомӯз, мақомоти ҳуқуқтатбиққунӣ имкон медиҳад, ки бо мақсади ташаккул ва такмили сифатҳои касбии судяҳо ва пешгирии шаклҳои гуногуни деформатсияи касбии онҳо ба шуури ҳуқуқӣ нигоҳи амиқтару нав гиранд.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он аст, ки натиҷаҳои бадастомада метавонанд дар раванди таҳияи тадбирҳои амалӣ оид ба баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқӣ дар ҷомеаи муосир, ягонакунии истилоҳот дар соҳаи назарияи ҳуқуқ ва давлат, инчунин дар раванди қабули қоидаҳо, омода намудани кадрҳои судягӣ ва баланд бардоштани сатҳи фаҳмиши ҳуқуқӣ ва шуури ҳуқуқии онҳо мусоидат хоҳад намуд.

Таҳлили ташаккул ва рушди шуури ҳуқуқии дар таҳқиқот гузаронидашуда имкон медиҳад, ки низоми тадбирҳои мушаххасе, ки ба баланд бардоштани самаранокии сиёсати давлат дар ин самт нигаронида шудаанд, мақсадноктар муайян карда шаванд, зеро самаранокии низоми идоракунӣ дар давлат ва сатҳи фасод дар сохторҳои давлатӣ аз сатҳи шуури ҳуқуқии кормандон вобаста аст.

Хулоса ва тавсияҳои дар таҳқиқот зикргардида, ҳам барои ҳалли масъалаҳои умумии назариявии вобаста ба проблемаи маърифати ҳуқуқӣ ва ҳам барои таҳияи барномаҳои маҷмуии мақсаднок, ки ба баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқӣ ва пурзӯр намудани самаранокии фаъолияти меъёрҳои ҳуқуқӣ нигаронида шудаанд, заминаи илмӣ фароҳам меоранд.

Маводи диссертатсиониро дар раванди таълим дар омода намудани таъминоти таълимию методии фанҳои «Таърихи ҳуқуқ ва давлат» ва «Назарияи ҳуқуқ ва давлат» истифода бурдан мумкин аст.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** бо асосҳои назариявӣ ва методологӣ ва тасдиқи таҷрибавию амалии мавқеъҳои ибтидоии муаллиф таъмин карда мешавад. Истифодаи маҷмуи усулҳои иловагие, ки ба мақсадҳо, вазифаҳо ва мантиқи оӯузиш мувофиқанд, ташкил ва иштироки шахсии муаллиф дар фаъолияти таҷрибавӣ ва омӯзгорӣ ва дар амалия ҷорӣ намудани маводҳо иъникосс меёбанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзу ва мазмуни таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, мутобиқ мебошад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** аз он иборат аст, ки таҳқиқоти илмии у, аз ҷумла таҳлилҳои назариявӣ, амалӣ, нуктаҳои илмии пешниҳоднамуда ва хулосаҳо дастоварди муаллиф буда, асосноккунӣ ва мубрамии онҳо тасдиқи худро ёфтаанд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсионӣ.** Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар шуъбаи масоили назариявии давлат ва ҳуқуқи муосири Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон муҳокима ва тасдиқ гардида, дастовардҳои илмии муаллиф вобаста ба мавзу дар конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ ва дигар нишастҳои илмӣ ба табъ расонида шудаанд, аз ҷумла дар:

– Конференсияи илмӣ-амалӣ дар Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзуи: «Мубрамияти мурофиаи маъмурӣ –мушкилот, дурнамо, ва роҳҳои ҳал». Маъруза: «Таҷрибаи баррасии парвандаҳоои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ». ш. Душанбе, 28 майи соли 2022;

– Конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ бахшида ба 25 – солагии рӯзи «Ваҳдати миллӣ» дар АМИТ дар мавзуи «Самаранокии татбиқи ҳуқуқ ҳамчун омили таҳкими қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ». Маъруза: «Шуури ҳуқуқӣ ҳамчун омили самаранокии татбиқи қонунгузорӣ дар фаъолияти судҳо». ш. Душанбе, 14 июни соли 2022;

– Конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ бахшида ба 25 – солагии рӯзи «Ваҳдати миллӣ». Маъруза: «Масъалаҳои шуури ҳуқуқӣ ҳангоми амалишавии меъёрҳои ҳуқуқӣ дар таҷрибаи судӣ». ш. Душанбе, 17 июни соли 2022;

– Конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар Ҷуҳурии Қирғизистон, дар мавзуи «Конститутсия и доступ к правосудии». Маърза: “Доверие к правосудие в контексте судебно-правовой реформе». ш. Бишкек, 14-18 сентябри соли 2022;

– Конференсияи илмӣ-амалӣ дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар мавзуи: «Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030». Маъруза. «Масъалаҳои ҷавобгарӣ дар соҳаи коррупсия». ш. Душанбе, 25 октябри соли 2022;

– Конференсияи III-юми байналмилалии илмию амалӣ дар мавзуи «Ҳуқуқ ва иқтисод: масъалаҳои мубрами ҳуқуқи иқтисодӣ ва амнияти иттилоотӣ» дар Донишгоҳи давлатии тиҷоратии Тоҷикистон. Маъруза: «Проблемаҳои ташаккули шуури касбии ҳуқуқӣ ҳамчун шакли шуури ҳуқуқӣ». ш. Душанбе, ш. Душанбе, 28 апрели соли 2023;

– Конференсияи II-юми илми-амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Илми ҳуқуқшиносӣ ва амалияи он» бахшида ба рӯзи илми тоҷик дар Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маъруза: «Фаҳмиши меъёрии ҳуқуқ дар замони муосир ҳамчун асоси ташаккули ҳуқуқии тафаккури судяҳо». ш. Душанбе, 29 апрели соли 2023;

– Конференсияи байналмилалии илмию амалӣ дар мавзуи «25-солагии Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон: вазъият ва дурнамо», дар Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маъруза: «Шуури ҳуқуқии судяҳо ҳамчун омили самаранокии таъини ҷазо». ш. Душанбе, 26-уми майи соли 2023;

– Конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ дар Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон . Мавзуъ: “Ҷавобгарии ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ”. Маърӯза: «Ҷавобгарии ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар соҳаи муҳоҷират». ш. Душанбе, 22 майи соли 2023;

– Конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ дар Донишгоҳи давлатии тиҷоратии Тоҷикистон дар мавзуи «Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030». Маърyза: «Баъзе масъалаҳои ҳуқуқии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон». ш. Душанбе, 8 июни соли 2023;

– Конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ дар Донишкадаи такмили ихтисоси Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар мавзуи «Механизмҳои муосири ташаккули маърифати ҳуқуқии аҳолӣ: ҳолати кунунӣ ва дурнамо». Маърyза: «Маърифати ҳуқуқӣ ҳамчун воситаи баланд бардоштани шуури ҳуқуқӣ». ш. Душанбе, 23.01.2024;

– Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Нақши илми ҳуқуқшиносӣ дар ташаккули маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон» бахшида ба 30-солагии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва соли маърифати ҳуқуқӣ. Маърyза: «Тарзҳои болоравии маърифати ҳуқуқии аҳолӣ да асоси паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон». Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. ш. Душанбе, 12 апрели соли 2024;

– Конференсияи илмӣ-амалӣ ҷумҳуриявӣ бахшида ба соли Маърифати ҳуқуқӣ дар мавзуи «Нақши маърифати ҳуқуқӣ дар ҷомеаи шаҳрвандӣ» Маърyза: «Роҳҳои баланд бардоштани маърифати ҳуқуқи дар ҳошияи паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар Коллеҷи техникии Донишгоҳи техникии ТОҷикистон ба номи академик М. Осимӣ, ш. Душанбе, 12.04.24;

– Конференесияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ бахшида ба соли Маърифати ҳуқуқӣ «Маърифати ҳуқуқӣ-омили тақвияти тартиботи қуқуқӣ ва қонуният» дар Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Маърyза: «Фаҳмиши меъёри ҳуқуқ дар замони муосир ҳамчун омили ташаккули маърифати ҳуқуқӣ». ш. Душанбе, 19 апрели соли 2024;

– Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ бахшида ба 30-солагии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Маърyза: «Масъалаҳои шуури ҳуқуқӣ ҳангоми амалишавии меъёрҳои ҳуқуқӣ дар таҷрибаи судӣ». ш. Душанбе, 24.04.2024;

– Конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ ба муносибати «соли «маърифати ҳуқуқӣ» эълон гардидани соли 2024 дар мавзуи «Маърифати ҳуқуқӣ омили муҳими такмили давлатдории миллӣ» бахшида ба 30-солагии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Донишгоҳи байналмиллалии саёҳи ва соҳибкории Тоҷикистон. Маърyза: «Роҳҳои баланд бардоштани маърифати ҳуқуқи дар ҳошияи паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон». ш. Душанбе, 25-26 апрели соли 2024.

**Интишорот аз рӯи мавзӯи диссертатсия.** Доир ба мавзуъ ва моҳияти диссертатсия унвонҷу 5 монография, 1 китоби дарсӣ, 5 васоити таълимӣ, 53 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 21 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ ба табъ расонидааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз муқаддима, панҷ боб, бисту як зербоб, хулоса, тавсияҳо, рӯйхати адабиёти истифодашуда ва рӯйхати интишороти илмии довталаб оид ба дарёфти дараҷаи илмии д.и.ҳ. иборат мебошад. Ҳаҷми диссертатсия 410 саҳифаро ташкил медиҳад.

## МУҲТАВОИ АСОСИИ ДИССЕРТАТСИЯ

Дар **муқаддима** мубрамияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ асоснок карда шуда, дараҷаи таҳқиқи он, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва мавзуҳои илмӣ, мақсад, вазифаҳо, объект, мавзу, марҳила, макон ва давраи таҳқиқот, асосҳои назариявӣ, методологӣ, заминаҳои эмперекӣ, навоврии илмии таҳқиқот ва нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешинҳодшаванда, аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот, мутобиқатии диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои дисертатсионӣ, интишорот аз руи мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия пешбинӣ гардидааст.

Бобо 1 диссертатсия – **«Проблемаҳои назариявии шуури ҳуқуқӣ»** аз 4 зербоб иборат буда, дар доираи он мафҳум ва функсияҳои шуури ҳуқуқӣ, унсурҳои шуури ҳуқуқӣ, намудҳои шуури ҳуқуқӣ ва шуури ҳуқуқии касбии судяҳо ҳамчун намуди шуури ҳуқуқӣ мавриди омӯзиш, таҳлил, таҳқиқ ва баррасӣ қарор гирифтаанд.

Дар зербоби 1 боби 1 **«Мафҳум ва функсияҳои шуури ҳуқуқӣ»** номгузорӣ шуда, дар он бо омӯзиши сарчашмаҳои зиёди илмӣ - таърихӣ, ақидаҳои олимон ва мухассисони соҳаҳои гуногуни илм мавриди таҳқиқ ва омӯзиш ва муқоисакунӣ қарор дода шуда, мафҳум ва унсурҳои шуури ҳуқуқӣ муайян карда шудаанд.

Муаллиф қайд менамояд, ки то аввалҳои соли бистуми асри гузашта, натанҳо мафҳуми "Шуури ҳуқуқӣ" ва дигар пададиҳое, ки ин мафҳумро дар замони муосир муайян мекунанд, мавҷуд набуданд, танҳо баъзе истилоҳои муродифие ба монанди (эътиқоди ҳуқуқӣ, фаҳмиши ҳуқуқӣ, тафаккури ҳуқуқӣ) арзи вуҷуд мекарданд.

Истилоҳои ба шуури ҳуқуқӣ наздик баъд аз солҳои 30-юм ва солҳои 60-уми асри гузашта ба вуҷуд омада, дар онҳо таҳлили баъзе унсурҳо ва функсияҳои шуури ҳуқуқӣ дода мешуданд.

Муаллиф изҳори ақида менамояд, ки олимон дар он давраҳо ҳар кадом ин мафҳумро вобаста ба сохти сиёсию давлатӣ, муносибатҳои мавҷудаи ҷамъиятӣ, минталитет ва психологии одамон муайян мекарданд, ки баъзе аз унсурҳои он ба мафҳуми имрузаи шуури ҳуқуқӣ таъсири худро расонида,

заминаи илмӣ гузоштаанд. У қайд менамояд, ки мафҳуми шуури ҳуқуқӣ мавзуи бевоситаи омӯзиши илми ҳуқуқшиносӣ буда, ин мафҳумро дар бисёр китобҳои дарсӣ оид ба назарияи ҳуқуқ ва давлат, васоити таълимӣ ва монографияҳо вохурдан мумкин аст.

Дар натиҷаи омӯзиш ва таҳлили сарчашмаҳои илмӣ, муаллиф чунин мафҳуми шуури ҳуқуқиро пешниҳод намудааст: «Шуури ҳуқуқӣ - ин маҷмуи ақидаҳо ва ҳиссиёти ҳуқуқӣ мебошад, ки хусусияти меъёрӣ дошта, ҳам дониш дар бораи падидаҳои ҳуқуқӣ ва ҳам баҳодиҳии онҳоро аз нуқтаи назари адолат ва инчунин талаботи нави ҳуқуқӣ, ки дорои хусусияти иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ буда, талаботи сиёсӣ ва манфиатҳои инкишофи ҷамъиятиро ифода менамояд, дар он шахс маънавиёти худро дарк намуда, маънавиёти одамони дигарро эътироф мекунад, оқилона аз болои муносибатҳои эҳсосии худ назорат мебарад, муносибати одамонро нисбат ба ҳуқуқ ва падидаҳои ҳуқуқӣ дар ҳаёти ҷамъиятӣ ифода мекунад».

Муаллиф вобаста ба мафҳуми додашуда, якчанд функсияҳои зерини шуури ҳуқуқиро ҷудо намудааст: идрокӣ; баҳодиҳӣ (арзёбӣ); муназзим (танзимкунанда); пешгуӣ; робитавӣ; функсияи амсиласозӣ.

Дар зербоби 2 боби 1 «**Унсурҳои шуури ҳуқуқӣ**» баррасӣ шудаанд. Дар таҳқиқот муаллиф ду унсурҳои сохтории шуури ҳуқуқиро ҷудо менамояд: психологияи ҳуқуқӣ ва идеологияи ҳуқуқӣ.

Муаллиф зери мафҳуми психологияи ҳуқуқӣ, маҷмуи ҳиссиёт ва эҳсосот, майл, шахс, ҷомеа, давлатро дар назар дорад, ки аз ҳуқуқ ва падидаҳои ҳуқуқӣ бармеоянд.

Мафҳуми идеологияи ҳуқуқӣ бошад, ба сифати нишондиҳандаи хосиятҳои арзишӣ, сифат, ҷанбаҳо, хусусиятҳои ҳақиқати ҳуқуқӣ, ки барои субъекти муайян, хизмат мекунад. Он муносибатҳои ҷамъиятиро ҳамчун як низом инъикос мекунад ва дорои неруи бузурги маънавӣ буда, дар тасдиқи арзиши баланди ҳуқуқ ва озодиҳои шахс ифода ёфта, асоси фикру мулоҳизаҳоро дар бораи тақсимоти ҳокимият, волоияти қонун дар фаъолияти судӣ муайян менамояд.

Дар зербоби 3 боби 1 – «**Намудҳои шуури ҳуқуқӣ**» муаллиф дар диссертатсия се намуди шуури ҳуқуқиро ҷудо менамояд: ҷамъиятӣ; гурӯҳӣ; фардӣ.

Шуури ҳуқуқии ҷамъиятӣ - ин низоми ғояҳо, ақидаҳо, назарияҳо, эҳсосот, ҳиссиёт, майлу таассуроти ҳуқуқии дар асоси хусусиятҳои умумии таърихию фарҳангӣ ва миллӣ хос, мебошад.

Шуури ҳуқуқии гуруҳӣ бошад - ин як низоми ғояҳо, назарияҳо, ақидаҳо, эҳсосот ва майлҳои ҳуқуқӣ мебошад, ки барои ҷомеаҳои иҷтимоӣ хос буда, муносибати бартарии онҳоро нисбат ба ҳуқуқ, арзёбии коллективиро ифода мекунанд.

Шуури ҳуқуқии фардӣ - маҷмуи донишҳои ҳуқуқӣ, ғояҳо ва назарияҳои ба таври инфиродӣ беназир, ки фард аз худ кардааст, инчунин эҳсосот, руҳия ва самтҳои мувофиқи ҳуқуқӣ мебошад, ки муносибати

шахси мушаххасро нисбат ба қонун ва ҳақиқати ҳуқуқӣ муайян мекунанд.

Дар зербоби 4 боби 1 - **“Шуури ҳуқуқии касбии судяҳо ҳамчун намуди шуури ҳуқуқӣ”** муаллиф қайд менамояд, ки шуури ҳуқуқии касбии судя ҳамчун падидаи мураккаб ва гуногунҷанбаи иҷтимоӣ-психологӣ дорои сифатҳои функсионалӣ - сохторӣ буда, дар хислатҳои инфиродии судя зоҳир гардида, моҳияти шуури ҳуқуқии охиринро муайян намуда, табиати падидаи мавриди таҳқиқ қарордоштаро возеҳу равшан мекунанд.

Шуури касбии ҳуқуқӣ - ақидаҳо, анъанаҳо, эътиқоди кормандоне, ки бевосита бо фаъолияти ҳуқуқӣ машғуланд ва дорои дониши касбии ҳуқуқӣ ва таҷрибаи корӣ мебошанд (судяҳо, прокурорҳо, адвокатҳо, мушовирони ҳуқуқӣ, вакилони мақомотҳои намояндагӣ ва ғайра). Тарҳрезии дастурҳои бошууронаи ҳуқуқӣ ва самтҳои арзишӣ дар ҳуқуқшиносӣ, истифодаи онҳо дар амалияи ҳуқуқӣ, татбиқи ба амал баровардани дастовардҳои афкори назариявӣ, принсипҳо ва арзишҳои ҳуқуқ бештар аз он вобаста аст. Шуури ҳуқуқии касбӣ пеш аз ҳама дар асоси амалияи ҳуқуқӣ ташаккул мeёбад, аммо аз тарафи дигар, воқеан инсондустӣ ва сатҳи воқеан касбии чунин амалия аз он вобаста аст.

Шуури ҳуқуқии касбии судяҳо - ин дарки масъулият, фаҳмиши амиқи меъёрҳои ҳуқуқ, татбиқи дурусти муқаррароти қонунҳо, риояи бечунучарои принсипҳои поквиҷдонӣ, оқилона, одилона, боинсофона, холисона ва беғаразӣ дар ҳаллу фасли парвандаҳои судӣ мебошад. Яъне, судяҳо ҳангоми ба амал баровардани адолати судӣ, бо мақсади таъмини риояи қоидаҳои одоби касбӣ, меъёрҳои ахлоқию маънавӣ бояд софдилона ва бовиҷдонона фаъолият намуда, ҳангоми амали намудани вазифаҳои хизматӣ, эҳтиром гузоштан ба арзишҳои инсонӣ дар ҷомеа намунаи ибрат бошанд.

Бобо 2 диссертатсия – «**Фаҳмиши ҳуқуқӣ дар раванди ҳуқуқтатбиқкунии судӣ**» аз 4 зербоб иборат буда, дар доираи он масоил ва табиати фаҳмиши ҳуқуқӣ дар фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунӣ, фаҳмиши меъёрии ҳуқуқ дар замони муосир, ҳамчун асоси ташаккули ҳуқуқии тафаккури судяҳо, фаҳмиши ҳуқуқии судӣ дар раванди ҳуқуқтатбиқкунӣ ва расмиёти судӣ, ҳамчун шакли фаҳмиши ҳуқуқӣ дар раванди ҳуқуқтатбиқкунии судӣ мавриди таҳқиқ ва баррасӣ қарор гирифтанд.

Дар зербоби 1 боби 2 – «**Масоил ва табиати фаҳмиши ҳуқуқӣ дар фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунӣ**» маврид таҳқиқ қарор гирифта**,** муаллиф қайд мекунад, ки табиати фаҳмиши ҳуқуқӣ яке аз мавзуҳои муҳим арзёбӣ гардида, риоя ва иҷрои ҳуқуқ аз шуури инсон вобаста мебошад. У ибрози ақида менамояд, ки мақоми судя дар давлат ва ҷомеа, яке аз маҳакҳои асосии давлати ҳуқуқбунёд ва ҷомеаи шаҳрвандӣ буда, шуури ҳуқуқии касбии судяҳо бошад, яке аз обектҳои махсуси омӯзиши илмӣ ба ҳисоб меравад. Аз ин ру, дар масъалаи фаҳмиши ҳуқуқӣ хулосаҳо дар бораи алоқамандии ҳастӣ ва шуур ҳаматарафа буда, ба ҳама гуна соҳаи муносибатҳо ва алоқаҳое, ки дар он шуур мавҷуд аст, дахл дорад.

Ҳамин тавр, фаҳмиши ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳуқуқтатбиқкунӣ як намуди фаъолияти зеҳнии судя мебошад, ки бо шарҳи субъективии муносибатҳои ҳуқуқии марбут ба парвандаҳои судии баррасишаванда, таҳлили фарзияҳои пешниҳодшуда ва фаҳмиши муносибатҳои ҳуқуқии бамиёномада, дар доираи фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунӣ баҳои ҳуқуқӣ дода мешавад, алоқаманд аст.

Муаллиф ақида дорад, ки фаҳмиши ҳуқуқии судӣ ҳамчун яке аз шаклҳои зуҳуроти дарки ҳуқуқӣ, аломатҳои махсус ва хусусиятҳои хос дорад. Дарки ҳуқуқӣ дар соҳаи татбиқи ҳуқуқ дар шакли умумӣ бо худ фаъолияти зеҳнии субъекти татбиқи ҳуқуқро ҳангоми иҷро намудани ваколатҳои хизматӣ ифода менамояд, ки ба тариқи муқаррарнамудаи меъёрҳои ҳуқуқӣ сурат мегирад ва ба ташаккули дониш дар бораи ҳодисаи рухдодаи иҷтимоӣ нигаронида шуда, хусусиятҳои ҳуқуқии онро муайян мекунад. Ду манбаи фаҳмиши ҳуқуқӣ қайд карда шдааст- ин таҷриба ва ақл.

Зери мафҳуми таҷриба - гирифтани иттилоот аз берун бо роҳи мустаҳкам кардани он дар шуур фаҳмида мешавад. Зери манбаи дуюми фаҳмиши ҳуқуқӣ ақл - тамоми ҷараёнҳои зеҳниро фаҳмидан, яъне қобилияти шуури инсон бо риояи қонунҳои мантиқ хулосабарорӣ намудан аст.

Дар зербоби 2 боби 2 – **«Фаҳмиши меъёрии ҳуқуқ дар замони муосир ҳамчун асоси ташаккули ҳуқуқии тафаккури судяҳо»** баррасӣ шудааст. Муаллиф қайд менамояд, ки мушкилоти фаҳмиши ҳуқуқ дар назарияи ҳуқуқ яке аз масъалаҳои асосӣ ба шумор рафта, судя ҳамчун ҳуқуқтатбиқкунанда бояд дар бораи ҳуқуқ, ки мафҳуми асосӣ ва ибтидоии ҳаёти ҳуқуқии ҷомеа аст, тасаввуроти хеле васеъ ва равшан дошта бошад. Бе фаҳмиши ҳуқуқ, моҳият ва мазмуни он, муайян намудани самти дурусти ҳақиқати ҳуқуқӣ ғайриимкон аст, зеро ҳуқуқ дар асоси тамоми падидаҳои ҳуқуқии дар ҷомеа мавҷудбуда ҷой дорад, чунки муайян намудани масъалаи қонунӣ ва ё ғайриқонунӣ будан, ин ҷавҳари фаъолияти суд мебошад.

Муаллиф ибрози ақида менамояд, ки дар илми ҳуқуқшиносӣ вобаста ба фаҳмиши ҳуқуқ ақидаҳои гуногун мавҷуданд. Лек муаллиф ду ҷараёни фаҳмиши ҳуқуқро тавсиф менамояд: фаҳмиши меёрӣ ва фаҳмиши васеъ, яъне фаҳмиши ҳуқуқ ин на танҳо меъёрҳои ҳуқуқӣ, балки дигар падидаҳои ҳуқуқие ба монанди муносибатҳои ҳуқуқӣ, шуури ҳуқуқӣ ва ғайраҳо мебошанд, ки инҳоро дар бар мегирад. Гарчанде дар илми ҳуқуқшиносӣ ин ақидаи ягона набуда, ақидаҳои дар бораи инкишофи таълимот оид ба ҳуқуқ бо тақсим намудани он ба ҳуқуқи табии ва ҳуқуқи позитивӣ мебошанд, Аммо чунин гузориши масъала баҳснок ба шумор меравад.

Бояд тазаккур дод, ки дар замони муосир оид ба фаҳмиши меъёрии ҳуқуқ ақидаҳои хеле зиёд мавҷуд мебошанд. Аммо муаллиф ду консепсияро доир ба фаҳмиши ҳуқуқ ҷудо намудааст: консепсияи либертарӣ ва табииҳуқуқӣ. Консепсияи либертарӣ ва консепсияи табиӣ- ҳуқуқӣ, самтҳои гуногуни фаркият байни ҳуқуқ ва қонун буда, хусусиятҳои ҳам умумӣ ва ҳам мушаххас доранд.

Дар зербоби 3 боби 2 – **«Фаҳмиши ҳуқуқии судӣ дар раванди ҳуқуқтатбиқкунӣ»** мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. **М**уаллиф дар таҳқиқоти ин масъала қайд менамояд, ки хусусияти хоси фаҳмиши ҳуқуқии судӣ ҳангоми ҳуқуқтатбиқкунӣ нисбат ба дигар намудҳои фаҳмиши ҳуқуқӣ бо нақш ва мавқеи суд дар низоми танзими муносибатҳои ҳуқуқи ҷамъиятӣ, хусусиятҳои ин танзим, мақсад ва вазифаҳои мурофиаи судӣ, аҳаммияти ҳуқуқии санадҳои қабулгардидаи судӣ муайян шуда, дар низоми ҳуқуқии фаъолияти мурофиавии судӣ зоҳир мегардад.

Фаҳмиши ҳуқуқии судӣ, ҳангоми ҳуқуқтатбиқкунӣ дар доираи расмиёти судӣ вуҷуд дошта, танҳо аз ҷониби судяҳо ҳамчун намояндагони ҳокимият судӣ ба амал бароварда мешавад. Мақсади фаҳмиши ҳуқуқии судӣ зимни ҳуқуқтатбиқкунӣ аз муайян намудани ҳолатҳои барои парванда аҳаммиятдошта, баҳои ҳуқуқӣ додан ба муносибатҳои муқарраршуда ва муайян кардани ҳуқуқ ва уҳдадориҳои (меъёри масъулиятӣ) шахсони дар ин муносибатҳо алоқамандбуда, иборат аст.

Тарзу усулҳои фаҳмиши ҳуқуқии судӣ дар қонун мушаххас муайян карда шудааст. Аз ин ру, судя ҳангоми омӯзиши ихтилофҳои ҳуқуқӣ бояд бечунучаро талаботи қонунҳои мурофиавиро риояо намояд, ки танҳо он ба судя имкон медиҳад, ки у дар доираи фаҳмиши ҳуқуқӣ боқӣ монда, дар бораи андешаҳои мантиқии худ, ки баҳсҳои ҳуқуқиро шарҳ медиҳад, тасаaурот пайдо намояд.

Дар зербоби 4 боби 2 – **«Расмиёти судӣ ҳамчун шакли фаҳмиши ҳуқуқӣ дар раванди ҳуқуқтатбиқкунии судӣ»** мавриди таҳқиқ қарор дода шуда, вобаста ба ин масъала муаллиф қайд менамояд, ки расмиёти судӣ, ҳамчун шакли фаҳмиши ҳуқуқии судӣ ҳангоми ҳуқуқтатбиқкунии судӣ падидаи бениҳоят мураккаб буда, танҳо бо меъёрҳои мурофиавие, ки рафти баррасии судиро ба низом медароранд, маҳдуд намешавад. Зеро расмиёти судӣ дорои заминаи ҳастии худ буда, аз принсипҳои асосие, ки хусусияти умумии онро ташаккул медиҳад, маҳакҳо ё талаботе, ки нисбати онҳо пешниҳод карда мешаванд, мазмун ва шакл, мақсад, механизму фишангҳои амалигардонӣ, доираи амал ва ғ. мебошад.

Мавҷуд набудани расиёти судӣ, дар мурофиаи судӣ мазмун ва моҳияти адолати судиро аз байн мебарад. Аз ин ру, расмиёти судӣ ҳамчун шакли фаҳмиши ҳуқуқӣ дар раванди ҳуқуқтатбиқкунии судӣ, аз лаҳзаи пайдоиши инсоният ба вуҷуд омада, он дар ҷараёни таърихӣ вобаста ба сохти давлатдорӣ ва низоми ҳуқуқ тағйир ёфта, ҳамеша чӣ дар шакл ва чӣ дар мазмун ба сатҳи рушди иҷтимоию иқтисодии он ҷомеа хизмат расонида, ба талаботи он мувофиқат менамояд. Бинобар ин дар Тоҷикистон дар давоми зиёда аз 30 соли давлатдории тоҷикон, бо қабули Конститутсия, Қонунҳои конститутсионӣ, Кодексҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ вобаста ба ташакули давлатдорӣ ва низоми ҳуқуқӣ, ислоҳотҳои судии ҳуқуқӣ, расмиёти судӣ низ якчанд маротиба тағйир ёфта, рушд кардааст, ки он ба болоравии фаҳмиши ҳуқуқии судяҳо дар равандаи ҳуқуқтатбиқкунӣ бевосита мусоидат намудааст.

Мурофиаи судӣ тибқи қонун дорои шакл, марҳилаҳои худ, пай дар пайи ва муҳлат мебошад. Расимиёти судӣ бошад, ҳамчун шакли фаҳмиши ҳуқуқии судӣ, инчунин дар доираи танзими ҳуқуқӣ, дорои ифодаи расмии худ мебошад. Ҳамин тавр, фаҳмиши ҳуқуқии судӣ танҳо бо ҳолатҳои муҳими ҳуқуқӣ, расмиёти судӣ бошад, ҳамчун шакли фаҳмиши ҳуқуқии судӣ бо меъёрҳои мурофиавӣ маҳдуд карда мешавад.

Бобо 3 диссертатсия – «**Шуури ҳуқуқии касбии судяҳо чун заминаи фаъолияти тафсири ҳуқуқӣ**» аз 5 зербоб иборат буда, дар доираи он ҷанбаҳои назариявии тафсири ҳуқуқӣ, намудҳо ва тарзҳои тафсири ҳуқуқӣ дар шароити инкишофи низоми ҳуқуқӣ, ҷой ва нақши герменевтикаи ҳуқуқӣ дар фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии судӣ, усул ва тарзҳои герменевтикаи ҳуқуқӣ, қоидаҳои воқеии тафсир ва тафсири меъёрҳои ҳуқуқ аз руи робитаи мантиқӣ ва низомнокии онҳо мавриди омӯзиш, таҳлил, таҳқиқ ва баррасӣ қарор гирифтанд.

Зербоби 1 боби 3 – «**Ҷанбаҳои назариявии тафсири ҳуқуқӣ**» номгузорӣ шуда, баррасии масъалаи тафсири қонун мебошад. Муаллиф қайд менамояд, ки дар назарияи ҳуқуқ тафсир маънои тассавурот пайдо кардан дар бораи мазмун ва муҳтавои қонун ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, фаҳмиши маънои аслӣ ва дақиқи қонун, дарки моҳияти қонунро дар назар дорад. Ҳамин тавр тафсир, ин муайян намудани маънои меъёрҳо мебошад; тафсир ин шарҳи муҳтавои меъёрҳо ба шумор меравад; тафсир ин муайян намудани маънои меъёрҳо ва ҳам шарҳи онҳо мебошад.

Дар баъзе меъёрҳои қонунгузорӣ ҳатто муқарраротҳое ҷой доранд, ки фаҳмиши духураи меъёри қонунро манъ мекунанд. Аз ҷумла, тибқи қисми 4 моддаи 4 Кодекси ҷиноятии ҶТ мазмуни Кодекси ҷиноятӣ бояд дақиқан мутобиқи матни он фаҳмида шавад.

Бояд зикр намуд, ки ҳар як қонун аз фаслҳо, бобҳо, зербобҳо, моддаҳо, қисмҳо ва сархатҳо буда метавонанд ва дар шакли калимаҳое, ки ба ҷумлаҳо, матнҳо муттаҳид шудаанд, ифода меёбад. Баъзан иваз кардани танҳо ҳарфи як калима ва ё интиқол додани аломати китобатӣ кифоя аст, то мазмуни маъноии тамоми ибора ва меъёри қонун ба куллӣ тағйир ёбад.

Бинобар ин, қонун муқаррар кардааст, ки дар сурати ошкор намудани носаҳеҳӣ ва гуногунфаҳмии санади меъёрии ҳуқуқӣ, амалияи ихтилофноки истифодаи он, мақомоти (шахси мансабдори) санади меъёрии ҳуқуқии дахлдорро қабулнамуда дар санади тафсир, ки хусусияти расмӣ ва ҳатмӣ дорад, тафсири меъёри онро пешниҳод менамояд.

Муаллиф қайд менамояд, ки тафсири қонун барои таъмини шарҳи илмӣ ва амалӣ, асоснокии мазмун, маънои меъёри тафсиршуда бо мақсади фаҳмиши дақиқ, татбиқи якхела ва дурусти он мусоидат менамояд. Муаллиф ибрози ақида менамояд, ки тафсир маънои онро надорад, ки фаҳмиши нави умумии ҳуқуқие, ки аз ин меъёр дур мешавад ё онро иваз мекунад, ба миён орад.

Вобаста ба ин судяҳо мустақил буда, танҳо ба Конститутсия ва қонунҳо итоат мекунанд ва ҳангоми ҳуқуқтатбиққунии судӣ дар баамалбарории адо-

лати судӣ ва қабули санадҳои судӣ, судяҳо набояд меъёрҳои қонунро васеъ маънидод намуда, ба хулосабарориҳое, ки ба татбиқи нодурусти муқаррароти қонун асос ёфтаанд, оварда расонанд.

Дар зербоби 2 боби 3 – **«Намудҳо ва тарзҳои тафсири ҳуқуқӣ дар шароити инкишофи низоми ҳуқуқӣ»** баррасӣ шуданд. Муаллиф қайд менамояд, ки чӣ тавре дар боло зикр гардид, мақсади тафсири меъёри ҳуқуқ ин фаҳмиш, азхудкунии маъно ва муҳтавои меъёри тафсиршаванда мебошад. Тафсир бояд он ақидаю мафҳумҳоеро, ки қонунгузор дар меъёри қонун ҷой кардааст, мазмуни он меъёрро ошкор кунад ё маънои онро инкишоф диҳад, ақида ва иродаи қонунгузорро равшан созад, ки дар шакли калима дарҷ карда шудааст.

Муаллиф ибрози ақида менамояд, ки дар назарияи ҳуқуқ якчанд намудҳои тафсири ҳуқуқӣ ҷой доранд ва у ду намуди онро ҷудо менамояд: шифоҳӣ ва воқеӣ. Назарияи муосири ҳуқуқ нишон медиҳад, ки дар баробари ду намуди шарҳи меъёрҳои ҳуқуқ, тарзҳои гуногуни тафсири меъёрии ҳуқуқ низ ҷой доранд. Аз ҷумла, имлоӣ, (филологӣ, граматикӣ), таърихӣ, низомнокӣ, таърихию сиёсӣ, мантиқӣ, махсус-ҳуқуқӣ ва ғайра.

Инчунин, дар илми назарияи ҳуқуқ, тафсир аз руи ҳаҷм ба тафсири саҳеҳ, васеъ ва маҳдуд ҷудо мешаванд.

Илова бар ин дар илми назарияи ҳуқуқ, тафсири ҳуқуқро аз руи субъектони он, ба расмӣ ва ғайрирасмӣ тақсим мекунад. Тафсири расмӣ аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ амалӣ мегардад ва он эътибори ҳатмӣ дошта, ба ҳуқуқу уҳдадориҳои субъектҳо таъсир мерасонад. Тафсири расмӣ ба меъёрӣ ва казуалӣ ҷудо мешавад. Зимни тафсири меъёрӣ, санади расмии тафсир аз ҷониби мақомоти салоҳиятдори давлатӣ қабул карда мешавад. Тафсири казулӣ, яъне тафсири ҷудогона дар ҳолати мушаххас танҳо ба парвандаҳои муҳокимашаванда истифода мешавад. Тафсири ғайрирасмӣ - ин тарзи тафсир кардан аз ҷониби мақомот ва иттиҳодияҳои ғайридавлатӣ, муассисаҳои илмӣ ва таълимӣ, ҳуқуқшиносон ва шаҳрвандон мебошад, ки намудҳои зеринро дар бар мегирад: оддӣ - аз ҷониби шахсони воқеӣ, ки таҳсилоти ҳуқуқӣ надоранд; касбӣ - аз ҷониби шахсоне, ки маълумоти олии ҳуқуқӣ доранд, доктриналӣ - аз ҷониби олимоне, ки дараҷаи тахасусӣ ва уновони илмӣ доранд.

Тафсири шифоҳӣ - фаҳмидани мазмуни волоияти қонунро дар асоси маънои калимаҳое, ки ин қоидаро ташкил медиҳанд, дар бар мегирад. Аз ин ру, тафсири шифоҳӣ омӯзиши ҳамаи чор унсур: нутқ - луғавӣ, синтаксисӣ, мантиқӣ ва услубиро дар бар мегирад.

Фаҳмиши илмии раванди тафсири меъёрҳои ҳуқуқ ба муаллиф имкон додааст, ки қоидаҳои ин тафсирро пешниҳод намояд, ки баъзеи онҳо аз ҷиҳати методологӣ аҳаммияти амалӣ доранд. Муаллиф қайд менамояд, ки истифодаи муқаррароти ин ё он қоидаи тафсир аз ҷониби судя бояд эътимоднокии натиҷаи тафсир бошад, яъне қоидаҳои тафсири воқеӣ бояд ҳамеша аз ҷониби судя дар сурати эътимодбахш будани натиҷаи он татбиқ карда ша-

вад ва агар натиҷаи тафсири воқеӣ эҳтимолӣ бошад, пас он набояд аз ҷониби судя татбиқ карда шавад.

Дар зербоби 3 боби 3 – «**Ҷой ва нақши герменевтикаи ҳуқуқӣ дар фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии судӣ**» баррасӣ шудааст. Муаллиф дар диссертатсия ба хулоса омадааст, ки герменевтикаи ҳуқуқӣ ин назария (маҳорат, усул) маънидодкунии матни ҳуқуқӣ, илмест, ки махсусияти тафсирро дар илми ҳуқуқшиносӣ, шарҳи маъное, ки қонунгузор дар матни санадҳои меъёри ҳуқуқӣ ҷой кардааст, меомӯзад.

Барои дарк намудани мавқеъ ва нақши герменевтикаи ҳуқуқӣ дар фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии судӣ, судя ҳангоми ҳалли ихтилофи ҳуқуқӣ оё айнан қонунро ё маънои қонунро ба инобат гирад. Маънои қонунро ба роҳбарӣ гирифтан, маънои дарк намудани мазмуни онро дорад, ки аз судя дониши чуқур дар соҳаи герменевтикаи ҳуқуқӣ талаб мекунад. Дар доираи ҳуқуқтатбиққунии судӣ, мавқеи дақиқан татбиқ намудани қонун, ба тафаккуру шуури судя вобастагӣ дорад. Айнан татбиқ намудани қонун, амалияи татбиқи ҳуқукро амалияи судӣ номидан мумкин нест, зеро татбиқи расмии қонун яке аз вайронкуниҳои қонун ба ҳисоб меравад (ин муқарраротт, аз ҷумла, дар қонуни ҷиноятӣ муқаррар карда шудааст ва эътироф мекунад, ки танҳо аломатҳои расмӣ барои хулоса баровардан дар бораи содир гардидани ҷиноят шарти кофӣ буда наметавонанд, агар кирдор бинобар аҳаммият надоштанаш, хавфи ҷамъиятӣ надорад ва дар ҳуқуқи маданӣ бошад, ҳалномаи моҳиятан дурусти суди марҳилаи якум наметавонад, танҳо бо як фикру мулоҳизаи расмӣ бекор карда шавад).

Аз ин ру, судя вазифадор аст на аз айнияти қонун, балки маънои дар он ифодаёфтаро, ки ҳадафи муқаррар кардани он, раванди тафсири қонун аст, ба роҳбарӣ гирад.

Ҳамин тариқ, герменевтикаи ҳуқуқӣ аз лиҳози амалӣ мавҷудияти се сатҳи истифодаро дар назар дорад: сатҳи муқаррарӣ (бо дараҷаи ба худ хос аз руи дарки амиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ, аз ҳадди аққали зарурӣ, ки зарурати объективии нигоҳ доштани мувозинат дар ҷомеа мебошад, то ҳадди имкон, ки дар фаҳмиши пурра, дақиқ ва ҳамаҷонибаи мазмун ва маънои меъёрҳои ҳуқуқие, ки муносибатҳои мушаххаси ҳуқуқиро танзим мекунанд, ки бо ин ё он сабаб барои у манфиатдор мебошанд); сатҳи ҳуқуқтатбиққунӣ (вобаста аз субъекти ҳуқуқтатбиққунӣ вале ба таври дигар бо уҳдадории касбӣ оид ба доштани ҳадди аққали дониши назариявӣ, ҳангоми татбиқи ҳуқуқӣ тавсиф карда мешавад); сатҳи илмӣ (назариявӣ) - бо назардошти мавҷудияти донишҳои илмӣ дар соҳаи герменевтикаи ҳуқуқӣ, ки дар сатҳи назариявӣ имкон медиҳад, ки меъёрҳои ҳуқуқ дар сатҳҳои гуногун омӯхта мешаванд.

Дар зербоби 4 боби 3 – «**Усул ва тарзҳои герменевтикаи ҳуқуқӣ. Қоидаҳои воқеии тафсир**» мавриди таҳлил ва таҳқиқ қарор гирифта, муаллиф ба чунин ақида аст, ки усули герменевтикӣ - доираи герменевтикӣ мебошад.

Муаллиф қайд менамояд, ки доираи герменевтикӣ дорои хусусиятҳои хоси худ мебошад: сохти мунтазами усулҳои тафсир; сатҳи татбиқи усулҳои тафсир; таносуби усулҳои татбиқи тафсир бо усулҳои татбиқи технологияи ҳуқуқӣ; хусусияти даврии раванди тафсир.

Ҳамин тариқ, қонунгузор ҳангоми ташаккули меъёри ҳуқуқӣ усулҳои мавҷудаи технологияи ҳуқуқӣ ва усулҳои тафсири онҳоро ба роҳбарӣ мегирад. Аммо дар раванди иҷрои қонун иродаи қонунгузор метавонад бо таҳрифҳо дарк шавад. Камбудиҳои тафсир дар таҳрири меъёри ҳуқуқӣ, ки барои бартараф кардани онҳо пешбинӣ шудаанд, дар тағйирот дар усулҳои татбиқшавандаи технологияи ҳуқуқӣ инъикос меёбанд. Ҳамин тавр, моддаи санади меъёрӣ бидуни тағйир додани мазмуни асосии он - сохтори ҳуқуқӣ метавонад ба бисёр тасҳеҳи матнӣ ворид шавад.

Муаллиф хулоса мекунад, ки бо дарназардошти сатҳи имрӯзаи рушди технологияи ҳуқуқӣ, судя ҳангоми ҳуқуқтатбиққунии судӣ бояд қоидаҳои зерини тафсири воқеиро донад ва риоя намояд: меъёри ҳуқуқие, ки бо меъёри дигар ё субъекти салоҳиятдор тафсири ҳуқуқӣ дода шудааст, бояд дар ҳамон маъное, ки дар он тафсир шудааст, татбиқ карда шавад; тафсири меъёри ҳуқуқие, ки шарҳи расмӣ надорад, бояд бо назардошти алоқаи мантиқии он бо дигар меъёрҳо сурат гирад; меъёри ҳуқуқӣ метавонад дар асоси худ шарҳ дода шавад, агар ин асос дар қонунгузорӣ муқаррар карда шуда бошад; дар сурати мавҷуд набудани тафсири расмии меъёри ҳуқуқ, судя пеш аз шарҳи меъёр аз рӯи алоқаи мантиқии он бо дигар меъёрҳо, аз рӯи ҷойгиршавии мунтазами он ё бо асосҳои шарҳдиҳии он вазифадор аст, меъёрро аз умумӣ ба хусусӣ омӯзад, инчунин мутобиқатии меъёрҳои омӯхташавандаро бо меъёрҳои ҳуқуқӣ, ки дар санадҳои ҳуқуқии эътибори баланди ҳуқуқӣ ҷой доранд ё дар санадҳои эътибори якхеладошта, аммо аз ҷиҳати мурратабӣ баъдтар ба табъ расида.

Дар зербоби 5 боби 3 – «**Тафсири меъёрҳои ҳуқуқ аз руи робитаи мантиқӣ ва низомнокии онҳо**» муаллиф қайд менамояд, ки тафсири меъёрҳои ҳуқуқ аз рӯи робитаи мантиқӣ ва низомнокии онҳо, қоидаи дуюми тафсири воқеӣ ба ҳисоб меравад, ки мувофиқи он тафсири меъёри ҳуқуқие, ки тафсири расмӣ надорад, бояд бо назардошти робитаи мантиқии он бо дигар меъёрҳо сурат гирад, дар ҳоле ки бартарият ба натиҷа дода шавад, ки тавассути тафсири меъёр дар низоми бо онҳое, ки дар наздиктарин иртиботи мантиқии ба он қарор доранд, ба даст омадаанд ва танҳо дар ҳолати нодуруст шудани чунин тафсир, бояд меъёрҳои дар робитаи дур қарордошта истифода шаванд.

Ҳамин тариқ, аз нуқтаи назари методологӣ барои судя фаҳмидани он муҳим аст, ки дар ҷараёни ҳуқуқтатбиққунӣ тафсири меъёри ҳуқуқие, ки бояд татбиқ шавад, бояд танҳо бо ёрии он қоидаҳое сурат гирад, ки имкон медиҳад, маънои дақиқи меъёри тафсиршавандаро аз худи қонун ё аз меъёри тафсирӣ, дарк кардан мумкин аст.

Бобо 4 диссертатсия – «**Назарияи ҳуқуқи исботкунӣ ҳамчун омили шуури ҳуқуқии касбии судяҳо**» аз 4 зербоб иборат буда, дар доираи он ма-

соили умуминазариявии таҳияи назарияи ҳуқуқи исботкунӣ, нақш ва ҷои назарияи далелҳо ва назарияи исбот дар фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии судӣ, амалинамоии фаҳмиши ҳуқуқӣ дар раванди ҳуқуқтатбиқкунӣ ва баҳодиҳии далелҳо, ҷоизӣ, дахлдорӣ ва боэътимодии далелҳо мавриди омӯзиш, таҳлил, таҳқиқ ва баррасӣ қарор гирифтаанд.

Дар зербоби 1 боби 4 – «**Масоили умуминазариявии таҳияи назарияи ҳуқуқи исботкунӣ**» номгузорӣ шуда, муаллиф дар таҳқиқоти диссертатсионӣ ба донишҳои илмии ҷамъовардашуда такя намуда, ақидаҳо ва мавқеҳои гуногуни олимон ва мутахассисони ватанию хориҷиро, ки солҳои охир дар сарчашмаҳои гуногуни ҳуқуқӣ оид ба масъалаҳои муҳим ва баҳсноки назарияи далелҳо баён гардидаанд, мавриди таҳлилу омӯзиш қарор дода, бартариҳои онҳоро муайян ва норасоиҳоро нишон дода, ақидаҳои назариявӣ ва амалии худро оид ба ин ё он проблемаҳои консептуалии назарияи далелҳо ба таври боварибахш асоснок кардааст.

Дар диссертатсия муаллиф доираи васеи проблемаҳои назариявии далелҳоро таҳқиқ карда, ба миён гузоштааст, ки онҳо мусбӣ арзёбӣ мегарданд. Ин пеш аз ҳама мантиқи далелҳо дар парвандаҳои судӣ, муносибати кӯҳна ва нав дар назарияи далелҳои судӣ, самтҳои бунёдии рушди мурофиаҳои судӣ дар Тоҷикистон ва ғайраҳоро дар бар мегиранд.

Муаллиф консепсияҳои муайяни назариявӣ ва навовариҳои қонунгузориро ба таври эътимодбахш мавриди баҳс қарор дода, рушди минбаъдаи мурофиаҳои судиро дар замони муосир пешниҳод мекунад.

Вобаста ба ин муаллиф ақида баён менамояд, ки мавзуи исбот категорияи махсуси мурофиавӣ буда, ҳолатҳое дохил мешавад, ки аҳаммияти мурофиавӣ дорад, ҳолатҳоеро дар бар мегирад, ки бе равшан намудани онҳо моҳиятан дуруст ҳал намудани парванда ва татбиқи меъёри ҳуқуқи моддӣ имконнопазир аст.

Ӯ ибрози ақида менамояд, ки мавзуи исботро ҳамчун категорияи - қонуни далелӣ нисбат ба ҳама мурофиаҳои судӣ абстрактӣ баррасӣ кардан мумкин нест. Аз ҷумла, дар мурофиаи ҷиноятӣ «далелҳо оид ба парвандаи ҷиноятӣ маълумоти воқеие ба шумор меравад, ки дар асоси онҳо ҳуқуқтатбиқкунандагон бо тартиби муайяннамуда, мавҷуд будан ё набудани кирдори барои ҷамъият хавфнок, исбот гардидан ё нагардидани ҳолатро оид ба парвандаи ҷиноятӣ ва ҳолати дигари барои ҳалли дурусти парванда аҳаммиятдоштаро муқаррар мекунанд».

Дар қонунгузори мурофиаи маданӣ бошад «ҳама гуна маълумот оид ба фактҳое, ки тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонун гирифта шудаанд ва дар асоси онҳо суд мавҷуд будан ё набудани ҳолатҳои асосноккунандаи талабот ва норозигии тарафҳо, инчунин дигар ҳолатҳои барои ҳалли дурусти парванда аҳаммиятдоштаро муқаррар менамояд, далелҳо оид ба парванда эътироф мешаванд».

Ҳамин тавр муаллиф хулосабарорӣ менамояд, ки коркарди илмии назарияи ҳуқуқи исботкунӣ ва хулосаву пешниҳодҳои илмӣ на танҳо барои ба-

ланд бардоштани савияи касбии судяҳо таъсири судманд расонида метавонад, ҳамчунин ба мустаҳкам намудани принсипи адолат дар мурофиаҳои судӣ мусоидат менамояд.

Дар зербоби 2 боби 4 – **«Нақш ва ҷои назарияи далелҳо ва назарияи исбот дар фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии судӣ»** баррасӣ шудаанд. Муаллиф қайд мекунад, ки барои ҳуқуқтатбиқкунии судӣ масъалаи далелҳо ва исбот он қадар муҳим аст, ки аз ҳад зиёд баҳо додан ғайриимкон аст. Муҳимияти амалияи татбиқи ҳуқуқ, дарк кардани далелҳо ва исбот бо мисолҳои гуногуни иҷрои қонун дар судҳо, ки ба ин мушкилот ҳарруза вомехуранд, тасдиқ карда мешавад. Барои татбиқи адолати судӣ далел ва исбот ҳам асоси мурофиавӣ ва ҳам асли мурофиавӣ мебошанд. Исбот ҷузъи муҳими - мурофиаи судӣ, далелҳо бошанд барандаи моддии моҳияти мурофиавии судӣ мебошанд. Таъмини қонунгузории судӣ ҳамчун ҷузъи ҳаёти ҳуқуқии ҷомеа, бе далелу исбот, ғайриимкон аст. Албатта, мурофиаи судиро бе далелу исбот тасаввур кардан имконнопазир аст. Баъзан ба назар чунин менамояд, ки ин ё он санади судие, ки натиҷаи расман аз номи давлати Тоҷикистон эълон карда шудааст, дар парвандаи судии мушаххас ба ақидаҳои ибтидоӣ дар бораи назарияи далелҳо мухолифат мекунад ва ин мушкилот имрӯз таҳқиқоти илмӣ ва ҳалли қонуниро тақозо мекунад.

Муаллиф хулоса мекунад, ки ҳолати ҳозираи далелҳо бо гуногунрангии рушд, дар соҳаҳои гуногуни ҳуқуқи мурофиавӣ тавсиф мешавад. Дараҷаи инкишофи далелҳо дар мурофиаи ҷиноятӣ нисбат ба дигар соҳаҳои мурофиавӣ хеле баланд аст. Ин ҳолат ба таҳияи муқаррароти умумии назариявӣ монеъ мешавад, ки барои таҳияи назарияи далелҳо ҳамчун маҳаки пайвасткунандаи байни тамоми илмҳои ҳуқуқи мурофиавӣ асос мегардад.

Ҳолатҳоеро, ки объекти дониши судӣ буда, аз ҷиҳати мазмуни худ фарқ мекунанд, муаллиф пешниҳод менамояд, ки ба чор намуд тақсим карда шаванд: далелҳои ҳуқуқии дорои хусусияти моддӣ дошта; ҳолатҳое, ки ба далелҳо асос ёфтаанд, далелҳои эътибориро дар сарчашмаҳои илмӣ баъзан далелҳои инференсиалӣ меноманд; ҳолатҳои дорои аҳаммияти истисноии мурофиавӣ дошта; ҳолатҳое, ки муқаррар намудани онҳо барои иҷрои - вазифаҳои тарбиявию профилактикии суд зарур аст.

Аз ин ру, далелҳои ҳар яке аз намудҳои номбаршуда, то он ки суд ҳамчун мавҷуд будани онҳоро эътироф кунад, бояд бо истифода аз далелҳои судӣ исбот карда шавад.

Дар зербоби 3 боби 4 – **«Амалинамоии фаҳмиши ҳуқуқӣ дар раванди ҳуқуқтатбиқкунӣ»** муаллиф дар диссертатсия қайд менамояд, ки илми ҳуқуқшиносии муосир дар ҷустуҷуи намунаҳои нави фаҳмиши ҳуқуқӣ бо мақсади беҳтар намудани самаранокии раванди иҷрои қонун, ҳамчун шакли ҳуқуқии фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунӣ мебошад. Ба даст овардани натиҷаи дилхоҳ на танҳо бо эҷоди назарияҳои ҳуқуқӣ ё бартарият эътироф намудани яке аз онҳо, балки пеш аз ҳама, бо имкони татбиқи ғояҳои дигаргунсозанда ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии мувофиқ дар амалияи ҳуқуқӣ алоқаманд аст.

Муносибатҳои методологии фаҳмиши ҳуқуқ, ки вобастагии мутақобилаи фаҳмиши ҳуқуқӣ ва доктринаҳои ҳифзи ҳуқуқро инъикос мекунанд, таваҷҷуҳи назариявӣ ва амалӣ доранд. На танҳо хусусиятҳои низоми ҳуқуқӣ ва ҷузъҳои таркибии он, балки принсипҳои ташкили давлат, ки асоси роҳи демократии тақсимоти ҳокимиятро ташкил медиҳанд, аз таълимотҳои татбиқ ва дарки ҳуқуқ вобастаанд.

Ҳамин тавр, хулосабарори карда мешавад, ки хусусиятҳои амалинамоии фаҳмиши ҳуқуқӣ дар раванди ҳуқуқтатбиққунӣ, дар ин раванд дастурҳои бунёдии ташаккули як намуди муайяни фаҳмиши ҳуқуқиро муқаррар мекунанд. Ҷолиб он аст, ки фаъолияти эҷодӣ дар таҳқиқи чунин падидаи ҳуқуқӣ бечунучаро аст.

Дар зербоби 4 боби 4 – **«Баҳодиҳии далелҳо. Ҷоизӣ, дахлдорӣ ва боэътимодии далелҳо»** муаллиф изҳори ақида менамояд, ки баҳодиҳии далелҳо - ин қобили қабул будани далелҳо аз ҷониби судяҳо дар мурофиаҳои судӣ дар он аст, ки ҳамчун мафҳуми қатъии расмӣ баҳо дода мешавад, ки маънои мутобиқати манбаи маълумоти воқеӣ ва шакли мурофиавиро дар бар мегирад, ки онро ба талаботи муқарраршуда аз қонун ифода мекунад.

Қоидаи баҳодиҳии далелҳо дар меъёри ҳуқуқҳои мурофиавӣ қариб, ки якхела ифода шудааст. Аз ҷумла, ҳолатҳои парвандаи ҷиноятӣ, тибқи қонун бояд бо далелҳои муайян тасдиқ карда шавад ва тибқи моддаи 88 КМҶ ҶТ «суд қонун ва дарки ҳуқуқиро ба роҳбарӣ гирифта, далелҳоро бо ақидаи ботинии худ, ки ба баррасии ҳаматарафа, пурра ва холисонаи ҳама ҳолатҳои парванда асос ёфтааст, аз нигоҳи мансубият доштан, қобили қабул будан, саҳеҳ будан ва кифоя будани маҷмуи ҳамаи далелҳои ҷамъовардашуда барои ҳалли парвандаи ҷиноятӣ баҳо медиҳад».

Мувофиқи моддаи 70 КММ ҶТ бошад «Суд ба далелҳо аз рӯи эътимоди ботинии худ баҳо медиҳад, ки он ба таҳқиқи ҳамаҷониба, пурра, объективона ва бевоситаи далелҳои дар парванда мавҷуда асос меёбад. Ҳангоми баҳодиҳии саҳеҳии ҳуҷҷатҳо ва дигар далелҳои хаттӣ суд бояд бо назардошти дигар далелҳо эътимод дошта бошад, ки ҳуҷҷат ва дигар далелҳои хаттӣ аз мақомоте пешниҳод шудаанд, ки барои додани чунин навъи далелҳо ваколатдоранд, аз ҷониби шахсе имзо шудааст, ки ҳуқуқ дорад ба ин ҳуҷҷатҳо имзо гузорад, дорои ҳамаи дигар реквизитҳое мебошад, ки барои чунин навъи далелҳо заруранд.».

Муаллиф қайд менамояд, ки баҳодиҳӣ дар мурофиаҳои судӣ ҳам умумият ва ҳам тафовут доранд. Умумияташон дар он аст, ки дар ҳамаи мурофиаҳои судӣ, субектони баҳодиҳӣ далелҳоро бо эътиқоди ботинии худ баҳо медиҳанд, тафовут дар он аст, ки дар мурофиаи ҷиноятӣ субектони баҳодиҳии далелҳо якчандто мебошанд. Дар мурофиаҳои судии маданӣ ва иқтисодӣ бошад, субекти баҳодиҳии далелҳо танҳо суд мебошад.

Муаллиф қайд мекунад, ки маҳз бо ёрии далелҳои судӣ, суд дар бораи далелҳое, ки барои парванда аҳаммияти ҳуқуқӣ доранд, маълумот пайдо мекунад. Тибқи КММ ҶТ судяҳо вазифадоранд, ки далелҳоро мувофиқи

эътиқоди ботиниашон дар асоси санҷиши ҳамаҷониба, пурра, объективӣ ва мустақими далелҳои дар парванда мавҷудбуда арзёбӣ кунанд. Чунин меъёрҳои шабеҳ дар КМИ, КМҶ ва КМҲМ ҶТ низ ҷой доранд.

Суд метавонад танҳо пас аз тафтиши ҷоизӣ ва дахлдорӣ ва боъътимод будани далелҳо дар бораи имконияти истифодаи онҳо барои муайян кардани ҳолатҳои воқеии парванда хулоса барорад. Вобаста ба ин масъалаҳо дар бораи ҷоиз будани далелҳо ва дар бораи хусусиятҳои дахлдории ва ҷоизии далелҳо дар мурофиаҳои судии маданӣ, иқтисодӣ, маъмурӣ ва ҷиноятӣ аҳаммияти муҳим пайдо мекунанд.

Муқаррароти асосии назарияи далелҳои судӣ, ки дар соҳаи мурофиаи маданӣ ва ҷиноятӣ коркард шудаанд, инчунин ба соҳаи мурофиҳои оилавӣ, иқтисодӣ ва маъмурӣ низ татбиқшаванда мебошанд, зеро онҳо ҷанбаҳои асосии фаъолияти судҳо ва шахсони иштирокчии парвандаро оид ба муқаррар намудани далелҳои воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки бо ҳам алоқаманд инъикос мекунанд ва барои ҳалли дурусти парванда муҳиманд.

Дар замони муосир дар бораи аҳаммиятнокӣ ва қобили қабул будани далелҳо дар мурофиаҳои судии маданӣ, иқтисодӣ, маъмурӣ, оилавӣ ва ҷиноятӣ якчанд манбаҳои донишро оид ба дахлдорӣ ва ҷоизии далелҳо қайд кардан мумкин аст: таҳқиқотҳои илмӣ ва илмию амалӣ; 2) қарори Пленумҳои Суди Олӣ ва Суди Олии иқтисодии ҶТ; 3) амалияи ҳуқуқтатбиққунии судӣ.

Ҳамин тавр, муаллиф хулосабарорӣ мекунад, ки мақсади таҳқиқи категорияҳои ҷоизӣ ва дахлдории далелҳо, вобаста ба муайян намудани хусусиятҳои мазмуни онҳо дар робита ба мурофиаҳои маданӣ, иқтисодӣ, маъмурӣ, оилавӣ ва ҷиноятӣ буда, якчанд вазифаҳоро дохил кардааст, ки барои амалӣ намудани ҳадафи пешбинишуда имкон медиҳанд, аз ҷумла: мафҳуми далелҳо ва ҳолатҳои исботкунӣ; таснифи далелҳо; низоми мурофиавии ташаккули далелҳои судӣ; дахлдории далелҳо; ҷоизии далелҳо; эътимоднокӣ ва басанда будани далелҳо; хусусиятҳои тарзҳои ҷамъоварии далелҳо; мазмун ва сохтори мантиқии баҳодиҳии далелҳо; низоми ҳуқуқии далелҳои ғайри қобили қабул.

Бобо 5 диссертатсия – «**Роҳҳои баланд бардоштани шуури ҳуқуқии судяҳо**» аз 4 зербоб иборат буда, дар доираи он тадбирҳои баланд бардоштани шуури ҳуқуқии судяҳо дар ҳошияи барномаи нави ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ, такмили фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии судӣ чун омили болоравии шуури ҳуқуқии судяҳо, таҳсилоти касбии судяҳо чун заминаи инкишофи шуури ҳуқуқии судяҳо ва роҳҳои пешгирии саҳви судӣ чун омили тақвияти шуури ҳуқуқии судяҳо мавриди омӯзиш, таҳлил, таҳқиқ ва баррасӣ қарор гирифтанд.

Дар зербоби 1 боби 5 – **«Тадбирҳои баланд бардоштани шуури ҳуқуқии судяҳо дар ҳошияи барномаи нави ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ»** номгузорӣ шуда, муаллиф қайд менамояд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор барномаҳои давлатӣ ва ислоҳоти ҳуқуқӣ ҷиҳати боз ҳам баланд бардоштани сатҳи шуури ҳуқуқии касбии судяҳо, ки ба он якчанд омилҳо таъсир

мерасонанд, аз ҷумла, такмили қонунгузориҳо дар бораи судҳо ва Кодексҳои мурофиавӣ ба таҳкими ҳокимияти судӣ, баланд бардоштани нақш ва мақоми он дар ҷомеа, ҳифзи ҳуқуқи судя, таъминоти иҷтимоии онҳо, мустаққилияти судяҳо, тақвият бахшидани обрӯй ва эътибори судяҳо, бозомӯзии назариявӣ ва таҷрибаомӯзии амалии судяҳо, баланд бардоштани маънавиёти касбӣ, ахлоқӣ ва маърифати ҳуқуқии судяҳо дар назар дошта мешавад.

Бояд тазаккур дод, ки бо мақсади баланд бардоштани шуури ҳуқуқии судяҳо дар доираи ислоҳотҳои судӣ-ҳуқуқӣ дар ҶТ қабул карда шудаанд, аз ҷумла:, бо фармонҳои Президенти ҶТ аз 23 июни соли 2007, таҳти №271 Барномаҳои ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар ҶТ барои солҳои 2007-2010, аз 3 январи соли 2011, таҳти №976 барои солҳои 2011- 2013, аз 5 январи соли 2015, таҳти № 327 барои солҳои 2015- 2017 аз 19 апрели соли 2019, № 1242, барои солҳои 2019-2021.

Фаъолияти судӣ масъулияти баландро талаб карда, неруи зиёди ақлонию ҷисмониро талаб менамояд. Бо ин мақсад муаллиф пешниҳод менамояд, ки ҳангоми ба амал баровардани адолати судӣ ва қабули санадҳои судӣ, дар фаъолияти судяҳо дар қонунгузорӣ баъзе истисноиҳо пешбинӣ карда шаванд, ки онҳо ба баланд бардоштани самаранокии фаъолияти судяҳо ва беҳтар гардонидани сифати санадҳои судӣ мусоидат менамоянд. Аз ҷумла, дар ҳамаи зинаҳои судӣ пурра таҳия намудани санадҳои судӣ вобаста ба парвандаҳои мушаххас ҳамчун истисно пешбинӣ карда шаванд: санади судӣ ҳамон вақт пурра таҳия карда мешавад, ки агар онро тарафҳои мурофиа ва ё иштирокчиёни мурофиа талаб намоянд; санади судӣ ҳамон вақт пурра таҳия карда мешавад, ки агар санади судӣ аз ҷониби тарафҳо ва ё иштирокчиёни мурофиа шикоят карда шавад; санадҳои судие, ки дар онҳо сирри давлатӣ, сирри оилавӣ ва сирри тиҷоратӣ ошкор мешаванд, новобаста аз ду ҳолати дар боло зикргардида, пурра таҳия карда намешаванд. Вобаста ба ин пешниҳодҳо, инчунин дар қонунгузорӣ пешбинӣ намудани имзои электронии судя ва супоридани нусхаи санади судӣ ба тариқи электронӣ пешбинӣ карда шавад.

Ба андешаи муаллиф ҳамаи ин омилҳои барои паст гардонидани сарбории зиёди ақлонии судяҳо, баланд бардоштани донишҳои назариявӣ, маҳорати касбӣ, масъулият ва одоби судяҳо, беҳдошти раванди бозомӯзии касбӣ ва бо дар назар доштани тағйирот дар низоми таҳсилоти олии касбӣ, равона карда шуда, ҳамчун асоси баланд бардоштани шуури ҳуқуқии касбии судяҳо мусоидат менамояд.

Ҳамин тавр, муаллиф хулосабарорӣ мекунад, ки дар натиҷаи амалӣ гардидани нақшаҳои чорабиниҳо оид ба иҷрои Барномаҳои ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар Суди Олӣ ва Суди Олии иқтисодӣ ба ҳар як судя мансаби ёрдамчӣ таъсис дода шуд. Дар судҳои вилоятӣ шаҳри Душанбе коллегияҳои судӣ оид ба парвандаҳои оилавӣ ва маъмурӣ таъсис дода шуда, як марҳилаи назоратии судӣ, яъне баррасии парвандаҳои мушаххаси судӣ ба тариқи назоратӣ аз салоҳияти Пленуми Суди Олӣ ва Пленуми

Суди Олии иқтисодии ҶТ хориҷ карда шуданд. Масъалаи иҷтимоии судяҳо беҳ гардида, биноҳои нави замонавӣ сохта шуда, бо техникаю технологияҳои нав таҷҳизонида шудаанд, ки ҳамаи ин дар маҷмуъ дар болоравии шуури ҳуқуқии касбии судяҳо таъсири бевоситаи худро мерасонад.

Дар зербоби 2 боби 5 – **«Такмили фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии судӣ чун омили болоравии шуури ҳуқуқии судяҳо»** баррасӣ шудааст. Муаалиф қайд менамояд, ки ҳуқуқтатбиқкунӣ, чун қоида, ҳамчун фаъолияти ҳокимияти судӣ оид ба қабули санадҳои судӣ ба ҳисоб рафта, фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунӣ як навъ фаъолияти ҳуқуқӣ буда, аз шуури ҳуқуқии касбии судяҳо вобаста аст.

Фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии судӣ ҳамеша бо ҳаллу фасли парвандаҳои мушаххаси судӣ вобаста аст, ки дар натиҷаи он мавҷуд будан ё набудани ҳуқуқҳои субъективӣ ва уҳдадориҳои ҳуқуқии иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқӣ муқаррар гардида, андоза ва ҳаҷми онҳо тафсил дода шуда, дар муносибатҳои ҳифзи ҳуқуқӣ мавриди татбиқи ҷазо, намуд ва андозаи ҷавобгарии ҳуқуқӣ муайян карда мешавад.

Ҳокимияти судӣ яке аз сохторҳои бунёдӣ дар раванди ташаккули ҷомеаи ҳуқуқбунёд, демократӣ ва шаҳрвандӣ буда, фаъолияти худро дар асоси принсипҳо ва меъёрҳои конститутсионӣ ва умумиэътирофшуда ба роҳ монда, санадҳои одилона ва инсондустонаи мақомоти судӣ ба кам кардани нигилизми ҳуқуқӣ ва баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқӣ ва шуури ҳуқуқии шаҳрвандон таъсир мерасонад.

Дар замони ҷаҳонишавӣ ва ба вуҷуд омадани технологияҳои нав яке аз намудҳои болоравии шуури ҳуқуқии касбии судяҳо, дастрасии онлайн ба маҷлиси кушоди судӣ, зиёд кардани судҳои сайёри судӣ, эълон намудани санадҳои судӣ дар коллективҳои меҳнатӣ, корхонаю идораҳо, вохурӣ ба аҳли ҷомеа бо мақсади ташвиқу тарғиби пешгири намудани ҳуқуқвайронкуниҳо ва тарбияи насли наврас дар руҳияи ватандӯстӣ, худшиносии миллӣ ва эҳтиром доштан ба арзишҳои миллӣ, тарғиби Конститутсия ва дигар қонунҳои ҶТ, паёмҳои Президенти ҶТ, риоя ва таъмини ҳуқуқи инсон, иштирок дар конференсияҳои илмӣ, мизҳои муддавар, семинарҳо, баромад дар радиою телевизион, гузаронидани ҷамъбастиҳои судӣ, мурратабсозии санадҳои судӣ, таҳия намудани қарорҳои Пленуми Суди Олӣ ва ғайра мусоидат менамояд.

Дар шароити муосир бинобар инкишофи ҷамъият ва фаолияти қонунэҷодкунии давлат, ҳаҷми санадҳои меърӣ-ҳуқуқӣ меафзояд. Аксар вақт қонунгузор аз инкишофи муносибатҳои ҷамьиятӣ қафо мемонад, ки ин боиси норасоиҳо ва коллизияҳо мегардад. Дар чунин ҳолатҳо ба ҳуқуқтатиққунандагон унсурҳои шуури ҳуқуқии касбӣ нокифояғӣ мекунанд. Зарурат ба вуҷуд меояд, ки ба таври муфассал ба категорияҳои ҳуқуқ такя намуд. Намудҳо ва қоидаҳои тафсирро аз худ карда, онро дар амалия дуруст татбиқ намуда, пеш аз ҳама ба судяҳо низ оид ба болоравии шуури ҳуқуқии касбии онҳо таъсир мерасонад.

Ҳамин тавр, муаллиф ба хулоса меояд, ки барои пешгирии зуҳуроти номатлуби татбиққунии ҳуқуқ, амалҳои коррупсионӣ ва қабули санадҳои ғайриқонунию давомдор бояд механизми самараноки мониторинги ҳайати ҳокимияти судӣ, ки барои татбиқи адолати судӣ пешбинӣ мешавад, таъсис додан ба мақсад мувофиқ аст ва дар асоси он ҳар моҳ санҷиши мувофиқатии санадҳои судӣ ба принсипҳои адолат ва қонуният, аттестатсияи ҳарсолаи судяҳо, тафтиши ҳамаҷонибаи шикоятҳои аз болои судя воридшуда, оғоз намудани парвандаҳои ҷиноятӣ нисбати судяҳо ва ғайраҳо гузаронидан зарур мебошад, ки ин ҳолат низ яке аз намудҳои такмили фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии судӣ чун омили болоравии шуури ҳуқуқии касбии судяҳо мебошад.

Дар зербоби 3 боби 5 – **«Таҳсилоти касбии судяҳо чун заминаи инкишофи шуури ҳуқуқии судяҳо» номгузорӣ шуда,** муаллиф қайд менамояд, ки шуури ҳуқуқии касбии судяҳо, яке аз муҳимтарин ҷузъҳои адолати судии беғаразона буда, он ҳамчун яке аз омилҳои асосии баррасии дурусти парвандаҳои судӣ, баланд бардоштани сифат ва самаранокии санадҳои судӣ ва амалишавии онҳо мебошад.

Сиёсати давлатӣ дар сатҳи ташаккул ва баланд бардоштани шуури ҳуқуқии касбии судяҳо ба якчанд принсипҳо такя мекунад, аз ҷумла: эҳтиром ба ҳуқуқу озодиҳои инсон ва афзалият ба онҳо; волоияти Конститутсия ва қонунҳо; бечунучаро риояи намудани савганди судя; беғаразӣ; мустақиллиятӣ; адолатнокӣ; бовиҷдонӣ; адолати иҷтимоӣ; тахассуси назариявӣ ва касбӣ; ахлоқу маънавиёти баланди инсонӣ; тарбияи ҳуқуқӣ ва маърифати ҳуқуқӣ; доштани иттилооти ҳуқуқӣ; сари ваакт баррасӣ намудани парвандаҳои судӣ ва омода намудани санадҳои судӣ ва ғайраҳо.

Муаллиф паёмҳои Президенти ҶТ, Суханронии Президент дар вохурӣ бо судяҳои ҷумҳурӣ ва бардоштҳоро аз Барномаҳои ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ мавриди таҳлилу омӯзиш қарор дода, ибрози ақида менамояд, ки аз мазмуни ин ҳуҷҷатҳо бармеояд, ки бо дарназардошти рушди минбаъдаи муносибатҳои ҷамъиятӣ, таҳкими кафолатҳои судии субъектҳои ин муносибатҳо зарур аст, ки фаъолияти мақомоти судӣ пайваста таҳкиму такмил дода шуда, фаъолияти судӣ оид ба бартараф намудани камбудиву норасоиҳои ҷойдошта, интихобу ҷобаҷогузории дурусти кадрҳо, баланд бардоштани сатҳи тахассусӣ ва омодагии касбии судяҳо аз ҷониби Суди Олӣ ва Суди Олии иқтисодӣ андешидани тадбирҳои муассир зарур мебошад.

Ба ақидаи муаллиф ҷиҳати ба иҷро расонидани ин рисолатҳои бузург, баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ ва шуурнокии ҳуқуқии касбии судяҳо тақозои замон буда, баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқӣ, таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати ҳуқуқии давлат буда, фаъолияти судяҳо ба ҳисоб рафта, тарғибу ташвиқи ҳуқуқӣ ба сатҳи баланди маърифати ҳуқуқӣ мусоидат намуда, шароит фароҳам меорад, ки шаҳрвандон аз ҳуқуқу озодиҳо ва манфиатҳои қонунии худ самаранок истифода баранд.

Ҳамин тавр, муаллиф ба хулоса меояд, ки низоми мавҷудаи таҳсилоти бозомӯзии судяҳо ба баланд бардоштани шуури ҳуқуқии касбии судяҳо мусоидат карда наметавонад. Зеро муқаррароти қонун оид ба дар ду сол як маротиба бо такмили ихтисос фаро гирифта шудани судяҳо, ки муҳлати он дар таҷриба 10 рӯз муқаррар гардидааст нокифоя мебошад. Таҷрибаи дигар давлатҳо нишон медиҳад, ки муҳлати бозомӯзии судяҳо аз як моҳ кам набуда, он дар муассисаҳои илмӣ, бо ҷалби кафедраҳои дахлдор ва олимони маъруф фаро гирифта мешавад. Маркази таълимии судяҳо дар назди Суди Олии ҶТ чунин имкониятҳо надошта, барои баланд бардоштани такмили ихтисоси онҳо ба талабот ҷавобгу шуда наметавонад, ҳатто барои судяҳои Суди конститутсионӣ ва судҳои иқтисодӣ шароити бозомӯзии судяҳо вуҷуд надорад. Бинобар ин, муаллиф пешниҳод менамояд, ки бозомӯзӣ ва баланд бардоштани такмили ихтисоси судяҳо бо сабаби мавҷуд набудани замина оид ба бозомӯзии судяҳо дар Суди Олӣ ва Маркази таълимии он, бозомӯзии судяҳо дар факултети ҳуқуқшиносӣ бо таҳияи барномаи махсус бо васоитҳои таълимии дахлдор амалӣ намудан ба мақсад мувофиқ аст. Чунки маҳз бозомӯзии сифатнок ва дахлдор ба баланд бардоштани тахасуси касбии судяҳо, ҳамчун заминаи инкишофи шуури ҳуқуқии касбии судяҳо мегардад.

Дар зербоби 4 боби 5 – **«Роҳҳои пешгирии саҳви судӣ чун омили тақвияти шуури ҳуқуқии судяҳо»** мавриди таҳқиқ қарор гирифта, муаллиф дар таҳқиқот шаклҳои асосии пайдоиш ва рафъи саҳви судиро баррасӣ намуда, хусусиятҳои фарққунандаи мафҳуми "саҳви суди"-ро ошкор карда, омилҳоеро муайян намудааст, ки барои ба вуҷуд омадани саҳви судӣ мусоидат менамоянд ва барои пешгирии саҳви судӣ якчанд таклифҳо пешниҳод кардааст.

Инчунин, дар таҳқиқот механизми пайдоиши саҳви судӣ, ки дар тассавуроти нодурусти судя ҳангоми ҳуқуқтатбиқкунӣ дар натиҷаи муносибати бемасъулиятона ба уҳдадориҳои хизматӣ ё тассавуроти нодурусти гумроҳии бовиҷдонона вобаста ба ҳолатҳои объективона ба амал омадааст, баррасӣ шудааст. Омилҳое, ки ба содир шудани саҳви судӣ мусоидат мекунанд, таҳлил гардида, муайян карда шудаанд, ки аз назари муаллиф инҳо мебошанд: надоштани дараҷаи дахлдори тахассуси касбӣ; ғаразнокӣ; худбоварӣ; тамоили гунаҳгорӣ, казуистӣ ва декларативии баъзе меъёрҳои ҳуқуқ; таваҷҷӯҳи нокифоя ба саводнокии ҳуқуқӣ ҳангоми қабули санадҳои судӣ дар марҳилаҳои гуногуни судӣ ва ғайра.

Сабабҳои аслии саҳви судӣ дар омилҳои субъективӣ низ дарҷ гардидаанд. Аз ҷумла: нуқсонҳои шуури ҳуқуқӣ; сатҳи пасти тарбияи ҳуқуқӣ ва маданияти ҳуқуқӣ; сифатҳои ахлоқии субъекти фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ ва ғайра.

Барои пешгирӣ намудани саҳви судӣ муаллиф якчанд тадбирҳоро пешниҳод кардааст: таҳияи хулосаҳои саҳви судӣ ҳангоми тартиб додани ҷамъбастии таҷрибаи судӣ; ҳавасмангардонии судяҳо; таълими ҳуқуқӣ ва мусоидат ба кори баландсифати судӣ; навсозии низоми таҳсилоти касбӣ ва

таҷдиди назар намудани интихоби кадрҳо барои низоми судӣ, болоравии мансабӣ ва ғайра.

Дар **хулоса** натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, хулосаҳои дорои ҷанбаъи назариявӣ ва амалӣ, пешниҳоду таклифҳои муаллиф оид ба такмили қонунгузорӣ, ки дар диссертатсия дар маҷмуъ ифода ёфтаанд, дарҷ гардидааст.

1. Шуур ба шахс таъсис додани дониш дар бораи алоқамандӣ, муносибатҳо, қонунияти олами объективӣ, гузоштани мақсад ва тартиб додани нақшаҳо, ба танзим даровардан ва назорат бурдан аз болои муносибатхои эҳсосӣ, оқилона ва амалӣ имконияти медиҳад. **[21-М]**, **[22-М]**, **[23-М]**, **[28-М]**.

2. Шуури ҳуқуқӣ муносибати одамонро нисбат ба ҳуқуқ ва падидаҳои ҳуқуқӣ дар ҳаёти ҷамъиятӣ ифода намуда, аз маҷмуи ғояҳо ва эҳсосотӣ иборат мебошад, ки дар он шахс маънавиёти худро дарк намуда, маънавиёти одамони дигарро эътироф карда, аз дастурҳои олии меъёрӣ, принсипҳо, асосҳои адолат, ҳуқуқ ва озодиҳои инсон иборат буда, ба тамоми моҳияти маънавии инсон дохил шуда, низоми ақидаҳо, эътиқодҳо, баҳодиҳиҳо дар бораи ҳуқуқ ва қонуният мебошад. **[3-М]**, **[4-М]**, **[14-М]**.

3. Муҳаққиқ ақидаҳоро ба ғояҳои маънодор ва низомсоз ҷудо менамояд, ки онҳо табиати шуури ҳуқуқиро ифода намуда, тамоми мазмуни онро мувофиқи мантиқ возеҳу равшан сохта, як навъи табиати шуури ҳуқуқиро дар ҳама гуна шаклҳои мушаххаси таърихию фарҳангии он тавсиф намуда, ғояҳои ҳуқуқ, меъёр, тартибро мансуб медонад ва мазмуни шуури ҳуқуқиро дар шаклҳои фарҳангӣ ва таърихии он ифода намуда, ба тамоми доираи маъноии фарҳанги мушаххаси ҳуқуқӣ хусусияти хос мебахшанд. **[4-М]**, **[5-М]**, **[17-М]**.

4. Шуури ҳуқуқӣ, дорои функсияҳои идрокӣ, баҳодиҳӣ, танзимкунанда, пешгуӣ, робитавӣ ва амсиласозӣ мебошад. **[3-М]**, **[4-М]**, **[5-М]**, **[20-М]**.

5. Шуури ҳуқуқӣ, аз унсурҳои психологӣ ва идеологӣ иборат мебошад. **[3-М]**, **[4-М]**, **[5-М]**, **[14-М]**.

6. Муаллиф се намуди асосии шуури ҳуқуқиро: а) ҷамъиятӣ, б) гуруҳӣ ва в) фардӣ ҷудо намуда, намудҳои шуури ҳуқуқиро, ки субъектҳои он, барандагон ва эҷодкунандагони шаклҳои гуногуни дарки ҳақиқати ҳуқуқӣ мебошанд, муайян мекунанд. Қайд мегардад, ки шуури ҳуқуқӣ аз шуури ҷамъиятӣ, гуруҳӣ ва фардӣ иборат буда, дар маҷмуъ онҳо аз низоми ғояҳо, ақидаҳо, назарияҳо, эҳсосот, ҳиссиёт, майлу таассуроти ҳуқуқии таърихан дар асоси хусусиятҳои умумии фарҳангӣ ва миллии рушд ташаккулёфта, ба ҷомеа хос буда, сохтори миллӣ, синфӣ, иҷтимоӣ-фарҳангӣ, истеҳсолии ҷамъиятро ташкил дода, дар ҷаҳонбинии шахси алоҳида донишҳои ҳуқуқӣ, ғояҳо ва назарияҳои ба таври инфиродӣ беназир, ки фард аз худ кардааст, инчунин эҳсосот, руҳия ва самтҳои мувофиқи ҳуқуқӣ мебошад, ки муносибати шахси мушаххасро нисбат ба қонун ва ҳақиқати ҳуқуқӣ муайян мекунанд. **[3-М]**, **[4-М]**, **[5-М]**.

7. Шуури ҳуқуқии касбӣ аз ақидаҳо, анъанаҳо, эътиқоди кормандоне, ки бевосита бо фаъолияти ҳуқуқӣ машғуланд ва дорои дониши касбии ҳуқуқӣ ва таҷрибаи корӣ мебошанд, иборат буда, тарҳрезии дастурҳои бошууронаи ҳуқуқӣ ва самтҳои арзишӣ дар ҳуқуқшиносӣ мебошад, ки он пеш аз ҳама дар асоси амалияи ҳуқуқӣ ташаккул меёбад ва аз тарафи дигар, воқеан инсонпарварӣ ва сатҳи воқеан касбии чунин амалия аз он вобаста аст. **[3-М], [5-М]**.

8. Шуури ҳуқуқии касбии судя як намуди шуури ҳуқуқии касбӣ буда, дар робита ва дар ҷараёни ба амал баровардани адолати судӣ ташаккул меёбад ва омӯзиши шуури ҳуқуқии касбии судяҳо қисми ҷудонашавандаи таҳлили мураттаби ҷараёни ба амал баровардани адолати судӣ мебошад. Татбиқи салоҳияти судя оид ба амал баровардани адолати судӣ аз лаҳзаи ворид гардидани парвандаи судӣ барои баррасӣ то баровардани санади ниҳоии судӣ, бо қонунгузорӣ танзим карда мешавад. Баррасии фаъолияти судӣ танҳо ҳамчун расмиёти мурофиавӣ метавонад ба тасаввуроти носаҳеҳ, дар бораи нақши шуури ҳуқуқии касбии судя ҳамчун инъикоси фаъолияти мурофиавӣ оварад. **[3-М], [4-М], [20-М]**.

9. Шуури ҳуқуқии касбии судя падидаи мураккаб ва гуногунҷанбаи иҷтимоӣ-психологӣ дорои сифатҳои функсионалӣ ва сохторӣ буда, дар хислатҳои инфиродии судя зоҳир гардида, моҳияти шуури ҳуқуқии судяро муайян намуда, табиати падидаи мавриди таҳқиқ қарордоштаро возеҳу равшан мекунанд. Шуури ҳуқуқии касбии судяро донишҳои касбӣ, тафаккури касбӣ ташкил дода, сатҳи олии инъикоси равонии ҳақиқат аз тарафи судя, дар шакли тасвирҳо ва мафҳумҳои умумишуда ба амал баровардани онҳо мебошад. **[5-М], [23-М], [25-М]**.

10. Шуури ҳуқуқии касбии судя аз унсурҳои алоҳидаи сохтории он иборат буда, ҳангоми муайян кардани тамсилаи шуури ҳуқуқии касбии судя, унсури асосии он пайванди мантиқӣ-меъёрӣ мебошад, ки он ҳаҷм ва амиқии донишҳои ҳуқуқӣ, сатҳи тафаккури ҳуқуқиро дар бар гирифта, як қисми шуури касбии ҳуқуқии судя, ки сарчашмаи равонӣ дорад, эҳтироми баланд нисбат ба ҳуқуқ ва эътиқод ба зарурати иҷрои бошууронаи талаботи он, дарки ҳуқуқро ҳамчун арзиши олӣ ташкил дода, самт ба рафтори фаъоли ҳуқуқӣ ва аз ҷиҳати касбӣ аҳаммиятнокро пешбинӣ карда, омодагӣ ба иҷрои вазифаи касбӣ, татбиқи дақиқ ва қатъии талаботи меъёрҳои ҳуқуқӣ, талош барои адлу адолат, эътирофи зарурати такмили тахассусии худ мебошад. **[5-М], [17-М], [23-М], [25-М]**.

11. Шуури ҳуқуқӣ ба рафтори татбиққунандаи ҳуқуқ тавассути меъёрҳои ҳуқуқӣ таъсир расонида, равиши мулоҳизаҳои судя мебошад, ки ҳангоми баровардани ҳукми айбдоркунанда намуди ҷазоро интихоб намуда, муҳлат ё андозаи аниқи ҷазоро бо дарназардошти меъёри қонун оид ба татбиқи ҳудуди болоӣ ва поёнии ҷазо муайян карда, ба дониши низомии қонунгузории ҷиноятӣ, хусусиятҳои хоси ҷиноят ва шахсияти судшаванда, дарк кардани сиёсати ҷиноятии давлат, нақши ҷазо ҳамчун воситаи расидан ба мақсадҳои дар қонун гузошташуда, асос меёбад. **[5-М], [23-М], [25-М]**.

12. Фаҳмиши судя дарки моҳияти падидаи мушаххасси ҳуқуқӣ падидаҳо мебошад, ки судя онро ба воситаи мафҳумҳо ва истилоҳҳо бандубаст намуда, фаъолияти эҷодии равониро ҷамъбаст карда, самтро ба меъёрҳои ҳуқуқии дар қонун муқарраргардида равона мекунад, ки он аз дониш, маданияти умумӣ ва таҷрибаи касбии судя вобаста мебошад. **[10-М]**, **[23-М]**, **[25-М]**.

13. Фаҳмиш воситаи зеҳнӣ-идрокӣ буда, бо худ ҷараёнеро ифода менамояд, ки дар асоси он натиҷаи ҳаммонандкунӣ, дарк, арзёбии объекти фаҳмиш дар доираи ҳолати ба вуқуъомадаро ташкил карда, имкон медиҳад, ки дар он самтро ёфта, қарор қабул карда, дар асоси ин гуногунии донишҳои аллакай мавҷударо оид ба ин объекти фаҳмиш, возеҳу равшан менамояд. **[10-М]**, **[23-М]**, **[25-М]**.

14. Фаҳмиш заминаи маърифатии шуури ҳуқуқии судя буда, маълумотро тавассути шуур ва асосан тавассути фаҳмиш қабул ва дарк мекунад. Нақши фаҳмиши ҳуқуқиро дар ташаккули шуури ҳуқуқии судя муаллиф ба унсурҳои шуури ҳуқуқӣ ҳамчун ҷараён ва шуури ҳуқуқӣ дар натиҷа ҷудо намуда, фаҳмиши ҳуқуқро, дар доираи паҳлуи маърифатии шуури ҳуқуқии судя бо ёрии усулҳои мушаххаси фаҳмиши ҳуқуқ, аз он ҷумла, дарки ҳуқуқ, тавсиф, тавзеҳро дар бар мегирад, муайян менамояд. **[4-М]**, **[23-М]**, **[25-М]**.

15. Муаллиф фаҳмиши ҳуқуқиро дар таҳқиқот ба унсурҳо ҷудо намуда, қайд менамояд, ки: якум, фаҳмиши ҳуқуқӣ ин ҷараён, донистани ҳақиқати ҳуқуқӣ мебошад, ки ҷараёни дарк, ҷамъоварӣ, тафсири дониши ҳақиқати ҳуқуқиро дар бар мегирад ва моҳияти он дар ҷараёни дарки ҳақиқати ҳуқуқӣ аз фаҳмидани ҳуқуқ (шакл ва мазмуни он), ҷустуҷуи ҳуқуқ, ёфтани ҷавоб ба савол, ки ҳуқуқ чист, дар чӣ ифода меёбад, чӣ гуна шаклҳо дорад, иборат мебошад; дуюм, фаҳмиши ҳуқуқӣ ин натиҷаи дарки ҳақиқати ҳуқуқӣ мебошад, ки идеологияи ҳуқуқиро дар бар гирифта, низом шуури ҳуқуқӣ ҳамчун натиҷа мавқеи асосиро ишғол намуда, дар худ категорияҳои ҳуқуқ ва шуурро дар бар мегирад. **[8-М]**, **[23-М]**, **[25-М]**.

16. Тафсири ҳуқуқӣ, ҳамчун фаъолияти мушаххаси ҳуқуқии субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқӣ мебошад, ки барои фаҳмиши маънои аслии мазмуни ҳуқуқ нигаронида шуда, бо мақсади таъмини танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ равона карда мешавад. Натиҷаи тафсири ҳуқуқӣ ва натиҷаи татбиқи ҳуқуқ аз рӯйи қувваи ҳуқуқӣ бо ҳам рақобат карда наметавонанд, зеро санади тафсирӣ сабаби нисбат ба санади татбиқи ҳуқуқ ёридиҳанда, тобеъ ва хизматкунанда мебошад. **[6-М]**, **[9-М]**, **[11-М]**, **[26-М]**.

17. Нақши баланд бардоштани шуури ҳуқуқии касбии судяҳо дар раванди ба амал баровардани адолати судӣ, татбиқи самаранокии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва қабули санадҳои босифати судӣ аҳаммияти ҳалкунанда дошта, амалӣ намудани адолати судӣ аз ҷониби судя бояд ҳатман уҳдадории судяро оид ба андешидани тадбирҳо оид ба тайёрии касбӣ ва такмили ихтисос дарбар гирад. **[5-М]**, **[14-М]**.

## ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ НАЗАРИЯВӢ ВА АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ

Вобаста ба амалӣ гардидани таклифҳои пешниҳодшуда оид ба таҳқиқоти гузаронидашуда дар мавзуи «Проблемаҳои назариявии ташаккули шуури ҳуқуқии судяҳо дар партавиислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва бо мақсади такмил додани қонунгузорӣ тағйиру иловаҳои зерин манзур мегарданд:

## ТАВСИЯҲОИ НАЗАРИЯВӢ:

**Якум,** Дар асоси қисми 1 моддаи 17 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳама дар назди қонун ва суд баробаранд. Давлат ба ҳар кас, қатъи назар аз миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ, таҳсил ва молу мулк, ҳуқуқу озодиҳоро кафолат медиҳад.

Мутобиқи қисми 2 моддаи 88 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, мурофиа дар ҳамаи марҳилаҳои судӣ ва ҳамаи судҳо ба тарзи мубоҳиса ва дар асоси баробарии тарафҳо сурат мегирад.

Аз ин принсипҳои конститутсионии фаъолияти судҳо бармеояд, ки шахсони дар шаҳру ноҳияҳои тобеъи ҷумҳурӣ буда, нисбат ба шахсони дар шаҳру ноҳияҳои ВМКБ, вилоятҳо ва шаҳри Душанбе мавҷуда, аз ҷиҳати дастрасӣ ба адолати судӣ дар як мавқеъ қарор надоранд. Зеро шахсони дар шаҳру ноҳияҳои ВМКБ, вилоятҳо ва шаҳри Душанбе ҷойгирбуда, то ба Суди Олӣ муроҷиат намудан, инчунин ба марҳилаҳои кассатсионӣ ва назоратии судҳои вилоятӣ ва шаҳри Душанбе муроҷиат менамоянд. Аммо шахсони шаҳру ноҳияҳои тобеъи ҷумҳурӣ аз муроҷиат ба чунин марҳилаҳои судӣ маҳрум мебошанд.

Бинобар ин асосҳо ва бо мақсади ба принсипҳои конститутсионии дастрасӣ ба адолати судӣ, мутобиқ намудани баъзе аз меъёрҳои Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон", Кодексҳои мурофиавии маданӣ, иқтисодӣ, ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва ҷиноятӣ тағйироту иловаҳо ворид намудан лозим аст. [8–М]. [10–М]. [16–М]. [30–М].

**Дуюм,** бо мақсади ҳифзи ҳуқуқ, озодиҳо ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон, инчунин баланд бардоштани устуворӣ ва сифати санадҳои судӣ, боиси ба кашолкориҳои беасос роҳ надодан, муҳлатҳои тулонӣ мавриди баррасӣ қарор нагардидани парвандаҳои судӣ ва дар оянда бекор намуда, барои баррасии нав ба суди марҳилаи якум нафиристонидани парвандаҳои судӣ, пешниҳод мегардад, ки салоҳияти марҳилаҳои кассатсионии судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёд карда шуда, суди марҳилаи кассатсионӣ зимни муайян намудани камбудиҳои суди марҳилаи якум, ки асос барои бекор кардани санади судӣ мегардад, ҳуқуқи аз нав баррасӣ намудани парвандаҳои судиро бо талаби далелҳо, даъвати шоҳидон ва гузаронидани экспертизаҳо бо қабул намудани санади судии навро додан ба мақсал мувофиқ мебошад. Дар чунин мавридҳо ба раисони Суди Олӣ, судҳои ВМКБ, вилоятҳо ва шаҳри

Душанбе салоҳияти дароз намудани муҳлати баррасии парвандҳоро дар судҳои марҳилаи кассатсионӣ ба муҳлати то як моҳ дода шавад. [10–М]. [16–М]. [30–М].

**Сеюм,** дар марҳилаҳои назоратии судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо қарори кассатсионии судҳои марҳилаи кассатсионӣ баррасӣ карда шаванд. Парвандаҳои судие, ки санадҳои судии онҳо дар марҳилаи кассатсионӣ баррасӣ нашудаанд, шахсони иштирокчии парванда ҳуқуқи ба марҳилаи назоратӣ муроҷиат карданро надошта бошанд. Судҳои марҳилаи назоратӣ, танҳо ҳуқуқи як маротиба бекор кардани санади судии судҳои марҳилаи кассатсиониро дошта, ҳангоми маротибаи дуюм ворид гардидани чунин парвандаҳо қарори қабулнамудаи судҳои марҳилаи назоратӣ қатъӣ буда, санадҳои судӣ дигар мавриди баҳс қарор дода нашаванд. [8–М]. [10–М]. [20–М]. [30–М].

**Чорум,** ҳуқуқи овардани шикоят ва эътирозро танҳо шахсони иштирокчии парванда дошта, аз судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ғайр аз суди болоӣ бо санади асоснок кардааш, дигар шахсони мансабдор ва мақомотҳо ҳифзи ҳуқуқ талаб кардани парвандаҳоро надошта бошанд. Овардани эътирози назоратӣ аз ҷониби Прокурори генералӣ ва прокурорҳои тобеъи он ки иштирокчии парванда намебошанд, аз қонунҳои мурофиавӣ хориҷ карда шаванд. Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар оянда ҳуқуқи овардани эътирози назоратиро надошта бошад. Ҳардуи ин ҳолате, ки ҳоло дар қонунгузорӣ ҷой дорад, ба моҳияти ҳуқуқи мурофиавӣ ва принсипҳои конститутсионии адолати судӣ мутобиқат намекунанд. [9–М]. [10–М]. [16–М]. [27–М]. [30–М].

**Панҷум,** марҳилаи назоратии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи як маротиба баррасӣ намудани қарорҳои марҳилаи назоратии судҳои ВМКБ, вилоятҳо ва шаҳри Душанберо дошта бошад, ки қарори он қатъӣ буда, дигар мавриди баҳс қарор дода нашавад. Қарори марҳилаи назоратии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба қарорҳои марҳилаи кассатсионии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қатъӣ буда, дигар мавриди баҳс қарор дода нашавад.

Дар Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо як марҳилаи назоратӣ дар қонун ҷой дода шавад, яъне коллегияи судӣ, Раёсати Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, ҳамчун марҳилаи суди назоратӣ аз ҳайати Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунгузориҳои мурофиавӣ хориҷ карда шавад. [8–М]. [10–М]. [16–М]. [30–М].

**Шашум,** масъалаҳои хоста гирифтан ва ҷобаҷогузории кадрҳои судягӣ ба таври ҷиддӣ таҷдиди назар карда шавад. Ба мансаби судягӣ шахсоне интихоб ва пешбарӣ карда шаванд, ки онҳо на танҳо аз ҷиҳати сиёсию ахлоқӣ устувору арзандаанд, инчунин донишҳои назариявию касбияти онҳо ва таҷрибаи ҳаётиашон низ ба ин мансаб ҷавобгӯ бошад. [9–М]. [10–М]. [23–М]. [30–М].

**Ҳафтум,** коркарди илмии қисми зиёди аз институтҳои ҳуқуқҳои мурофиавӣ дар сатҳи дахлдор қарор надоранд. Имрӯз тибқи қонунгузории

Ҷумҳурии Тоҷикистон якчанд намуди мурофиаҳо мавҷуданд, аз ҷумла мурофиаи конститутсионӣ, мурофиаи ҷиноятӣ, мурофиаи маданӣ, мурофиаи иқтисодӣ, мурофиаи маъмурӣ, мурофиаи ҳакамӣ, мурофиаи арбитражӣ, гарчанде дутои охир мурофиаҳои шартномавӣ ба ҳисоб меараванд. Дар маркази илми ҳуқуқшиносӣ, яъне факултети ҳуқуқшиносии ДМТ имрӯз дар кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ оид ба мурофиаи конститутсионӣ, мурофиаи иқтисодӣ, мурофиаи маъмурӣ, мурофиаи ҳакамӣ, мурофиаи арбитражӣ умуман устодон ба донишҷӯён дарс намехонанд ё омӯзиши ин намуди ҳуқуқи мурофиаҳо ба салоҳияти дигар кафедраҳо вогузор карда шуданд ё баъзе аз онҳо умуман вуҷуд надоранд. Агар омӯзиши ҳуқуқи мурофиавӣ дар як кафедра нею, ба якчанд кафедраҳо вогузор шуда бошад, пас дар бораи ягонагии кадом ҳуқуқи мурофиавӣ, ки принсипҳои асосии он дар Конститутсияи ҶТ пешбинӣ шудааст, сухан рондан мумкин аст. Ба андешаи мо ҳамаи ҳуқуқҳои мурофиавӣ агар дар доираи як кафедра мавриди омӯзиш қарор гирад, мантиқан дуруст мебуд. Чунки ҳамаи институтҳои мурофиавӣ ба ҳам робита дошта, пайвастагии ногусастании дохилӣ доранд ва танҳо ҳамон вақт такмил меёбанд ва устувор мегарданд, ки агар назари ягонаи илмӣ вуҷуд дошта бошад. Ба таври заруриі наомӯхтани ҳуқуқҳои мурофиавӣ дар амалия ва ҳуқуқшиносони касбӣ аз ҷумла, судяҳо ҳангоми татбиқи ин меъёрҳо мушкилотро ба миён оварда, фаҳмиши ҳуқуқии судяҳоро коста гардонида, ба шуури ҳуқуқи касбии судяҳо таъсири манфӣ мерасонад ва боиси қабули санадҳои судии сифатан паст мегардад. **[8–М]. [10–М]. [16–М]. [30–М].**

**Ҳаштум,** Таҷрибаи ҷаҳонӣ собит месозад, ки дар мансаби судяҳои Суди конститутсионӣ, судҳои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон синни ниҳоии дар мансаби судя будан 70 сол муайян намудан ва судяҳои судҳои шаҳр ва ноҳия, суди ҳарбии гарнизонҳо, Суди иқтисодии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои иқтисодии вилоят ва шаҳри Душанбе, сини ниҳоии дар мансаби судя будан 65 сол муайян намудан ба мақсад мувофиқ аст. Зеро барои амалӣ намудани ин вазифаҳои пурмасъул пеш аз ҳама таҷрибаи бойи кофии корӣ ва оқилиро талаб менамояд, ки ҳама ин дар натиҷаи ба як сину соли муайян расидан ва таҷрибаи бойи судя пайдо шуда, ба устуворӣ ва сифати адолати судӣ мусоидат менамояд. [8–М]. [10–М]. [23–М]. [30–М].

**Нуҳум, а**ндешидани тадбирҳо ҷиҳати пайваста баланд бардоштани донишу малакаи касбӣ, масъулияту одоби судяҳо, беҳдошти раванди бозомӯзии ихтисосӣ бо назардошти тағйирот дар низоми таҳсилоти олии касбӣ ва дар ин замина баланд бардоштани мақоми Маркази таълимии судяҳои назди Суди Олӣ метавонад, ҷиҳати баланд бардоштани шуури ҳуқуқии касбии судяҳо ва барои қабули қарорҳои қонунию асоснок мусоидат намояд. [9–М]. [10–М]. [23–М]. [30–М].

**Даҳум,** мақсад аз тез-тез ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонунҳои мурофиавӣ ба андешаи мо агар аз як тараф устувор набудани меъёрҳои

мурофиавӣ бошад, аз тарафи дигар таҷрибаи нодурусти татбиқи қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ аз ҷониби мақомоти ҳуқуқтатбиқкунанда ба шумор меравад. Танҳо дар соли 2022 дар моҳи март ва моҳи июл ба КММ ҶТ якчанд тағйиру иловаҳо ворид карда шуданд. Тағйироти моҳи март воридгардида, агар ба маҳдуд кардани салоҳияти судяҳо дар боздошти иҷрои санадҳои судӣ дахл дошта бошад, пас тағйироти дар моҳи июл воридшуда, ба васеъ намудани салоҳияти прокурор вобастагӣ дорад. Бинобар ин, қонунгузор салоҳияти судяҳоро оид ба боздоштани иҷрои санадҳои судӣ як дараҷа маҳдуд намудааст. Аз ҷониби қонунгузор зиёд намудани ваколати прокурор оид ба иштирок дар баррасии парвандаҳо, талаб карда гирифтани парвандаҳо аз судҳо ва овардани эътироз нисбати санадҳои судӣ ба андешаи мо аз ҷониби баъзе аз судяҳо ба таври дахлдор иҷро нагардидани вазифаҳои хизматиашон мебошад. Ба андешаи мо барои ин ҳолат, муқарраротӣ принсипҳои конститутсионии мурофиавиро сарфи назар намудан ба мақоми судя ва суд ҳамчун шохаи ҳокимияти давлатӣ ба мақсад мувофиқ нест. Дар чунин ҳолатҳо бояд қонунгузор чораҳои назоратии судӣ, хоста гирифтан ва ҷобаҷогузории судяҳо, сину соли судягӣ, ҳар се сол ротатсияи шудани судяҳо, пурзур намудани ҷавобгарии судяҳо, раисони судҳо, мақсаднок будани институти судя-коромӯз ва тарзи бозомӯзии судяҳо, таъмини моддию техникӣ ва шароити кори судҳоро аз нав таҷдиди назар намудан, ба мақсад мувофиқ мебошад. **[24–М]. [27–М].**

**Ёздаҳум,** мутобиқи қисми 1 моддаи 92 Конститутсияи ҶТ «Ёрии ҳуқуқӣ дар тамоми марҳилаҳои тафтишот ва мурофиаи судӣ кафолат дода мешавад.». Дар асоси моддаи 19 Конститутсияи ҶТ бошад, «Ҳар кас кафолати ҳифзи судӣ дорад. Ҳар шахс ҳуқуқ дорад талаб намояд, ки парвандаи ӯро суди босалоҳият, мустақил ва беғараз, ки тибқи қонун таъсис ёфтааст, баррасӣ намояд. Ҳеҷ касро бе асоси қонунӣ дастгир, ҳабс кардан мумкин нест.». Бинобар ин асосҳо пешниҳод мегардад, ки дар Конститутсияи ҶТ ва дигар қонунҳо дар тамоми марҳилаҳои тафтишот ва мурофиаи судӣ иштироки ҳатмии адвокат пешбинӣ карда шавад. [9–М]. [10–М]. [15–М]. [30–М].

**Дувоздаҳум,** бинобар асоси он ки дар Тоҷикистон таъсиси ҳукумати электронӣ пешбинӣ гардидааст, пешниҳод карда мешавад, ки рафти тамоми марҳилаҳои тафтишот ва ҳамаи мурофиаҳои судӣ ба таври электронӣ сабт карда шуда, дар тамоми марҳилаҳои тафтишот ва ҳамаи мурофиаҳои судӣ аз тартиб додани протоколҳои хаттии коғазӣ даст кашида шавад ва ҳомилҳои электронӣ ба парвандаҳо ҳамроҳ карда шаванд. Аз ин рӯ, пешниҳод мегардад, ки дар қонунҳои мурофиавӣ вобаста ба сабти навори электронӣ муқарраротҳои дахлдор ворид карда шаванд. [15–М]. [30–М].

**Сенздаҳум,** ба андешаи мо вақте расидааст, ки қонунҳои мурофиавӣ, пеш аз ҳама кодексҳои мурофиавии маданӣ, ҷиноятӣ ва иқтисодӣ таҷдиди назар карда шуда, дар таҳрири нав қабул карда шаванд. **[32–М].**

**Чордаҳум,** низоми мавҷудаи таҳсилоти бозомӯзии судяҳо ба баланд бардоштани шуури ҳуқуқии касбии судяҳо мусоидат карда наметавонад.

Зеро муқаррароти қонун оид ба дар ду сол як маротиба бо такмили ихтисос фаро гирифта шудани судяҳо, ки муҳлати он дар таҷриба 10 руз муқаррар гардидааст нокифоя мебошад. Таҷрибаи дигар давлатҳо нишон медиҳад, ки муҳлати бозомӯзии судяҳо аз як моҳ кам набуда, он дар муассисаҳои илмӣ, бо ҷалби кафедраҳои дахлдор ва олимони маъруф фаро гирифта мешавад. Маркази таълимии судяҳо дар назди Суди Олии ҶТ чунин имкониятҳо надошта, барои баланд бардоштани такмили ихтисоси онҳо ба талабот ҷавобгу шуда наметавонад, ҳатто барои судяҳои Суди конститутсионӣ ва судҳои иқтисодӣ шароити бозомӯзии судяҳо вуҷуд надорад. Бинобар ин, муаллиф пешниҳод менамояд, ки бозомӯзӣ ва баланд бардоштани такмили ихтисоси судяҳо бо сабаби мавҷуд набудани замина оид ба бозомӯзии судяҳо дар Суди Олӣ ва Маркази тахлимии он, бозомӯзии судяҳо дар факултаети ҳуқуқшиносӣ бо таҳияи барномаи махсус бо васоитҳои таълимии дахлдор амалӣ намудан ба мақсад мувофиқ аст. Чунки маҳз бозомӯзии сифатнок ва дахлдор ба баланд бардоштани тахасуси касбии судяҳо, ҳамчун заминаи инкишофи шуури ҳуқуқии судяҳо мегардад. [8–М]. [10–М]. [23–М]. [30–М].

**Понздаҳум,** фаъолияти судӣ масъулияти баландро талаб намуда, неруи зиёди ақлонию ҷисмониро талаб менамояд. Бо ин мақсад муаллиф пешниҳод менамояд, ки ҳангоми ба амал баровардани адолати судӣ ва қабули санадҳои судӣ, дар фаъолияти судҳо дар қонунгузорӣ баъзе истисноиҳо пешбинӣ карда шаванд, ки онҳо ба баланд бардоштани самаранокии фаъолияти судяҳо ва беҳтар гардонидани сифати санадҳои судӣ мусоидат менамоянд. Аз ҷумла, дар ҳамаи зинаҳои судӣ пурра таҳия намудани санадҳои судӣ вобаста ба парвандаҳои мушаххас ҳамчун истисно пешбинӣ карда шаванд: санади судӣ ҳамон вақт пурра таҳия карда мешавад, ки агар онро тарафҳои мурофиа ва ё иштирокчиёни мурофиа талаб намоянд; санади судӣ ҳамон вақт пурра таҳия карда мешавад, ки агар санади судӣ аз ҷониби тарафҳо ва ё иштирокчиёни мурофиа шикоят карда шавад; санадҳои судие ки дар онҳо сирри давлатӣ, сирри оилавӣ ва сирри тиҷоратӣ ошкор мешаванд, новобаста аз ду ҳолати дар боло зикргардида, пурра таҳия карда намешаванд. Вобаста ба ин пешниҳодҳо инчунин дар қонунгузорӣ пешбинӣ намудани имзои электронии судя ва супоридани нусхаи санади судӣ ба тариқи электронӣ пешбинӣ карда шавад. [8–М]. [10–М]. [14–М]. [16–М]. [30–М].

## ТАВСИЯҲОИ АМАЛӢ:

1. Ба Конститутсияи ҶТ тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

1) Қисми 2 моддаи 19 дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

«Ҳеҷ касро ғайриқонунӣ дастгир ва ё ҳабс кардан мумкин нест. Ба ҳар шахс ёрии адвокат аз лаҳзаи дастгир шудан таъмин карда мешавад.».

2) Моддаи 84 дар таҳрири нав ифода карда шавад:

«Моддаи 84. Адолати судиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз номи давлат танҳо суд ба амал мебарорад.

Ҳокимияти судӣ бавоситаи мурофиаи судии конститутсионӣ, маданӣ, иқтисодӣ, ҷиноятӣ ва ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ амалӣ мегардад.

Тартиби таъсис, ташкил ва фаъолияти низоми судиро қонуни конститутсионӣ муайян мекунад.

Таъсиси суди фавқулода манъ аст.»;

3) Моддаи 85 дар таҳрири нав ифода карда шавад:

«Моддаи 85. Ба вазифаи судя шахсе интихоб ё таъин мешавад, ки танҳо шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дошта бошад, дорои таҳсилоти олии ҳуқуқшиносӣ буда, сини ӯ аз 30 кам набошад ва ҳадди аққал 5 сол собиқаи кории касбӣ дошта бошад. Қонуни конститутсионӣ метавонад нисбати судяҳои судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон талаботҳои иловагиро муқаррар намояд.»;

4) Ба моддаи 86 қисми 1 бо мазмуни зайл илова карда шавад:

«Раис, муовинон ва судяҳои Суди конститутсионӣ, Суди Олӣ ва Суди Олии иқтисодӣ бо пешниҳоди Президент аз ҷониби Маҷлиси миллӣ интихоб ва бозхонд мешаванд.».

2. Ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июли соли 2014, № 1084 «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

1) Дар моддаи 2:

- қисми 2 хориҷ карда шавад;
- дар қисми 3 калимаи «оилавӣ» хориҷ карда шавад;

2) Моддаи 4 дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

**«Моддаи 4. Вазифаи суд**

Вазифаи суд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз баровардани адолати судӣ ва таъмини адолати иҷтимоӣ иборат мебошад.»;

3) Дар моддаи 12:

- дар қиссми 2 рақами «25» ба рақами «30» ва рақами «3» ба рақами «5» иваз карда шаванд;

-қисми 3 дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

«3. Сини ниҳоии дар мансаби судяҳои Суди Конститутсионӣ, Суди Олӣ ва Суди Олии иқтисодӣ 70 сол, судяҳои судҳои вилоят ва шаҳри Душанбе, судҳои шаҳр ва ноҳия, суди ҳарбии гарнизонҳо, Суди иқтисодии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои иқтисодии вилоят ва шаҳри Душанбе 65 сол муайян карда шавад».

4) дар моддаи 22:

Сархатҳои якум, дуюм, сеюм ва чорум хориҷ карда шаванд.

5) дар моддаи 23 қисми 3 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«3. Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳайати зерин фаъолият мекунад:

- Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- коллегияҳои касссатсионӣ ва назоратии судӣ оид ба парвандаҳои мадании Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- коллегияҳои касссатсионӣ ва назоратии судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- коллегияҳои касссатсионӣ ва назоратии судӣ оид ба парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- коллегияҳои судии касссатсионӣ ва назоратии ҳарбии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон».

6) моддаҳои «28, 29 ва 30» хориҷ карда шаванд.

7) Моддаи 32 дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

**«Моддаи 32. Салоҳияти коллегияҳои ҳарбии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

1. Коллегияҳои ҳарбӣ:

- парвандаҳоро ба тариқи кассатсионӣ ва назоратӣ баррасӣ менамоянд;

- аризаи тарафҳо, прокурор, шахсони дигари иштирокчии парванда ва шахсони манфиатдорро дар бораи вобаста ба ҳолатҳои нав ошкоргардида аз нав баррасӣ намудани санадҳои судии эътибори қонунӣ пайдонамуда, инчунин қарори қабулнамудаи коллегияи ҳарбӣ, ки дар асоси он санадҳои судии марҳилаи якум тағйир дода шудааст ё санадҳои судии нав қабул шудааст, баррасӣ менамоянд;

- таҷрибаи судиро ҷамъбаст, омори судиро таҳлил менамояд ва аз натиҷаи онҳо ба мақомоти дахлдор пешниҳод ирсол менамоянд;

- ваколатҳои дигареро, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст, амалӣ менамоянд.».

8) Моддаи 33 дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

«Моддаи 33. Салоҳияти коллегияҳои судӣ оид ба парвандаҳои мадании Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Коллегияҳои судӣ оид ба парвандаҳои маданӣ:

- ба тариқи кассатсионӣ ва назоратӣ парвандаҳои маданӣ ва оилавиро баррасӣ менамоянд;

- аризаи тарафҳо, прокурор, шахсони дигари иштирокчии парванда ва шахсони манфиатдорро дар бораи вобаста ба ҳолатҳои нав ошкоргардида аз нав баррасӣ намудани санадҳои судии эътибори қонунӣ пайдонамуда, инчунин қарори қабулнамудаи ӯ, ки дар асоси он санадҳои судии марҳилаи якум тағйир дода шудааст ё санадҳои судии нав қабул шудааст, баррасӣ менамоянд;

- таҷрибаи судиро ҷамъбаст, омори судиро таҳлил мекунад ва аз натиҷаи онҳо ба мақомоти дахлдор пешниҳод ирсол менамоянд;

- ваколатҳои дигареро, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст, амалӣ менамоянд.».

9) Моддаи 34 хориҷ карда шавад.

10)Моддаи 35 дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

**«Моддаи 35. Салоҳияти коллегияҳои судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Коллегияҳои судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ:

- ба тариқи кассатсионӣ ва назоратӣ парвандаҳои ҷиноятиро баррасӣ менамоянд;

- аризаи тарафҳо, прокурор, шахсони дигари иштирокчии парвандаро дар бораи вобаста ба ҳолатҳои нав ошкоргардида аз нав баррасӣ намудани санадҳои судии эътибори қонунӣ пайдонамуда, инчунин қарори қабулнамудааш, ки дар асоси он санадҳои судии марҳилаи якум тағйир дода шудааст ё санадҳои судии нав қабул шудааст, баррасӣ менамояд;

- таҷрибаи судиро ҷамъбаст, омори судиро таҳлил мекунад ва аз натиҷаи онҳо ба мақомоти дахлдор пешниҳод ирсол менамоянд;

- ваколатҳои дигареро, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст, амалӣ менамояд.».

11) Моддаи 36 дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

«Моддаи 36. Салоҳияти коллегияҳои судӣ оид ба парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Коллегияҳои судӣ оид ба парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ:

- ба тариқи кассатсионӣ ва назоратӣ парвандаҳои маъмуриро баррасӣ менамоянд;

- аризаи тарафҳо, прокурор, шахсони дигари иштирокчии парвандаро дар бораи вобаста ба ҳолатҳои нав ошкоргардида аз нав баррасӣ намудани санадҳои судии эътибори қонунӣ пайдонамуда, инчунин қарори қабулнамудаи он, ки дар асоси он санадҳои судии марҳилаи якум тағйир дода шудааст ё санадҳои судии нав қабул шудааст, баррасӣ менамоянд;

- таҷрибаи судиро ҷамъбаст, омори судиро таҳлил мекунад ва аз натиҷаи онҳо ба мақомоти дахлдор пешниҳод ирсол менамоянд;

- ваколатҳои дигареро, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст, амалӣ менамоянд.».

12. Дар моддаи 37:

- дар сархати 9 калимаҳои «шумора ва ҳайати Раёсати Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» хориҷ карда шавад;

- сархати 10 ва 12 хориҷ карда шавад;

- дар сархати 11 калимаҳои «Раёсати Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон,» хориҷ карда шавад;

- дар сархати 13 калимаҳои «коромӯз-судя» хориҷ карда шавад;

13) Дар моддаи 38:

- сархатҳои яум ва дуюм хориҷ карда шаванд;

- дар сархати ҳафтум калимаҳои «кори Раёсат» хориҷ карда шаванд.

14) Дар моддаи 39:

- сархати дуюми қисми 2 хориҷ карда шавад;

- дар сархати чоруми қисми 2 калимаҳои «ва Раёсати» хориҷ карда шавад.

15) Дар моддаи 40:

- сархати якум хориҷ карда шавад;

- дар сархати чорум «Раёсати Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» хориҷ карда шавад.

16) Дар моддаи 41:

- сархати якум хориҷ карда шавад;

- дар сархати чоруми калимаҳои «ва Раёсати» хориҷ карда шавад.

17) Моддаи 42 хориҷ карда шавад.

18) Дар моддаи 45:

- дар сархати якум калимаҳои «дар марҳилаи якум» хориҷ карда шавад;

- сархати дуюм дар таҳрири нав ба таври зайл ифода карда шавад: «аризаи тарафҳо, прокурор, шахсони дигари иштирокчии парванда ва шахсони манфиатдорро дар бораи вобаста ба ҳолатҳои нав ошкоргардида аз нав баррасӣ намудани санадҳои судии эътибори қонунӣ пайдонамуда, инчунин қарори қабулнамудаи ӯ, ки дар асоси он санадҳои судии марҳилаи якум тағйир дода шудааст ё санадҳои судии нав қабул шудааст, баррасӣ менамояд»;

19) Дар моддаи 46:

-сархати дуюм қисми 3 хориҷ карда шавад.

20) Дар моддаи 48:

-сархати якуми қисми 1 хориҷ карда шавад.

-дар сархати чоруми қисми 1 калимаи «Раёсат» хориҷ карда шавад.

21) Моддаҳои 50 ва 51 хориҷ карда шаванд.

22) Дар моддаи 53:

- дар сархатҳои ҳаштум, нуҳум ва сенздаҳум калимаҳои «Раёсати Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» хориҷ карда шаванд.

23) Дар моддаи 54:

-сархати якум хориҷ карда шавад.

24) Дар моддаи 55:

-сархати якум хориҷ карда шавад;

-дар сархати чорум калимаҳои «Раёсати Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» хориҷ карда шаванд.

25) Моддаи 56 хориҷ карда шавад.

26) Дар моддаи 70:

- сархати якум ва сеюм хориҷ карда шаванд.

27) Моддаҳои 72, 73 ва 74 хориҷ карда шаванд.

28) Дар моддаи 76:

- калимаи «оилавӣ» хориҷ карда шавад.

29) Дар моддаи 77:

- дар сархати шашум калимаҳои «ва Раёсати судҳои мазкур» хориҷ карда шаванд;

- сархати ҳафтум хориҷ карда шавад.

30) Дар моддаи 107:

-дар матни модда калимаҳои «ва коромӯз-судяҳо» хориҷ карда шаванд.

31) Моддаи 108 хориҷ карда шавад.

## ИНТИШОРОТ АЗ РӮЙИ МАВЗӮИ ДИССЕРТАТСИЯ

### а) Монографияҳо, дастури таълимӣ:


[1–М]. Кодиров, Т.К. – гл. 39. гл. 41 Комментарии к гражданскому процессуальному кодексу Республки Таджикистан [Текст] / Т.К. Кодиров / Под.ред. профессора Рахимова М.З. – Душанбе, 2012. – 573 с.

[2–М]. Қодиров Т.Қ., Бобоҷонов И.Ҳ., Қодиров Т.Қ., Бадалов Ш.К. Уҳдадориҳои алиментдиҳӣ (дар назария ва амалияи Ҷумҳурии Тоҷикистон): Дастури таълимию амалӣ/ Зери таҳрири Раиси Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмудов М.А.. [Матн] / Т.Қ. Қодиров, И.Ҳ. Бобоҷонов, Ш.К. Бадалов. – Душанбе «Эр–граф», 2012. – 272 с. – ISBN 978-99947-41-97-7.

[3–М]. Кодирзода Т.К. Актуальные проблемы осуществления субъективных гражданских прав (учебное пособие). [Текст] / Т.К. Кодирзода. – Душанбе. 2013. –92 с.

[4–М]. Кодирзода Т.К. Злоупотребления субъективными гражданскими правами (теория и практика). Монография. [Текст] / Т.К. Кодирзода. – Душанбе.: «Ямини содик», 2014. – 176с.

[5–М]. Кодирзода Т.К. Поблемы злоупотребления субъективными гражданскими правами. Монография. [Текст] / Т.К. Кодирзода. – Душанбе.: Издательство “Эр–граф”, 2019. – 164 с. – ISBN 978-99975-73-68-1.

[6–М]. Қодирзода Т.Қ., Бобоҷонзода И.Ҳ., Ашурзода А.А., Ғафорзода И., Саидзода М.Ш., Анушервони И., Ҳамроқулзода Б.А. Тафсири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кудак» [Матн] / Т.Қ. Қодирзода, И.Ҳ. Бобоҷонзода, А.А. Ашурзода, И. Ғафорзода, М.Ш. Саидзода, И. Анушервони, Б.А. Ҳамроқулзода // Зери таҳрири Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шермуҳаммад Шоҳиён. – Душанбе: «Эр–граф». 2019.–308 саҳ. – ISBN 978-99975-96-87-5.

[7–М]. Қодирзода Т.Қ., Бобоҷонзода И.Ҳ., Раҳимзода Р.Ҳ., Сафарзода А.И., Шоҳиён А., Солиев К.Х., Ҳусейнзода С.Ҳ., Ғафорзода И., Ғоибназар И., Қудратзода М. Ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми умумӣ. Китоби дарсӣ [Матн] / Т.Қ. Қодирзода, И.Ҳ. Бобоҷонзода, Р.Ҳ. Раҳимзода, А.И. Сафарзода, А. Шоҳиён, К.Х. Солиев, С.Ҳ. Ҳусейнзода, И. Ғафорзода, И. Ғоибназар, М. Қудратзода // Зери таҳрири д.и. ҳ., дотсент Раҳимзода Р.Ҳ. ва д.и. ҳ. Бобоҷонзода И.Ҳ. — Душанбе: «Эр–граф», 2019. – 550 с. – ISBN 978-99975-73-93-3

